**ПАЖӮҲИШГОҲИ РУШДИ МАОРИФ БА НОМИ АБДУРАҲМОНИ ҶОМИИ АКАДЕМИЯИ ТАҲСИЛОТИ ТОҶИКИСТОН**

**ТДУ: 372.831.6 (575.3)**
**ТБК: 74.66 (2т)**
**С – 12**

***Бо ҳуқуқи дастнавис***



**САДУЛЛОЕВА ГУЛНОРА МОХАДОВНА**

# АСОСҲОИ ПЕДАГОГИИ ТАШАККУЛИ САЛОҲИЯТИ ИҶТИМОИШАВИИ ДОНИШҶӮЁНИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ КАСБӢ ДАР ДЕМОКРАТИКУНОНИИ РАВАНДИ ТАЪЛИМ

**Диссертатсия**
**барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.05. - Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳанги иҷтимоӣ (13.00.05.03 - Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ)**

**Роҳбари илмӣ:** Маҳкамов Дастам
номзади илми педагогӣ, дотсент

**ДУШАНБЕ – 2025**

## МУНДАРИҶА

**МУҚАДДИМА..........................................................................................3-17**

**БОБИ I. ДЕМОКРАТИКУНОНИИ РАВАНДИ ТАЪЛИМ ДАР ТАШАККУЛИ САЛОҲИЯТ ВА ИҶТИМОИШАВИИ ДОНИШҶӮЁНИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ КАСБӢ .......................18-89**

1.1. Демократикунонии таҳсилоти миёнаи касбӣ- омили асосии ташаккули салоҳияти касбӣ ва иҷтимоишавии донишҷӯён…………......18-40

1.2. Асосҳои педагогии идоракунии демократаии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ- омили иҷтимоишавии донишҷӯён…………41-62

1.3. Мавқеи мақомоти худидоракунии донишҷӯён дар иҷтимоишавии онҳо дар шароити муосир………………………………63-85

Хулосаи боби 1……………………………………………………..86-89

**БОБИ II. ОМОДАГИИ КАСБИИ ОМӮЗГОРОНИ ОЯНДА БА ДЕМОКРАТИКУНОНИИ МУНОСИБАТ ДАР МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ УМУМӢ ………………………………….90-162**

2.1.Мазмуни таҳсилоти касбӣ дар раванди демократикунонии таълиму тарбия дар иҷтимоишавии донишҷӯён дар шароити муосир…...........................................................................................90-111

2.2. Нақшаҳои таълимӣ, барнома, дастурҳои таълимӣ методӣ ва китоби дарсӣ дар мувофиқа бо талаботи иҷтимоишавии донишҷуён………………………………………………………………..112-134

2.3. Озмоиш ва мушоҳидаҳои педагогӣ оид ба раванди навсозии таълим ва тарбия дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ба иҷтимоишавӣ…………………………………………………………135-157

Хулосаи боби 2……………….……………………………..158-162

**ХУЛОСАИ УМУМӢ……………………………………..163-167**

**АДАБИЁТ……………………………..………………...168-181**

# МУҚАДДИМА

**Мубрамияти мавзуи таҳқиқот**. Салоҳияти касбии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбиро бе донистан ва риоя намудани талаботҳои демократикунонии раванди таълим тасаввур кардан мумкин нест. Демократикунонии низоми таълим ва тарбия равандест, ки шуури баланд, масъулияти шахсӣ ва муносибати оқилонаро ба таълим ва тарбия талаб менамояд. Демократикунонии низоми таълим дар бисёр мамлакатҳои ҷаҳон ба вазифаи калидӣ табдил ёфта, на танҳо муттамарказ гардонидани таълимро дар сатҳи давлатӣ, балки башардӯстона гардонидани муносибат ва демократикунонии идоракуниро дар тамоми дараҷаи низоми маориф талаб менамояд.

Шиори демократикунонии низоми маориф дар Тоҷикистон дар давраи аввали ислоҳоти маориф аз солҳои 90- уми қарни гузашта бардошта шуда буд, аммо мутаасифона то ҳол дар таҷрибаи таълимӣ пурра ворид нагардидааст. Ҳола ҳам дар тамоми зинаҳои таҳсилот мавҷудияти низоми маъмурӣ- фармонвармоӣ дарк мегардад, ки раванди демократикунонии таълиму тарбия ва ташаккули салоҳиятнокиро халалдор мегардонад.

Мубрамияти демократикунонии таҳсилоти касбӣ дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», [52,72], Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, «Барномаи давлатии ислоҳот ва рушди соҳаи таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012- 2020», «Консепсияи рушди таҳсилоти касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Консепсияи тарияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва дигар ҳуҷҷатҳои меъёрӣ ҳуқуқӣ ифодаи хешро ёфтаанд, ки дар онҳо мақсад ва вазифаҳои таълим ва тарбияи донишҷӯён дар ҷамъияти шаҳрвандӣ ва давлати демократӣ муайян карда шудааст. Дар ин ҳуҷҷатҳо сухан дар бораи барқароршавии ҷомеаи шаҳрвандӣ ва давом ёфтани ислоҳоти демократикунонӣ меравад, ки иқтидори ҷамъиятро муттаҳид намудан дорад. [71, с.170].

Мубрамияти ин масъала дар он зоҳир мешавад, ки тағйири ҳадаф ва васеъшавии вазифаҳои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ бояд ба такмил ва муосиргардонии мазмуни таълим, сохтори муассиса, низоми таҳсилот ва шароитҳои демократикунонии тамоми фаъолияти муассиса оварда расонад. Талаботҳои демократикунонӣ ва муносибати босалоҳият бояд тавассути сифати нави назорати дохилии муассиса татбиқ шаванд.

Муҳиммияти масъала ҳамчунин дар он зоҳир мешавад, ки назорати дохилии муассиса хусусияти башардӯстона касб мекунад ва дар шакли зерин амалӣ мегардад: арзишҳои умумиинсонӣ риоя мешаванд; инкишофи озодонаи шахсият таъмин гардида; дастрасии умумӣ ва одаткунӣ ба инкишоф тавассути таълим ва тарбия таъмин гардида; идоракунии таълим характери давлатӣ-ҷамъиятиро дар худ касб намуда; дар асоси барнома мутахассисони рақобатпазир дар талаботҳои бозори мехнат омода карда мешаванд.

Мубрамияти мавзӯи диссертатсионӣ дар он зоҳир мегардад, ки дар ибтидои ҷараёни демократикунонии идоракунии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ инҳо қарор мегиранд:

- ошкорбаёнӣ, ҳамчун шароити ягонагии коллективи омӯзгорон, дар таъмини иштироки воқеии онҳо дар идоракунии муассиса;

- характери давлатӣ- ҷамъиятӣ доштани идоракунии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ;

- таъмини мустақилияти муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ;

- мустақилияти ҳуқуқии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ;

- ҳуқуқи омӯзгор ба эҷод ва навоварии педагогӣ;

- ҳуқуқи донишҷӯ ба интихоби муассиса, интихоби касб, тахассус ва намуди таълим ва омӯзгорон;

- интихоби омӯзгор, аз ҷониби донишҷӯён, дар шароити муосир мубрамият пайдо намуда, омӯзгорро ба хулосабарорӣ водор менамояд.

Дар шароити солҳои 2021 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бештар аз 61 муассисаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ, 75 муассисаи таҳсилоти миёнаи

касбӣ, 40 муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, ки аз он 17 тояш донишгоҳ, 14 тояш донишкада, 1 консерватория, 4-тояш оид ба ҳифзи ҳуқуқ ва 4 филиал фаъолият менамояд, дар он ҷавонон ба ҳаёти тағйирёбандаи ҷамъият одат пайдо менамоянд. [128,72].

Мубрамияти тадқиқот дар он мебошад, ки усулҳо ва тарзҳои фаъолияти ин муассисаҳо бояд хусусиятҳои иҷтимоиро ба назар гиранд, рушди маънавӣ ва ҷисмониро кафолат диҳанд ва мутобиқшавии иҷтимоии ҷавононро ба шароити тағйирёбандаи ҷомеа танзим кунанд.

Ҳадафи асосии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ибтидои асри бисту як бартараф намудани мушкилоти иҷтимоию иқтисодӣ ва амалӣ намудани чораҳои созанда барои демократикунонии раванди таҳсил ва тарбия мебошад. Дар шароити муосир, зарур аст, ки омӯзгорони оянда дониши ҳамаҷониба дар бораи принсипҳои демократӣ, башардӯстӣ, таҳаммулпазирӣ, инноватсия ва муносибати босалоҳият ба раванди таълим дошта бошанд. Ин ҷанбаҳо имрӯз ба талаботи муҳимтарини соҳаи педагогикаи муосир табдил ёфтаанд. Мавқеи асосиро дар татбиқи ин талаботҳо муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбии самти омӯзгорӣ ишғол менамоянд, ки донишҷуёнро бо донишҳои илмӣ мусалаҳ намуда, ба фаъолияти амалӣ дар раванди демократикунонии раванди таълим ва ташаккули салоҳияти касбӣ омода менамоянд.

Муҳимияти ин мавзуъ дар он зоҳир мегардад, ки он ба ташаккули масъулияти шаҳрвандӣ, маънавият ва худогоҳии фарҳангӣ мусоидат менамояд. Инчунин, он дар омода сохтани шахс барои қабули масъулиятҳои бештар, мустақилият дар муносибатҳои иҷтимоӣ ва мутобиқшавӣ ба талаботи бозори меҳнат нақши муҳим мебозад. Аз ҷиҳати илмӣ ва методологӣ, аҳамияти ин таҳқиқот дар тавони он барои равшан сохтани роҳҳои худидоракунии донишҷӯён ҳангоми ифодаи худ дар доираи таҳсилоти касбӣ ва педагогӣ таҷассум меёбад.

**Дарачаи коркарди илмии мавзу**. Демократия ва демократикунонии ҳаёти ҷомеаи инсонӣ яке аз орзӯҳои доимии инсоният дар раванди таърих маҳсуб меёф ва меёбад. Дар ин раванд моҳияти баландро осори намояндагони адабиёти классики тоҷику форс, таҳқиқотҳои олимони тоҷик, рус ва ҷаҳонӣ ишғол менамояд.

Заминаи назариявии демократикунонии таълим ва тарбияро дар идоракунии дохилимуассиса олимони соҳаи фалсафа, педагогика, психология ба монанди: Е.Н.Шиянов, И.Б.Котова, Е.В.Бондаревская, Н.А.Шайденко, И.С.Якиманской, [162,72], Е.С.Березняк, Ю.В.Василев, Ю.А.Конаржевский, М.И.Кондаков, А.А.Орлов, П.В.Худоминский, В.П. Беспалько, М.М. Поташников, А.М.Моисеев, Т.И.Шамова ва дигарон гузоштанд.

Оид ба навсозии соҳаҳои мушахаси шаклҳои идоракунии фаъолияти роҳбарони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ олимон В.И.Зверева, Л.Е.Плескач, И.К.Шалаев, В.Г. Афанасьев, В.С.Илин корҳои зиёдеро анҷом бахшиданд. Проблемаи такмили қатъии идоракунии маорифро Н.С. Дежникова мавриди назар қарор дода, қайд менамояд: «Бунёди демократӣ, ҷамъиятӣ- давлатии низоми идоракунии маориф - яке аз омилҳои ҳалкунандами барқароркунандаи мактаб мебошад» [43,с.3].

Оид ба баланд бардоштани таъминоти ахборотии идоракунии раванди таълиму тарбия дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ олимон Ю. К. Кузнецов, Ю. В. Чернов таҳқиқотҳои арзанда гузарониданд.

Дар ин раванд дар бораи мазмуни таълим педагогони машҳур, Е. А. Коган, В. В. Лаптев, О. Е. Эльконин андешаҳои ҷолибе пешниҳод намуданд.

Масъалаи такмил додани фаъолияти якҷояи маъмурият бо ташкилотҳои ҷамъиятӣ дар кори олимон И. И. Митинов, В. И. Пирогов, С. Е. Хозе, П. Т. Фролов ифодаи равшани худро ёфтаанд.

Оғози муносибати босалоҳият кори комиссияи ЮНЕСКО зери роҳбарии собиқ вазири маорифи Франсия- Э. Фора мебошад, ки соли 1972 баргузор гардида буд. Таълим бояд мутобиқи андешаи ӯ ба «тамоми иқтидори инсонӣ: ба шуур, хотира, зеҳн, ҳисси зебогӣ, имкониятҳои ҷисмонӣ, навгониҳои муоширатӣ» таъсир бахшад.

Оид ба масъалаи муносибати босалоҳият, инчунин А.Н. Леонтьев, [80,52], А.Р Лурия, С.Л. Рубинштейн корҳои арзандаро сомон бахшидаанд. Оид ба проблемаи башардӯстона ва демократикунонии идоракунӣ ва роҳбарии муассисаҳои таълимӣ олимони доғистонӣ ба монанди- М.Н. Алиев, Э.Г. Гарунов, З.Т. Гасанов, Д.М.Маллаев, А.Н. Нюдюрмагомедов, С.Т. Тучалаев, З.Я. Якубов ва дигарон таваҷҷуҳ зоҳир намудаанд.

Асоси муносибати анъанавиро ба омӯзиши иҷрои идоракунии вазифавӣ олимон М.Вебер ва В.Вильсон гузоштанд. Аммо асосгузори муносибати босалоҳият дар таълим таҳқиқотчиёни амрикоӣ Д. Мак-Клелланд, Р. Бомцис, С. Спенсер маҳсуб меёбанд.

Пеш аз ҳама, бояд таҳқиқоти олимон А.А. Вербицкоий, В.А. Далингер, Х. Ксенофонтов, О. Мартыненко, А.В. Прилепинов, И. Черной, А. В. Хуторской, оид ба татбиқи муносибати босалоҳият дар низоми таҳсилоти ватанӣ мавриди омӯзиш қарор гирад, ки ба навсозии маориф мувофиқ мебошанд.

Ин проблема дар таҳқиқотҳои олимони соҳаи педагогика ва психологияи русу тоҷик ба монанди О. А. Абделиной, А. С. Макаренко [91], Л. И. Носиков, О. С. Богданов, Б. П. Лихачев, В. А. Сластёнин, Ю. Н. Кулюткин, И. Г. Сухобской, Сейтешев А.П. [127], С. Л. Рубенштейн, А. Н. Леонтев[80], Н. А. Менчинской, М.Лутфуллозода [90], Ш. Абдуллоев [3], Х. М. Зиёӣ, Х.Буйдоқов [24], И. Х. Каримова, Ф. Шарифзода [160], А. А. Вербицкий [30], Д.Махкамов [108], С. Шербоев, З.Ҳалимов, Бобизода Ғ, ва дигарон мавриди омӯзиш қарор гирифтааст.

Ба ин масъала инчунин олимони хориҷӣ ба монанди: К. Котосек - Чех; Е. Сечи ва И. Фамуш - Венгер; К. Гроховский, П. Рюкварт, К. Крейн

- Олмон; Г. Нельсон, Дж. Такер, Р. Пек, - ИМА; Д. Ален, А. Грегори, Канада ва дигарон таваҷҷуҳ зоҳир намудаанд.

Дар раванди таҳқиқот бо диссертацияи номзадии Максимов В.Г. дар мавзуи: «Асосҳои педагогии демократикунонии ҷараёни таълим ва тарбия дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи махсус ва ташаккули муҳаббати касб дар донишҷӯёни донишгоҳҳои педагогӣ тавассути таҷрибаомӯзии педагогӣ», диссертатсияи номзадии Маҳкамов Д дар мавзуи: «Асосҳои педагогии демократикунонии раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ: анъанаҳои асосии инкишоф»ва диссертатсияи номзадии Далиев Ф.Т. дар мавзуи: «Омода намудани омӯзгорони мактаб ба роҳбарии таҷрибаомӯзии педагогии донишҷӯён», диссертатсияи Ниёзов А.М дар мавзуи «Инкишофи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои соҳибистиқлолӣ» оид ба демократикунонӣ ва муносибати босалоҳият шинос гардидам.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ё мавзуҳои илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ бо Барномаи давлатии тарбияи ватандӯстӣ ва таҳкими ҳувияти миллии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2022, инчунин дар доираи татбиқи нақшаи корҳои илмию таҳқиқотии шуъба таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи А.Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон дар мавзуи «Асосҳои педагогии демократикунонии раванди таълим дар ташаккули салоҳияти иҷтимоии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ» ва мусоидат ба талаботи асосии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Стротегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то солҳои 2030 иҷро шудааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ДИССЕРТАТСИЯ

**Мақсади таҳқиқот.** Коркарди асоси назариявӣ ва тафтиши таҷрибавии татбиқи демократикунонии таълим дар ташаккули салоҳияти донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар раванди иҷтимоишавии донишҷӯён.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Барои расидан ба мақсадҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ҳалли чунин вазифаҳоро зарур мешуморем:

- гузаронидани таҳлили муқоисавии муносибатҳои анъанавӣ ва башардӯстона оид ба проблемаҳои идоракунии дохилии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ;

- таҳқиқ намудани низоми идоракунии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар давраҳои гуногуни инкишофи ҷамъият;

- ошкор намудани мавҷудияти робитаҳои байни сохторҳои дохилимуассисавӣ дар раванди демократикунонию муносибати босалоҳият дар иҷтимоишавӣ;

- ошкор сохтани майли зерсохторҳои дохили муассиса ба идоракунии башардӯстона ва демократӣ дар ташаккули салоҳиятнокии донишҷӯён;

- барпо намудани шароити мутадили педагогӣ баҳри муттаҳид гардидани тамоми иштирокчиёни идоракунии дохили муассиса ба арзишҳои башардӯстона дар иҷтимоишавии донишҷӯён.

- муайян кардани таркиби тайёрии касбии омӯзгорон барои фаъолиятҳои педагогӣ тавассути таҳлили донишҳо, малакаҳо ва маҳорати зарурӣ, ки дар раванди демократонӣ ва ташаккули салоҳияти касбӣ муҳиманд;

- таҳия ва пешниҳод кардани тавсияҳои илмӣ ва амалӣ роҷеъ ба такмили омодагии касбии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ барои иҷтимоӣ шудан.

**Объекти таҳқиқот.** демократикунонии ҷараёни таълим ва тарбия дар ташаккули салоҳияти касбии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ва дар раванди иҷтимоишавии донишҷӯён.

**Мавзуи (предмети) таҳқиқот.** истифодаи самарабахши шароитҳои педагогӣ, шакл ва методҳои демократикунонии таълим дар ташаккули салоҳияти донишҷӯён ба иҷтимоишавии онҳо.

**Фарзияи таҳқиқот.** Демократикунонии раванди таълим ва муносибати босалоҳият дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ бо иҷимоишавии донишҷӯён мусоидат менамояд, **агар:**

- дарки шууронаи демократикунонии идоракунии муассиса дар ташаккули салоҳияти касбии донишҷӯён бо навсозии муносибати омӯзгорону донишҷӯён бо таълиму тарбия коркард гардад;

- тағйироти мавҷудаи башардӯстона дар ҳамкории тамоми иштирокчиёни ҷараёни педагогӣ дар раванди демокатикунонӣ ва муносибати босадоҳият ба иҷтимоишавӣ коркард гардид;

- эҷодкории иштирокчиёни ҷараёни таълим тавассути равандҳои башардӯстона ва демократӣ тавассути муносибати босалоҳият имкнпазир гардид;

- пурзӯр намудани мақоми хайрхоҳона, дастгирӣ ва ёрии беғаразона ба кори донишҷӯён дар идоракунии ҷараёни педагогӣ расонида шавад.

**Марҳилаҳои таҳқиқот:** Таҳқиқот дар се марҳила анҷом дода шудааст.

**Марҳилаи якуми таҳқиқот** (солҳои 2017-2019) давраи ҷустуҷӯӣ-ояндабинӣ ном дошта, дар он моҳияти мавзӯи таҳқиқот ташаккул ёфта, адабиётҳои зарурӣ мавриди таҳлил қарор дода шуда, маълумотҳои пеш аз таҷрибавӣ дар бораи асосҳои педагогии демократикунонии таълим ва тарбия ва рушди салоҳияти касбии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар раванди иҷтимоишавӣ ҷамъоварӣ гардида, проблемаи таҳқиқот аниқ карда шуд; ҳуҷҷатҳои меъёрӣ таҳлил гардида, фарзияи корҳои таҷрибавӣ- озмоишӣ амиқ гузаронида шуда, нақшаи он тартиб дода шуд.

**Марҳилаи дуюм (**солҳои 2020-2022) – барузории корҳои таҷрибавӣ озмоишӣ, назарпурсӣ ва муқоисаи методу усулҳои дигар бо усули демократикунонӣ ва муносибати босалоҳият дар иҷтимоишавии

донишҷӯён гузаронида шуд. Дастгоҳи методӣ коркард ва татбиқ гардида, дараҷаи самаранокии демократикунонӣ ва муносибати босалоҳият асоснок карда шуд; корҳои ташкилӣ барои муайян намудан ва омӯзиши гурӯҳҳои назоратӣ ва озмоишӣ амалӣ гардид.

**Марҳилаи сеюм** (солҳои 2023-2024) – давраи ҷамъбастӣ-хулосабарорӣ мебошад, ки муассисаҳои озмоиширо муайян намуда; тавсияҳои методӣ оид ба демократикунонии раванди таълим ва муносибати босалоҳият дар идоракунии дохилимуассиса коркард гардид; озмоишҳои шиносоӣ ва ташаккулдиҳанда гузаронида, натиҷаи онро таҳлил намуда; маълумотҳои озмоиш коркард гардида, диссертатсия дар шакли мукамал омода гардид.

**Асосҳои методологии таҳқиқот.** Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», «Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то давраи соли 2030», «Барномаи давлатии амалӣ намудани технологияҳои иттилоотӣ- коммуникатсионӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ барои солҳои 2018-2022», «Барномаи давлатии ислоҳот ва рушди соҳаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2020», «Барномаи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020», «Консепсияи рушди таҳсилоти касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2022», «Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» ва ғайра шуда метавонанд.

**Асосҳои назариявии таҳқиқотро** корҳои илмӣ- таҳқиқотии олимони шинохтаи ватанӣ ва хориҷӣ, ки ба паҳлӯҳои гуногуни мавзуи таҳқиқот бахшида шудаанд, ташкил медиҳанд. Силсилаи дастурҳои методӣ ва мақолаи илмӣ методии муҳақиқон: (М. Лутфуллозода, Ф. Шарифзода, И. Х Каримова, А. Байзоев, Д. Маҳкамов), назарияи демократикунонии раванди таълими Е.Н.Шиянов, И.Б.Котова, Е.В.Бондаревская, Н.А.Шайденко, И.С.Якиманской), оид ба раванди муносибати босалоҳият ва иҷтимоишавии: (В.Г.Афанасева, В.Н. Садовский, В.И

Байденко, А.А.Вербитский, Э.Ф Зеер, И.А.Зимняя, А.В.Хутарская) ва дигарон ташкил медиҳад. Оид ба навсозии соҳаҳои мушахаси шаклҳои идоракунии фаъолияти роҳбарони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ олимон (В.И.Зверева, Л.Е.Плескач, И.К.Шалаев, В.Г. Афанасьев, В.С.Ильин) андешаҳои ҷолиб пешниҳод намудаанд.

**Сарчашмаи маълумот.** Осори адабӣ-бадеӣ, илмӣ, фалсафӣ ва психологӣ- педагогӣ, санадҳои меъёрии танзимкунандаи фаъолияти касбию педагогӣ дар соҳаи маориф, аз ҷумла Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», «Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то солҳои 2030», Стандарти давлатии таҳсилоти касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрӣ, ҳуҷҷатҳои инъикоскунандаи талабот ва тағйирот дар амалияи таълиму тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҷрибаи пешқадами омӯзгорони ватанию хориҷӣ оид ба раванди демократикунонӣ шуда метавонанд.

**Заминаҳои эмпирикӣ.** Заминаҳои эмпирикии таҳқиқот дар асоси ҳамкории амалии муҳақиқ бо объекти таҳқиқшаванда: таҳияи барномаи таҳқиқот, ташкили мушоҳида ва гузаронидани озмоиши педагогӣ, тавсиф ва натиҷагирӣ аз маълумоти таҷрибавӣ- озмоишӣ, таснифи онҳо ва ҷамъбасткунӣ бо усулҳои эмпирикӣ- арзёбӣ, озмоиш, муқоиса, таҳлил, синтез, индуксия, дедуксия дар асоси маълумоти аз озмоиш бадастомада ташаккул додани далелҳои илмие, ки дар натиҷаи истифодаи нишондиҳандаҳои сифатӣ, усулҳои миқдорӣ дар шакли маълумоти оморӣ ва коркарди дурусти онҳо рӯи кор омадаанд.

**Пойгоҳи таҳқиқот:** Коллеҷи техникии ДТТ ба номи академик М.С.Осимӣ ва коллеҷи омӯзгории ба номи Х.Махсумоваи ДДОТ ба номи С.Айнии шаҳри Душанбе қарор гирифтанд.

Дар раванди таҳқиқот 300 нафар донишҷӯ, 26 нафар омӯзгорон ва мақомоти худидоракунии донишҷӯён фаро гирифта шуданд.

**Навгониҳои илмии таҳқиқот**:

- ошкор ва асоснок намудани идоракунии демократӣ ва муносибати босалоҳият дар баланд гардидани сифати таълим ва иҷтимоишавии донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ;

- тавассути арзишҳои демократӣ ва муносибати босалоҳият навсозӣ намудани мақомоти худидораи донишҷӯён ба ватандӯстӣ, худшиносӣ ва ифтихори миллӣ дар дараҷаи нав;

- аниқ гардонидани моҳияти демократикунонӣ ва муносибати босалоҳият дар ҷараёни таълиму тарбия дар омодагии касбии хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии ба софдилона хизмат намудан ба халқу ватан;

- махсусияти демократикунонии ҷараёни таълиму тарбия ва муносибати босалоҳият таҳқиқ карда шуда, ташаккул додани он дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ асоснок гардонида шуд;

- омодагии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба демократикунонии раванди таълим ва тарбия дар иҷтимоишавӣ ба таври муоинавӣ тасдиқ гардид;

- шароитҳои педагогии демократикунонии раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ошкор ва ба таври озмоишӣ санҷида шуда, собит намуд, ки муносибати босалоҳият метавонад ба сифати таълим такон бахшида, иҷтимоишавии донишҷӯёнро тезонад.

**Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

1. Масъалаи демократикунонии равандҳои таълим ва тарбия дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ аз ду омил иборат аст: а) омодасозии шаҳрвандон барои зиндагӣ дар ҷомеаи шаҳрвандӣ.; б) ҷорӣ намудани арзишҳо ва талаботҳо ба сохтори низоми таълим ва шӯъбаҳои алоҳидаи муассисаҳо (демократикунонии таълим).

2. Демократикунонии ҷараёни таълиму тарбия дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъминоти баробари имкониятҳои таълимӣ, ташкили демократии ҷараёни таълим,

идоракунии демократӣ ва интихоби озодонаи соҳаи таълим шуда метавонад.

3. Демократикунонии таҳсилоти касбӣ хосияти мухолифатҳои дохилиро ноил буда, дар шароити мавҷуда ба лаҳзагӣ ва бесамаранокии фаъолияти педагогӣ оварда рӯ ба рӯ месозад. Ҳалли ин мухолифатҳо дар шароити зерин имконпазир мебошад:

а) мутобиқати ҷараёни демократикунонии раванди таълиму тарбия дар дараҷаи гуногуни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

б) таъмини робитаи ташкилӣ- идоракунӣ ва соҳаҳои таълимӣ-тарбиявӣ дар фазои демократикунонии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

в) бунёди таълими демократӣ ва ташаккули муносибати босалоҳият бо мақсади баланд бардоштани омодагии касбии хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ба иҷтимоишавӣ;

4. Мушкилоти асосӣ дар коркарди назария ва татбиқи амалии демократикунонии ҷараёни таълиму тарбия дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар он мебошад, ки аз амсилаҳои муосири сохтори ҷамъияти демократӣ нисбатан кам истифода мебаранд;

5. Зарур аст, ки корҳои фаҳмондадиҳӣ роҷеъ ба равандҳои демократикунонӣ ва муносибат ба раванди иҷтимоӣ шудани донишҷӯён тақвият дода шаванд.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот.** Аз он иборат мебошад, ки доираи донишҳои зарурӣ, маҳорат ва малакае, ки донишҷӯ ба он ноил бошанд, дар иҷрои амалҳои педагогӣ коркард гардида, боиси истифода қарор дода мешавад. Имкониятҳои иқтидори касбии фанҳои таълимии педагогика ва психология, фанҳои ҷамъиятӣ ва шароити татбиқи робитаҳои байни фаннӣ коркард гардида, дар раванди демократикунонии таълиму тарбия дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар муносибатҳои босалоҳият мавриди истифода қарор хоҳад гирифт. Тавсияҳои мушаххас оид ба муносибатҳои диференсалӣ дар ташаккули омодагии касбии донишҷӯён

коркард гардид; усул ва шаклҳои татбиқи амалётӣ- фаъолиятӣ ва мақомӣ-арзишии робитаҳо дар ҷараёни ташаккули омодагии касбии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон коркард гардид.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот:**

- андешаҳои асосии педагогӣ- психологӣ, фалсафи, антропологӣ дар бораи инсон ва раванди иҷтимоишавии он;

- дар бораи инкишофи маънавӣ, ахлоқӣ, психологӣ ва ҷисмонии ҷавонон тавассути демократикунонӣ;

- дар бораи робитаи мутақобилаи иҷтимоӣ ва биологӣ;

- дар бораи иқтидори маърифатӣ ва тавоноии ҷисмонӣ-меҳнатии инсон;

- дар бораи мавқеи омилҳои инсонӣ дар ташаккули ҷамъияти муосир;

- дар бораи шароитҳои иҷтимоӣ- маданӣ ва шароитҳои этникӣ-конфесионалӣ дар кори ташаккул ва инкишофи шахсияти инсон дар раванди демократикунонии таълиму тарбия ва ташаккули салоҳияти касбӣ.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** дар асоснок будани натиҷаҳои таҳқиқот, муқаррарот ва хулосаҳои асосӣ ифода ёфта, онро муносибати маҷмӯӣ нисбат ба таҳқиқоти мушкилот, шоистагии усули таҳқиқот, мақсаду вазифаҳои таҳқиқот, ҳамбастагии усули сифатию миқдории таҳлили далелҳо, ки дар кори таҷрибавию озмоишӣ тасдиқ гардидаанд, муайян месозад.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мазмун ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмии13.00.05-Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳанги иҷтимоӣ (13.00.05.03-педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ), аз ҷумла, ба *банди 1* - *М*етодологияи таҳқиқи фаъоличти иҷтимоӣ- педагогӣ, моҳият, сохтор, вазифа, принсипҳои онҳо, моделсозии равандҳои иҷтимоӣ- педагогӣ дар муассисаҳи таълимӣ, ва банди 4 - Ташкили сифатии чорабиниҳои

иҷтимоӣ-педагогӣ (технология ва усулҳои баҳодиҳии сифати фаъолияти иҷтимоию педагогӣ; меъёрҳо, нишондиҳандаҳои баҳодиҳии сифати фаъолияти иҷтимоию педагогӣ) мутобиқ мебошад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Саҳми шахсии довталаб дар таҳлили ҳамаҷонибаи масъалаи вобаста ба таҳқиқот; дар пажӯҳиши дурусти таҳқиқотҳои назариявӣ ва амалӣ, гирдоварӣ ва таҳлили маводҳо; дар истифодаи силсилаи усул ва методҳо вобаста ба мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот; дар заминаи корҳои таҷрибавӣ ва тасдиқи амалии мукаррароти кори илмӣ дар давоми озмоиш, таҳлили натиҷаи коркарди маводҳои таҷрибавӣ, тахия ва нашри мақолаҳои илмӣ, иштирок дар чорабиниҳои илмӣ, конференсияҳо, ҳамоишҳои илмию амалӣ, ҷамъбасти натиҷаи бадастомада дар таҳияи диссертатсия инъикос мегардад.

**Тавсиб ва амалисозии натиҷаи дссертатсия.** Муаллифи диссертатсия аз соли 2016 ба ҳайси омӯзгори фанни таърих ва ҳуқуқ дар муассисаҳои гуногуни касбӣ фаъолият намуда, усулҳои пешқадамро дар ҷараёни дарсҳои таърихи халқи тоҷик ва асоси давлату ҳуқуқ ҷиҳати ташаккули салоҳиятнокӣ ва иҷтимоишавии донишҷӯён татбиқ намуда, натиҷаи таҳқиқоти диссертатсиониро дар конференсияҳои илмӣ, семинарҳои илмӣ- методӣ, ҷаласаҳои кафедраҳои фанҳои гуманитарӣ, педагогика ва методикаи таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ пешниҳод ва мавриди баррасӣ қарор додааст, ки тавсиб ва тасдиқи худро ёфтаанд.

Илова бар ин, натиҷаҳои асосии диссертатсия дар нашриёҳои илмии тақризшаванда ва маҷмӯи маводи конференсияҳо дар шакли мақола ва фишурдаҳои илмӣ ба табъ расида, дар конференсияҳои илмию амалии муассисаҳои пойгоҳи таҳқиқот ва Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон баргузоршуда ироа шудаанд.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Натиҷаи асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ мазмуни асосии таҳқиқотро ифода карда, дар 5 номгӯи

мақолаҳои илмӣ, ки дар нашрияҳои илмии тақризшавандаи феҳристи тавсиянамудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 4 номгӯ дар нашрияҳои дигар ба табъ расидаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, ду боб, ҳар боб аз се зербоб, хулосаи боби якум, хулосаи боби дуюм, хулосаи умумӣ, рӯихати адабиёт ва ҷадвалу нақша ва диаграмма, дар маҷмуъ аз 181 саҳифаи чопӣ иборат мебошад.

# БОБИ I. ДЕМОКРАТИКУНОНИИ РАВАНДИ ТАЪЛИМ ДАР ТАШАККУЛИ САЛОҲИЯТ ВА ИҶТИМОИШАВИИ ДОНИШҶӮЁНИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ КАСБӢ

## 1.1. Демократикунонии таҳсилоти миёнаи касбӣ - омили асосии ташаккули салоҳияти касбӣ ва иҷтимоишавии донишҷӯён

Муҳимияти демократиясозии таълим ва тарбия дар мактабҳои касбии миёна вобаста ба он аст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷомеаи шаҳрвандӣ ва давлатдории демократӣ таъсис ёфтааст. Бунёди ҷомеаи шаҳрвандӣ ва давлати демократӣ ҳалли доираи васеи вазифаҳои иҷтимоӣ, ҳуқуқӣ, маданӣ ва таърихиро талаб менамояд. Мавҷудияти инсон дар олами муосир аз дарки шууронаи ҳастӣ ва муҳити атроф вобастагии ногусастанӣ дорад. [2:79-90]

Моҳияти таҳсилоти касбӣ дар чаҳорчӯбаи «муассисаи таҳсилони миёнаи касбӣ- коллеҷҳо», аз он иборат мебошад, ки дар давоми таҳсил дар синфҳои 10-11 хонандагон барномаи таълимии коллеҷро аз бар намуда, пас аз гирифтани шаҳодатномаи маълумоти миёнаи умумӣ ба онҳо шаҳодатнома дар бораи хатм намудани синф- коллеҷ дода мешавад, ки дар асоси он, онҳо метавонанд дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ таҳсилро бо барномаи тезонидашуда (ускоренной программе) давом диҳанд. Дар ин наздиксозии таҳсилот танҳо як чиз муҳим мебошад, ки ин ҳам бошад, пурқувват гардонидани баъзаи моддӣ техники муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумиро талаб менамояд.

***Бартарии таълими параллелӣ дар раванди демократикунонӣ ва муносибати босалоҳият:***

- барои касби ояндадорро соҳиб гардидан ва гирифтани дипломи намунаи давлатӣ пас аз 1-2 соли хатми муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ имкон пайдо мегардад, ки ҷавонон ба касб, кор, фаъолият оғоз намуда иҷтимоӣ гарданд ;

- дар деворҳои муассиса хонанда қувваи худро санҷида, малакаи амалӣ ҳосил намуда, чизҳои заруриро барои касбияти оянда ва

иҷтимоишавӣ аз худ намуда, метавонад давоми таҳсилро дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ давом диҳанд;

- барои бемамоният гузаштан аз низоми таълими мактабӣ ба таҳсилоти миёнаи касбӣ ва олии касбӣ хонандагон шароити иҷтимоишавӣ пайдо менамоянд;

- онҳо метавонанд вақт ва сарчашмаҳои молиявиро барои давом додани таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ саришта намоянд. [1, с. 25].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар раванди ворид гардидан ба фазои ҷаҳонии таҳсилот, аз тарз ва усули мавҷудаи шакли бюрократӣ ва фармонфармоии таҳсилот даст кашидан ва роҳандозӣ намудани равандҳои демократӣ бо майл ба ташаккули салоҳияти донишҷӯён ниҳоят мубрамият пайдо намудааст. Дар шароити муосир донишҷӯнеро ба фаъолияти касбӣ омода намудан зарур аст, ки эҷодкор, озодандеш, ошкорбаён бошанд, фикру андешаи дигаронро низ ба эътибор гирифта тавонанд.

Таҷрибаи бисёрасраи инсоният собит менамояд, ки дар раванди фаъолияти якҷоя, рафтори одамон бештар хуб гардида, дар фаъолияти фардиятии онҳо ин омил ноайён монда, инкишоф намеёбад. Дар зери фаъолияти якҷояи одамон пеш аз ҳама, таълими бетанафус фаҳмида мешавад, ки дар ҷараёни он иқтидори таълимӣ- тарбиявӣ ва маънавӣ-ахлоқии шахс инкишоф ёфта, ин шакли таълим дар давоми тамоми ҳаёти инсон амалӣ мегардад.

Масалан, А. Н. Дружинский [44] таҳсилоти бетанафусро ҳамчун ягона самти мақсаднок ва мувофиқ дониста, бо чунин қисмҳои таркибӣ ҷудо менамояд:

- дар раванди он инсон бо ҳомиладорӣ ва таваллуд, дуруст инкишоф додани кӯдак омода мегардад;

- тарбияи кӯдакон дар муассисаҳои махсуси томактабӣ давом меёбад;

- пас ба таълими миёнаи умумии ва омодагӣ ба таҳсилоти касбӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ;

- омодагӣ ба таҳсилоти ибтидоии касбӣ;

- таҳсилоти баъди мактабӣ ва пас аз муассисаи олии касбии калонсолон дар вобастаги ба низоми таълим барои иваз намудани ихтисос.

Албатта аз ҷиҳати педагогӣ ва психологӣ ҷавонон бо талаботҳои оиладорӣ, ҳомиладорӣ, талаботҳои таълим ва тарбия, гузаштан аз як муассиса ба муассисаи дигари таълимӣ, иваз намудани ихтисос ва тахассус бояд шинос бошанд. Дар муассисаҳои таълимӣ, ба омодагии ибтидоии касбӣ ва давом додани омӯзиш ва худомӯзӣ пас аз таҳсилотӣ умумӣ ва касбӣ бояд шиносоӣ дошта бошанд. [44,с.3].

Ба асоснокии илмии пайдарҳамии ташаккул ва инкишофи шахсият такя намуда, замина барои он заруриро табақабандӣ кардан зарур аст, ки ***яке аз заминаҳои асосии демократикунонии таҳсилоти миёнаи касбӣ барқарор намудани худидоракунӣ мебошад:***

1. Фармоиши иҷтимоӣ баҳри бунёди муассиса ва пас аз он дар низоми таҳсилоти бетанафус ташкил додани ҷараёни худидоракунӣ, ки талаботи демократикунонӣ мебошад ба ҳисоб меравад. Худи ҳамин худидоракунӣ метавонад маданияту шуури донишҷӯёнро баланд бардошта, ба риоя намудани талаботҳои демократӣ омода менамояд.

2. Мутобиқи назарияи муосир коркард намудани асосҳои меъёрӣ-ҳуқуқии ташкили худидоракунӣ ва таъсири он ба ташаккули салоҳияти донишҷӯён.

3. Заминаҳои педагогӣ- психологии демократикунонӣ ва муносибати босалоҳият дар иҷтимоишавии донишҷӯён.

4. Мавҷудияти технологияи ташкилӣ- ахборотии демократикунонӣ ва ташаккули муносибати босалоҳият дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон [78, с. 49].

Муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии Тоҷикистон, ки аз соли 2004 аз техникум ба Коллеҷ табдил пазируфтанд, фалсафаи инкишофи онҳо

бояд бештар ба раванди демократикунонии таҳсилот ва худидоракунӣ майл мегирифт. Дар шароити муосири ҷаҳонишавӣ бояд натиҷаҳои дилхоҳро дар ташаккули салоҳиятнокии донишҷӯён ноил гардем, ки дар ин раванд корҳо рафта истодаанд.

Ин муассисаҳои таҳсилот ба он равона карда шудаанд, ки на танҳо, мушкилоти имрӯзаро ҳал намоянд, балки ҷаҳонбинии он наслеро ташаккул диҳанд, ки дар асри ХХ1 зиндагӣ ва эҷод менамояд. Иҷрои ин вазифаҳо вобаста ба он аст, ки ҷавонон ба зарурати вуҷуд доштани давлатдории демократӣ огоҳ бошанд ва муассисаҳои таълимии миёнаи касбӣ равандҳои демократиро инкишоф дода, ба муносибати босалоҳият таваҷҷуҳ зоҳир намоянд.

Ҳалли ин вазифаҳо дар ҳолате имконпазир мегардад, ки ҷавонон талаботҳои давлати демократиро шуурона дарк намоянд ва муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ равандҳои демократиро инкишоф дода, ба муносибати босалоҳият таваҷҷуҳ зоҳир намоянд.

Демократикунонии таҳсилоти миёнаи касбӣ имконпазир мегардад:

- тавассути фаъол гардонидани корҳои таълимӣ- тарбиявӣ, навсозиҳо дар барномаҳои таълимӣ ва лоиҳаҳо дар ташаккули салоҳиятнокии донишҷӯён ба иҷтимоишавӣ;

- тавассути ҳарчи бештар муттаҳид намудани иштирокчиёни ҷараёни таълим бо татбиқи мақсадҳои фундаменталӣ;

- таъмин намудани фаъолият якҷояи донишҷӯён бо хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ дар ҷараёни таҷрибаомӯзиҳои таълимӣ ва ташаккул додани салоҳияти касбӣ ба фаъолияти касбӣ;

- баланд бардоштани моҳияти иҷтимоии корҳои коллективии онҳо дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ, ки омили ташаккули салоҳиятнокӣ гардад;

- кори устодон, таҳсили донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ҷолибу дилкаш гардонида шавад [105, с. 10].

Демократикунонии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ, фаъол гардонидани худидоракунӣ, пурзӯр намудани вазифаи тарбиявиро дар

ҷараёни таълим, ташаккул додани салоҳияти иҷтимоии донишҷӯён ва ғанӣ гардонидани базаи моддӣ- техникию кадрии муассисаҳоро талаб менамояд. Дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон демократикунонии раванди таълиму тарбия ва идоракунӣ бо сурати суст амалӣ мегардид, зеро ки таъсири идоракунии маъмурӣ-фармонфармоӣ ба ин раванд монеъгӣ эҷод менамуд, ки нишонаҳои он ҳоло ҳам ба чашм мерасад.

Низоми худидоракунии донишҷӯён тавассути шурои сардорони гурӯҳҳои академӣ, созмони ҷавонон ва иттифоқи касаба амалӣ мегардад, ки омили асосии демократикунонӣ ва иҷтимоишавии ҷавонон мебошад. Вазифаи мақомоти иҷрояи худидоракунии донишҷӯёнро шурои сардорони гурӯҳҳои таълимӣ ё маҷлиси умумии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ иҷро менамояд, ки мақсади охирони он одткунони ба иҷтимоишавӣ мебошад. Таҳлили корҳои таҳқиқгарон В.И. Байденко, В.В. Рябова, Ю.В. Фролова, Ю.Г. Татура, А. И. Жук, А. В. Макаров [2, 7, 14, 17, 19, 26] имкон медиҳад муайян намоем, ки ин анъанаҳои демократикунонӣ ва муносибатҳои босалоҳият дар соҳаи иҷтимоӣ-истеҳсолӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ба кадом натиҷа оварда мерасонанд.

Дар шароити муосир дар тамоми касбу кор тағйирот рӯй дода, ихтисосҳои нав пайдо мегарданд, ки аз тафаккури эҷодӣ ва технологияи истеҳсолӣ вобастагӣ дошта, маҳсулнокии меҳнат низ аз инкишофи илм ва донишу маҳорати мутахассисон вобаста мебошад. Қисми зиёди арзиши мол ва хизматрасониро дониш, маҳорат ва малака; гузаштан аз тақсимоти меҳнат ва дониш ба тафриқаи он; ба салоҳияти маҷмӯъии дониш ва малака; ҷаҳонишавии касб ва бозори меҳнату тахассус, истифодаи фаъоли технологияи ахборотӣ- коммуникативӣ, ки ҷараёни интегратсиониро дар сиёсати таҳсилотии аврупоӣ ва ҷаҳон татбиқ менамояд, ташкил медиҳад. Дар раванди демократикунонӣ ва муносибати босалоҳият рақобат байни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ва хатмкушандагон дар сатҳи мамлакат ва дараҷаи байналхалқӣ

авҷ мегирад, Ба ин рақобат танҳо муассисаҳое тоб оварда метавонанд, ки хатмкунандагони онҳо дар бозори ҷаҳонии меҳнат аз рӯи дараҷаи донишу маҳораташон харидор дошта бошанд.

Анъанаҳои зерини таҳсилотро дар раванди демократикунонию муносибати босалоҳият дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии Тоҷикистон дар чунин шакл ҷудо намудан мумкин аст:

– касбигардонии таҳсилоти миёнаи касбӣ, ин маънои гузаштан аз донишҳои академӣ, бунёдӣ ба таҳсилоти касбӣ мебошад, ки мазмуну технологияи онро фаъолияти ояндаи касбии донишҷӯён ташкил диҳад, мебошад;

– дар ин раванд таълим бо устуворӣ, бетанафусӣ, дараҷагӣ, серзинагӣ тавсиф дода мешавад;

– умумигардонии таҳсилоти касбӣ, проблемаи сифати таълимро актуалӣ мегардонад;

– пурзӯр намудани мавқеи инкишофи шахсиятӣ ва мураккаб гардонидани вазифаҳои навсозии касбӣ, талаботро ба омодагии касбии хатмкунандагон ба худомӯзии доимии онҳо пеш мегузорад;

– дар таҳсилоти миёнаи касбӣ ворид намудани «механизми бозор», низоми сифатии менеджмент, ки мақсадҳои муайяни таълимиро бо самаранокии натиҷаи иқтисодӣ дар назар дорад, дар бар мегирад.

Таҳлили маводҳои дар боло овардашуда нишон медиҳанд, ки дар шароити муосири иҷтимоӣ- иқтисодӣ, амсилаи дар доираи касбияти танг омода намудани донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дигар бо талабот ҷавобгӯ намебошад, дар шароити муосир дар ҳама соҳа мутахасиси касбияти васеъ талаб карда мешаванд. [17, 19, 26].

Дар амсилаи нав мақсад, мазмун ва натиҷаи омода намудани хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар шакли маҷмӯъи ва тафриқавӣ ташаккул меёбад. Ин амсила, дар худ на танҳо дараҷаи касбияти хатмкунандагон, балки низоми дониш, малака ва маҳоратро муайян намуда, сифатҳои шахсиятиро ташаккул медиҳад. Дар мувофиқа бо адабиёти эзоҳдиҳанда (справочной) [11, 12, 13] муносибати

босалоҳият, ҳамчун мансубият ба ҳуқуқ нисбати доираи саволҳо фаҳмида мешавад.

Махсусияти он, дар он дида мешавад:

- шахсияти марбута бояд дониши васеи амиқи мавзу, хусусиятҳои қонунгузории пешниҳодшуда, вижаҳои асноди ё ҳуҷҷатҳои алоҳида ва контексти умумии масъала дошта бошад. Вай бояд дониш, тахассус, амиқии фаҳмиш ва таҷрибаашро дар соҳаи марбута нишон диҳад [17, с. 31–32]

Салоҳиятнокӣ- ин: – хосияти таъиншудаи захираҳои иттилоотӣ, хоҳ он шахс бошад, хоҳ муассиса, таъриф карда шавад. Натиҷаҳои ниҳоии қобилият асосан натиҷаи дониш, малакаҳо ва таҷриба дар ташкили дурусти фаъолияти идоракунӣ ва расидан ба ҳадафҳои мушаххас мебошанд. Бисёр таҳқиқотчиён [9, 18, 17, 22, 23] дар пайравии Н. Хомский дар бораи фарқияти категорияҳои «салоҳият» ва «салоҳиятнокӣ» корҳои арзандаро сомон бахшиданд.

Дар асоси таҳлили як қатор асарҳои олимони ватанӣ: М. Лутфулозода, [88,72] И. Х. Каримова, Ғ. Бобизода, Х. Зиёӣ, А. Байзоев, Д. Маҳкамов, [105:104], инчунин олимони рус: В. Д. Шадриков, В. И. Байденко, Ю. Г. Татур, И. А. Зимняя ва олмони хориҷӣ [28] бо хулосае омадем, ки пеш аз ҳама ба сифати салоҳиятҳои калидӣ аз салоҳиятҳои зерин дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар раванди демократикунонӣ истифода бурдан мумкин аст:

— салоҳиятҳои иҷтимоӣ, ки самти арзишӣ- мазмуниро дар ташаккули шахсиятии шаҳрванд, маърифатӣ, саводнокии педагогӣ-психологӣ, касбии донишҷӯён таъмин менамояд;

— салоҳияти касбӣ, аз маҳорати лоиҳакашӣ- рефлексии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар ҳалли вазифаҳои касбӣ вобаста мебошад;

— салоҳияти муоширатӣ (коммуникативӣ) дар худ маданияти рафтори муоширатиро фаро мегирад, маданияти забонӣ ва тавоноии самаранок муошират ва ҳамкорӣ намудан мебошад;

— салоҳияти ахборотӣ, бо ҷустуҷӯ, нигоҳдорӣ, коркард, ва пешниҳоди ахбор вобаста буда, саводнокии идоракунии технологияи ахборотиро талаб менамояд;

— салоҳияти таълимӣ ё салоҳияти академӣ, таъминкунандаи иқтидор ва омодагӣ ба кори мустақилонаи маърифатӣ, худомӯзии доимӣ, ва такмилу инкишофи касбӣ мебошад.

Дар самти салоҳияти таълимӣ ё академӣ, инчунин инкишофи касбӣ олими намоён А.В. Хуторской корҳои арзандаро сомон бахшидааст. [22, 23].

Аз нуқтаи назари И. А. Зимняя салоҳиятҳои иҷтимоӣ дар таълим ба се синфи асосии калидӣ тақсим мешаванд: 1) салоҳиятҳое, ки ба худи инсон ҳамчун шахсият мансубанд; 2) салоҳиятҳои ба ҳамкории иҷтимоии одамон ва фазои иҷтимоӣ вобаст буда; 3) салоҳиятҳои ба фаъолияти инсон мансуб, ки дар тамоми соҳа истифода мешаванд ва ҳастии касбии инсонро ифода менамоянд.

Бояд қайд намуд, ки мафҳуми «салоҳият», «салоҳиятнокӣ», «муносибати босалоҳият» монанди «демократия», «демократикунонӣ» ва «маданияту шуури демократӣ» характери таърихӣ дорад. Дар муқаддимаи он дар фазои таҳсилот фармоиши истеҳсолӣ ва тиҷорат ҳис карда мешавад.

Қайд намудан зарур аст, ки дар гурӯҳи академӣ демократикунонӣ агар боварӣ, ҳамкорӣ, дастгирӣ бошад, дар гурӯҳи академӣ салоҳиятнокӣ ахборотӣ, гурӯҳи иҷтимоӣ- шахсиятӣ дохил мешавад, ки он иҷтимоӣ ва муоширатиро ташкил медиҳад. Дар намунаи стандарти таълимии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ [15] талаботҳои умумӣ бо омода намудани мутахасисон баён гардидааст. Дар қисмати 6.1.1. гуфта мешавад, ки муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ барномаи таълимиро барои тайёр намудани мутахассисон дар асоси талаботи умумии дараҷаи омодагии мутахассис мутобиқи банди 6, ва 6.1 мутахассис чиро бояд тавонад ва ба роҳ монда тавонад гуфта шудааст.

Дар корҳои таҳқиқоти хеш мо зарур донистем ошкор намоем, ки мутахассис дар раванди демократикунонӣ ва муносибати босалоҳият бояд дорои кадом салоҳиятҳои касбӣ бошад:

- фаъолияти баланди ташкилотчигӣ- идоракунӣ дошта бошад, ки иҷтимоишавиро осон мегардонад;

– бо адабиёти ҳуқуқӣ ва санадҳои меъёрӣ ҳуқуқӣ, қонунгузории меҳнатӣ шинос бошад;

– кори коллективии хурдро ташкил карда тавонад ва музди меҳнатро ба инобат гирифта тавонад;

– интизоми меҳнат ва истеҳсолотро назорат ва дастгирӣ карда тавонад;

– аз уҳдаи тартиб додани ҳуҷҷатгузорӣ (ҷадвали корӣ, нақша, дархост, мактубҳои корӣ), инчунин ҳуҷҷатҳои ҳисоботӣ барояд;

– бо мутахассисони соҳаи дигар ҳамкорӣ карда тавонад;

– маводҳои ҷамъ намударо таҳлил ва коркарду баҳогузорӣ карда тавонад;

– коркард, пешниҳод ва мувофиқ сохтани маводҳои пешниҳоднамуда;

– гузаронидани гуфтушунид, коркард ва бастани шартнома бо дигар иштирокчиён мароқ зоҳир намояд;

– омода намудани маърӯза, мавод барои призентатсия ва намояндагӣ дар онҳо; [15]

– истифода бурда тавонистан аз захираҳои ахбори глабалӣ;

– донистани воситаҳои муосири телекоммунатсионӣ.

К. К. Закирьянов [51] дар зери мафҳуми салоҳияти иҷтимоӣ- касбии хатмкунандагон сифатҳои шахсӣ- тафриқавии онҳоро дар раванди демократикунонӣ мефаҳмад, ки дар раванди ҳалли вазифаҳои муқаррарӣ ва ғайримуқаррарии касбӣ зоҳир мегарданд.

Агар дигархелтар карда гӯем, дар натиҷаи таҳсил дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ, «дар хатмкунандагон бояд як қатор сифатҳои иҷтимоӣ- касбӣ ташаккул ёбад, ки ба иҷрои вазифаҳои истеҳсолӣ

мусоидат намуда ва ҳамкорию эҳтиромро нисбати атрофиён тақвият бахшад». Бе ин нишонаю аломатҳо, яъне бе боварӣ, ҳамдигарфаҳми онҳо дар фаъолияти меҳнатӣ мавқеи арзандаро сазовор шуда наметавонанд.[10, с. 284].

Дар маҷмуъ салоҳияти иҷтимоии- касбии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ҳамчун натиҷаи таълими касбӣ дар асоси салоҳиятҳои зерини калидӣ ташаккул меёбад: салоҳиятҳои иҷтимоӣ, касбӣ, коммуникативӣ, ахборотӣ, таълимӣ. В. А. Болотов ва В. В. Сериков [4. 33] боадолатона қайд менамоянд, ки таълими донишдиҳанда метавонад, дар ҳолати мусоид дар донишҷӯён «омили тамоилгириро ба фаъолияти эҷодӣ» ташаккул диҳад.

Таҳлили кори таҳқиқотчиён В.И. Байденко, В.В. Рябова, Ю.В. Фролова, Ю.Г. Татура, А.И. Жук, А.В. Макарова [2, 7, 14, 17, 19, 26] тағйиротҳои асосиро дар самти иҷтимоӣ- истеҳсолӣ дар муассисаҳои тасилоти миёнаи касбӣ имконпазир мегардонад. Чунин амсила, дар худ на танҳо, тахассуси касбии хатмкунанда, ки майл ба дониш, маҳорат ва малака дорад, балки сифатҳои базавии шахсиятӣ, маҳорати маҷмӯъиро ифода менамояд. Аз мавқеи менеджманти муосир [17,31–32] салоҳият–ин:– хосияти махсуси захираҳои ахборотӣ (фардӣ, муассисавӣ); –мавҷудияти таҷриба, дониш, маҳорат ва малака дар бораи тарзи ташкил ва идоракунии фаъолият барои самаранок ба даст овардани мақсадҳои гузошташуда дониста мешавад.

Бисёр таҳқиқотчиён [9, 18, 17, 22, 23] дар пайравии Н. Хомский фарқиятро дар байни категорияи «салоҳият» ва «салоҳиятнокӣ» мавриди омӯзиш қарор доданд. Корҳои таҳқиқотии олимони хориҷӣ, рус, белорус ва Тоҷикистонро ҷамъбаст намуда, ба хулосае омадан мумкин аст, ки дар зери мафҳуми салоҳият бояд дониш ва таҷрибаи заруриро барои ҳалли вазифаҳои назариявӣ ва амалӣ фаҳмид. Дар зери мафҳуми салоҳиятнокӣ бошад- ифодаи тавоноии истифода бурда тавонистан аз дониш ва таҷриба дар ҳалли мушкилоти касбӣ, иҷтимоӣ ва шахсиятӣ фаҳмида мешавад.

Дониш, маҳорат ва малака- омилест, ки маданияти умумиро баланд бардошта, раванди демократикунонии таҳсилотро дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ амалишаванда мегардонад. Муносибати салоҳиятнокӣ дар таҳсилоти миёнаи касбӣ – маҷмӯи талабот ба ташкили раванди таълим, ки ба тайёрии амалии хонандагон ва ташаккули малакаҳои мустақилона дар ҳалли масъалаҳо аз рӯи касби интихобшуда нигаронида шудааст. Ин муносибат ба демократикунонии раванди таълим мусоидат мекунад.

Дар самти таҳсилоти касбӣ якчанд намудҳои салоҳиятҳо аз ҳам фарқ мекунанд:

– салоҳиятҳои махсус (фаннӣ), ки донистани фаъолияти касбии хешро талаб менамояд;

– салоҳиятҳои умумикасбӣ (умумифаннӣ), ки бо якчанд соҳа ё шакли фаъолияти касбӣ робитаманд мебошанд, хатмкунандагон онҳоро дар доираи касби худ бояд аз бар намоянд;

– салоҳиятҳои калидӣ (базавӣ, маҷмӯъӣ), тарзи ҳалли самараноки масъалаҳои гуногуни иҷтимоӣ- касбиро таъмин менамояд.

Дар шароити демократикунонии таълим ва тарбия мутахассис бояд дорои салоҳиятҳои зерини иҷтимоӣ- шахсиятӣ бошад:

– сифатҳои баланди шаҳрвандро доро бошад;

– ҳамеша ба ҳамкориҳои иҷтимоӣ омода бошад;

– муоширати байни шахсиятиро дар сатҳи баланд баргузор карда тавонад;

– ба навгониҳои солимгардонӣ ва солим нигоҳдорӣ шинос бошад;

– ошкорбаён буда, қудрати танқид ва худтанқидкунӣ дошта бошад;

- дар ҳайати гурӯҳ бо андешаҳои пешқадамӣ демократӣ кор карда тавонад;

– нисбати хеш ва атрофиён қобилияти таъсиррасонӣ ва эҳтиром дошта бошад.

- нисбати хеш ва атрофиён ошкорбаён, дорои назари танқидӣ ва адолатхоҳи иҷтимоӣ бошад.

***Таҳқиқот дар соҳаи демократикунонӣ ва муносибати босалоҳият дар чор самт баргузор карда мешавад:*** *1.* муайян намудани талаботҳои меъёрӣ нисбат ба омӯзгор; *2.* навсозии таркиб ва мазмуни омодагии касбии омӯзгор; *3.* коркарди тавсия барои омӯзгорони нав ба фаъолият шуру намуда; *4.* омӯзиши ҳамкории омӯзгорон ва донишҷӯён дар раванди таълим ва тарбия [72,с.110].

Хусусияти асосии демократикунонӣ дар низоми таҳсилоти муосири ШМА, Япония, Аврупои Ғарбӣ дар самти башардӯстии он дарк карда мешавад. Аломатҳои асосии омодагии касбӣ- омӯзгории омӯзгори муосир инҳо шуда метавонанд:

- башардӯст будан- эътироф намудани афзалияти инсон, ки аксар қудрати инро надоранд;

- ташаккул додан ва комил сохтани инсон дар ҷараёни таълим ва тарбия;

- тавсифи ояндаи омӯзгор аз мавқеи объективӣ ва субъективӣ;

- дида баромадани мазмун, шакл ва методҳои омодагии касбӣ;

- коркарди технологияи нави омодасозии касбӣ- ифодакунандаи дараҷа, тафриқа ва мушахасгардонандаи таҷрибаи пешқадам мебошад. [2, с.79-90].

Дар табиати инсон имкониятҳои инкишофи доимӣ, худидоракунии эҷодӣ ва беҳтар намудани сифатҳои тавсифӣ гузошта шудаанд. Ҳар як инсон аз ҷиҳати ботинӣ баҳри он кушиш менамояд, ки хешро ҳамаҷониба навсозӣ намояд ва барои атрофиён муҳим гардонад. Дар ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоию маданӣ низ инсон ҳамеша талош меварзад, ки аз хуб ба хубтар ташаккул ёфта расад, ки дар ин равия муаллими ахлоқ Шайх Саъдӣ мефармояд:

*Чароғи зулми золим то дами машҳар намесӯзад,*

*Агар сузад шабе сӯзад, шаби дигар намесӯзад.*

Ин гуфтаҳо маънои онро доранд, ки зулму азоб, ҷабру ситам дар фалсафа зарурият набуда, аммо озодӣ зарурият аст, ки дар пайи он одамон панҷ сохти ҷамъиятро пушти сар намуданд. Ба онҳо тарзи

идоракунии монархиягӣ, маъқул нашуд зинаҳои зиёдеро тай намуда, давлатҳои демократӣ ва ҷомеаи шаҳрвандиро бунёд намуданд. Махсусан дар шароити муосир демократикунонӣ ва башардӯстона гардонидани ҷараёни таълиму тарбия дар тамоми зинаҳои таҳсилот шароити мусоидеро барои инкишофи мунтазами низоми таълим таъмин менамояд.

Демократикунонии таълим ва тарбия роҳро барои тасдиқ намудани арзишнокии ин раванд дар ташаккули шахсият ба рӯи мо кушода гардонид. Вақтҳои охир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қадамҳои муҳиме баҳри навсозии низоми таълим, демократикунонии он ва муносибати босалоҳият ба пеш гузошта шуд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки талабот ба қабул намудани Барномаҳои давлатии рушди соҳаи маориф дорад, дар ин давраҳои ҳасоси соҳибистиқлолӣ ҳуҷҷатҳои меъёрӣ ҳуқуқии зерин қабул карда шуданд: «Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030», «Барномаи давлатии амалӣ намудани технологияҳои иттилоотӣ- коммукатсионӣ дар муассисаҳои таҳсилотии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2022», «Барномаи давлатии ислоҳот ва рушди соҳаи таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012- 2020», «Барномаи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011- 2020» ва солҳои минбаъда, ки мақсади асосии он навсозии низоми таълим ва тарбия барои ворид гардидан ба фазои ҷаҳонии таҳсилот дар асри ХХ1 мебошад, қабул ва мавриди татбиқ қарор гирифтанд. [109, 21]

***Ҷанбаҳои муҳимтарини ислоҳоти низоми таҳсилоти миёнаи касбиро метавон ба таври зерин ҷамъбаст кард:***

- маориф бояд ба сатҳи маркзии сиёсати давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон боло бурда шавад. Ин баланд бардоштани сармояи иҷтимоию таълимии давлат, таъмини истиқлолияти иқтисодӣ ва маънавии ҷомеа ва афзоиши рушди устувори минбаъдаи онро дар назар дорад;

- таъсиси низоми муттасили таълим, ки аз панҷ зинаи ҷудогона иборат аст: томактабӣ, миёнаи умумӣ, пас аз миёна, олӣ ва пас аз олии касбӣ;

- коркард ва давра бо давра татбиқ намудани барномаҳои устуворсозӣ ва рушди таъминоти молиявӣ, моддию техникӣ, иттилоотӣ, илмию методӣ ва кадрии низоми маориф;

- такмил додани тамоилхои асосии демократикунонӣ ва гуманизатсияи куллии низоми маориф хамчун мухимтарин шакли инкишофи низомнокии маориф ва ворид шудан ба фазои ҷаҳонии таҳсилот;;

- эҷоди шароити ҳуқуқӣ, ташкилӣ ва молиявӣ барои беҳтар кардани мақоми муаллим дар ҷомеа.

- даст кашидан аз методҳои маъмурӣ фармонфармоӣ ва пурзӯр намудани ҳамкорӣ ва боварӣ дар раванди таълим ва тарбия ба иҷтимоишавии насли наврас.

Дар шароити муоссир дар муҳити педагогӣ муҳокимаи қонун «Дар бораи маориф» рафта истодааст. Дар ҳар як ҳуҷҷатҳои меъёрӣ ҳуқуқӣ тағйирот дар бораи мукамал намудани талаботҳои демократӣ, дар идоракунии муассисаҳо, дар муносибати байни ҳамдигарӣ дар таълиму тарбия, дар асоси равандҳои демократӣ ворид карда шудааст.

Материализми диалектикӣ асоси идоракунӣ мебошад, ки вай ҳаматарафа омӯхтани равандҳо ва ходисахои чамъиятиро дар алокамандии байни онхо талаб мекунад. Таҳсилоти касбии Тоҷикистон таърихи беш аз садсола дорад ва ҳадафи аслии он дар марҳалаҳои аввал омода намудани омӯзгорон буд, ки баъдан дар бахшҳои мухталифи иқтисоди кишвар пешсаф шуданд.

Маориф дар ҷумҳурӣ аз худи аввал ба низоми маорифи дар Русияи Шӯравӣ қабулшуда, ки равиши классикӣ ба шумор мерафт, пайравӣ мекард. [34. 29].

Истиқлолият ба Тоҷикистон имкон дод, ки сиёсати давлатии рушди фазои иттилоотӣ ва дастрасӣ ба технологияҳои интерактивиро дар соҳаи маорифи миллӣ таҳия намояд.

Мақсад ва вазифаҳои муосири таълим ба демократикунонӣ ва иҷтимоӣ гардонидани таълим нигаронида шудаанд. Ба омузгорӣ тайёр кардани донишҷӯён дар сурате самарабахштар мешавад, ки он аз ба назар гирифтани талаботи психологию педагоги нисбат ба касб шуруъ карда шавад, мегӯяд олими шинохтаи тоҷик Қ. Б. Қодиров «Оид ба масъала дар бораи ислоҳоти муассисаҳои олии касбӣ», дар «Мактаб ва ҷомеа» 1-04- 2004 [74].

Доктори илмҳои педагогӣ Л.И.Новиков ва номзади илмҳои педагогӣ В.А.Караковский, Дежников Н.С. дар асоси таҳқиқоти якҷоя роҳҳои демократикунонии таълим ва тарбияро дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар чунин шакл ошкор намуданд: [43].

- ташкил додани низоми тарбиявии ягона, фарогирандаи соҳаи омӯзиш, меҳнат ва маишат, моил ба инкишофи шахсиятии донишҷӯён дорад;

- инкишоф додани ибтидои худидоракунӣ дар хаёти коллективи донишҷӯён аҳамияти муҳим дорад;

- истифодаи бозиҳо ҳамчун методи ташкили ҷараёни таълиму тарбия;

- педагогикунонии фазои иҳотанамудаи муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ;

- муносибати ташаккули шахсиятӣ тавассути корҳои тарбия.

Омӯзиши назария ва амалияи демократикунонии раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ нишон медиҳад, ки менеҷери муосир, ки барои татбиқи усулҳои муосири идоракунии сифат бо донишҳои зарурӣ муҷаҳҳаз гардидааст, нисбат ба дигар иштирокчиёни бозор бартарии рақобатӣ ба даст меорад. Таҷрибаи демократикунонии ҷараёни таълиму тарбия дар минтақа, шароитро барои сифатан иҷро намудани вазифаҳо таъмин намуда, кушишҳо барои татбиқи як қатор захираҳо, ки бо амсилаи идоракунии ҷамъиятӣ- давлатӣ мансубанд, татбиқ мегардад. [135].

Демократикунонӣ – фишанги муҳим дар навсозии таҳсилоти томактабӣ, ибтидоӣ, асосӣ, миёнаи умумӣ ва таҳсилоти муосири касбӣ шуда метавонад. Бунёди босифати муассисаҳои таҳсилоти касбӣ, инкишофи ибтидои равандҳои демократиро пай дар пай ҳамчун ҷараёни бисёрнақшавӣ пешниҳод менамояд. Дар ҳақиқат дуруст аст, ки демократиро ба таври ислоҳот ё бо қонун дар муддати кӯтоҳ татбиқ намудан мумкин нест. Барои демократикунонии раванди таълиму тарбия дар тамоми зинаҳои таҳсилот заминаҳои иҷтимоӣ- иқтисодӣ, маданӣ-маърифатиро муҳайё намудан зарур аст. [151,с. 35].

Демократиконии таълиму тарбия дар муассисахои таълимии миёнаи касбӣ ба қобилияти мақомотҳои маориф ва роҳбарии ректору директорон вобаста аст. Яке аз ҷузъҳои асосии ин раванд ба назар чунин менамояд, ки муайян кардани шароити зарурии танзими раванди таълим мебошад. Ин на танҳо муқаррар кардани интизориҳои академиро дар бар мегирад, балки инчунин кафолат додани он, ки мундариҷа ба таври муассир ҳадаф қарор диҳад ва ба донишҷӯён дастрас бошад.

Демократиконии таҳсилоти миёнаи касбӣ роҳбарии муассир дар муассисаҳои таълимӣ ва илова бар ин, иштироки мусбати ҳамаи ҷонибҳои манфиатдорро дар муқаррар намудани стандартҳо ва рушди касб талаб мекунад. Ҳамин тариқ, роҳандозии шарикӣ бо дигар ҷонибҳои манфиатдор метавонад ба рушди раванди муттаҳидтар ва самараноки омӯзиш мусоидат кунад.

Демократикунонии раванди таълим аз он низ вобаста мебошад, ки онҳо дар ин ҷараён ба шитобкорӣ роҳ надиҳанд, ё шароити мусоид фароҳам оваранд. [151,с. 35].

Искандарова Р. И қайд менамояд: «Ба сифати мақсади мубрами таълим, - инкишоф додани қудрати маърифатии шахс дар ҷараёни таълим боқи мемонад. Вазифаи асосии маориф, инкишоф додани сифатҳои шахсиятии донишҷӯён мебошад, ки на танҳо, ба нигоҳ

доштани муносибатҳои ҷамъиятии мавҷуда, балки онҳоро ғани гардонида тавонистан мебошад» [59].

Ватани таърихии демократикунонии раванди таълим, ки бо ташаккули шахсият, таълими фардиятӣ майл дорад, ШМА мебошад.[124]. Дар натиҷаи таълими фардиятӣ, омӯзгорони амрикоӣ шаклҳои корҳои мустақилонаи фардиро дар вобастагӣ аз тавоноии донишҷӯён бо мақсади таълим кор карда, баромаданд. Аз он ҷумла дар давраи истифода бурдан аз компютор, барномаҳои фардӣ, омода намудани шакл ва методҳои таълимро худашон интихоб менамоянд. Махсусан, дар педагогикаи амрико суръати муайяни татбиқи тамоми фанҳои таълимӣ аз ташаббуси худи донишҷӯён вобаст мебошад.

Дар асоси таҳлили низоми таълими Амрико, ки дар таҳқиқоти К. К. Закирянов оварда шудааст, тасдиқ намудан мумкин аст, ки яке аз талаботҳои асосии машҳур дар педагогикаи ШМА таълими фардиятӣ мебошад, ки талабот ба ҷустуҷӯ ва бойгардонӣ дорад. Ин шакли машҳури фардиятӣ 2 намуди инкишофи донишро дар назар дорад: горизонталӣ (васеъ гардидани дониш) ва вертикалӣ (чуқур гардидани дониш). Тамоми низоми таълим, ба тарбияи инсони комили дар раванди демократикунонӣ ниёз дорад. Ин танҳо имкониятҳои фардиро дастгирӣ намуда, кушодашавии шахсиятиро пайравӣ менамояд. [51].

Дар фарқият аз бисёр Донишгоҳу донишкадаҳо ва муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии Тоҷикистон, ки барномаи таълимӣ барои мутахассисани як самт ё ихтисос устувор ва якранг мебошад, дар муассисаҳои таҳсилоти касбии амрико якрангиро намеписанданд ва барномаҳои таълимӣ устувор намебошанд. Муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ба донишҷӯён ба таври интихобӣ миқдори зиёди фанҳои таълимиро дар соҳаҳои гуногуни дониш пешниҳод менамоянд. Дар байни онҳо аз ҷумла курси омӯзиши ҷамъияти шаҳрвандӣ, ҷамъияти ҳуқуқбунёд, меъёрҳои байналхалқии ҳуқуқи инсон, омӯхта мешаванд, ки ба инкишофи ҳамаҷонибаи шахсиятии донишҷӯ, ҳамчун шаҳрванди

босаводу бомаърифат мусоидат намуда, салоҳиятнокиро ташаккул медиҳад.

Мо низ бар онем, ки дар муассисаҳои таҳсилоти касбии Тоҷикистон мутахассисони ин ё он касб ба донишҳои зарурии ҳуқуқӣ, санъат, зебопарастӣ, таърих, фалсафа, фарҳангшиносӣ мусаллаҳ бошанд. Дараҷаи инкишофи низомӣ маориф- натиҷаи инкишофи ҷамъият мебошад. Дар шароити муосир дар инкишофи ҷамъияти мо бештар ворид гардидани арзишҳои демократӣ, муносибатҳои башардӯстона ва умумиинсонӣ мушоҳида карда мешавад, тамоми саъю талош бо ташаккули салоҳиятнокии донишҷӯён равона гардидааст. [6].

Ҳамзамон, баррасии омили инсонӣ дар соҳаи маорифи муосир ба як мавзӯи маъмулӣ табдил ёфтааст, вале дар мавриди татбиқи дурусти он ба таълим далелҳои кам дида мешавад. Мушкилоти аввал ин аст, ки донишҷӯён дигар майл ба хондан надоранд. Лейтес (2008) яке аз муҳаққиқони барҷаста дар соҳаи маҳорат ва қобилият мебошад. Вай қайд мекунад, ки ташаккули кобилиятҳои маҷмуӣ мазмуни афзалиятнок ва муфидест, ки ба демократикунонии муносибатхои синфӣ мусоидат мекунад. Ин раванд аз омӯзгор сабру тоқат ва вақти зиёдро талаб кунад.

Раванди дар боло зикршуда натиҷаҳое дод, ки бо демократикунонии маориф бо роҳҳои зерин алоқаманд кардан мумкин аст: ба вуҷуд омадани навъҳои гуногуни мактабҳое, ки дар давраҳои гуногуни инкишофи тамаддуни башарӣ ба вуҷуд омадаанд, аз ҷумла: гимназияҳо, литсейҳо, коллеҷҳо, муассисаҳои таҳсилоти касбӣ, муассисаҳо барои кӯдакони болаёқат, мактабҳои таҳсилоти минбаъдаи соҳаҳои алоҳидаи дониш ва ғайра. Тавсеаи таҳсилоти хусусӣ гуногунандешии таъминоти таълимро афзоиш дод ва дар навбати худ имкон дод, ки мундариҷаи таълим дар доираи меъёрҳои қисми тағйирёбандаи барномаҳои таълимии давлатӣ тағйир дода шавад. Илова бар ин, муассисаҳои таълимӣ дар иҷрои қисми тағйирёбандаи накшаҳои

асосии таълим аз равишҳо ва технологияҳои гуногун истифода мебаранд.

- таҳсилоти гимназиягӣ (таълими модулӣ, таълими лингвистикӣ, инкишоф додани иқтидори эҷодӣ- шахсиятии хонанда, таълими башардӯстона);

- таҳсилоти литсейӣ (таълимӣ лоиҳавӣ, касбӣ, мушкилотӣ);

- дар муассисаҳои чуқур омӯхтани фанҳои таълимӣ (технология самт мегирад ба баланд бардоштани дараҷаи таълим).

4. ҷараёни мустақилият пайдо намудани муассисаҳои таълимӣ дар симои шахси ҳуқуқӣ дар ҷумҳурӣ.

5. дар ин раванд дар идоракунӣ тағйирот рӯй медиҳад.

Агар максади тарбияи маданӣ тайёр кардани дастпарварони омузишгоххои касбй-техникй ба хаёти чамъияти маданӣ бошад, фахмидани он чӣ гуна чамъият аст ва шаҳрвандон бояд чӣ гуна мушкилот ҳал кунанд, фоиданок аст. Аз ин рӯ, чунин масъала гузоштан тамоман бемаънӣ аст, ки донишҷӯён бояд хаёти худро мувофики акида созанд, на бо хаёти воқеӣ. Татбиқи бомуваффақияти тарбияи маданӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба меъёрҳо ва қоидаҳои маданӣ, ки дар муассисаҳои таълимӣ мувофиқи амалияи халқии демократӣ муқаррар шудаанд, вобаста аст.

Озмоиш ва мушодиҳои мо собит менамоянд, ки ҳоло ҳам дар раванди демократикунонии ҷараёни таълим ва тарбия мушкилоти зиёде мавҷуданд:

- нигоҳ доштани қисми зиёди ҳайати маъмурӣ ва омӯзгории муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ аз ҳисоби мутахассисони синну соли нафақавӣ мебошанд;

- ба фаъолияти инноватсионӣ майл надоштани онҳо ва ҷудо шудан нахостани онҳо аз қолаби куҳнаи таълимӣ мавҷуд аст [11, 16].

- муайян намудани майли низоми таҳсилот дар оянда (ояндабинӣ);

- дар пайравӣ бо Аврупо, Россия, ШМА, Хитой, Япония оид ба раванди демократикунонии низоми таҳсилот бо риояи хусусиятҳои миллӣ тадбирҳои зарурӣ андешидан.

Барои тасдиқи фаҳмиши демократикунонии раванди таълим, ба олими японӣ Йошира Конемацу рӯ меорем, ки ӯ такид менамояд, ки тамоми низоми таълим дар раванди демократикунонӣ ду вазифаро иҷро менамояд:

- таълими шахсӣ;

- интихоби иҷтимоӣ.

Дар ҳолати якум, дар таълими шахсӣ- сухан дар бораи аз бар намудани дониш, маҳорат, малака ва ташаккули характер меравад, ки ифодакунандаи салоҳиятнокӣ ва равандҳои демократӣ мебошад.

Дар ҳолати дуюм- интихоби иҷтимоӣ, сухан дар бораи тақсимот бо касбҳои гуногун дар зинаҳои ҷамъият меравад. Дар даҳсолаҳои гузашта дар таҳсилоти касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон мушкилот ва бӯҳрони чуқур ҳукумрон буд, ки дар шароити муосир он бартараф гардида, низоми таҳсилоти касбии Тоҷикистон ба фазои ҷаҳонии таҳсилот ворид гардид. [155].

Омухтани таҷрибаи назариявӣ ва амалии педагогикаи муосир имкон медиҳад, ки мо самтҳои муҳимтарини стротегиро дар татбиқи раванди демократикунонии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар чунин шакл иброз намоем:

- бартараф намудани монеаҳои иҷтимоӣ дар гирифтани маълумон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ;

- ташкил додани таълими оммавии босифат дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ;

- баланд гардидани дараҷаи касбияти омӯзгорон дар мувофиқа бо дараҷаи талаботҳои шахсӣ, ки дар раванди демократикунонӣ донишҷӯён дар интихоби омӯзгор метавонанд истифода намоянд;

- дар раванди демократикунонӣ диверсификатсия ва тафриқа дар таълим рӯи медиҳад;

- коркард ва татбиқи чораҳои маҷмӯии иҷтимоӣ- педагогӣ баҳри ҳифзи ҳуқуқи ҷавонони қобилияти табиӣ дошта ба таълим истифода мегардад;

- идоракунии демократии низоми таълим дар муассисаҳои таҳсилоти касбӣ, ки боиси ташаккули салоҳиятмандӣ мегардад, иҷтимоишавиро метезонад;

- таълими бетанафус ва дастрас будани он дар тамоми зинаҳои таҳсилот муваффақиятро дар демократикунонӣ таъмин карда, иҷтимоишавиро суръат мебахшад.

Дар ҷараёни демократикунонии раванди таълим ва муносибати босалоҳият мавқеи калидиро омӯзгори дорои сифатҳои баланди касбӣ мебозад:

- мавқеи инсондӯстонаи омӯзгор дар муносибат бо хонандаю донишҷӯён ва қудрати мураббигии ӯ дар ин раванд ниҳоят мубрам мебошад;

- салоҳияти педагогӣ ва психологӣ дар якҷоягӣ бо ташаккули азхудкунии қавӣ ва самараноки намунаҳои тафаккури педагогӣ омӯзгоронро омода месозад, ки ба мушкилоти нав омода бошанд ва ҳамзамон ба масъала аз нуқтаи назари шахсии хонандагон нигоҳ кунанд.

- тамоюлҳои имрӯза тақозо мекунад, ки омӯзгорон бояд фанҳои тахассусии худро пурра дарк кунанд ва дар истифодаи воситаҳои муосири таълим салоҳият дошта бошанд.

- доштани таҷрибаи эҷодӣ ва қобилияти дифоъ аз таҷрибаи таълимии худ ва таҳияи лоиҳаҳо дар соҳаи маориф.

Онҳо бояд ба стандарти олии касбӣ, иҷрои вазифаҳо, идоракунии вақт, интизом ва инчунин ӯҳдадории муошират ҳам бо донишҷӯён ва ҳам аъзоёни факултет ва кормандон омода бошанд [43.3].

Дар тӯли солҳо, соддагии ғояҳои сиёсӣ дар таълим ва таҳқиқоти сиёсатшиносӣ ҳатмӣ боқӣ мемонад, ки аз такмили консепсияҳои мураккаб дар матнҳои сиёсатшиносӣ ва барномаҳои таълимӣ шаҳодат

медиҳанд. Вақте ки донишҷӯён таълим медиҳанд ё мехонанд, ин мафҳумҳо метавонанд хеле мураккаб бошанд. Масъулияти омӯзгорон аст, ки мафҳумҳои асосӣ, аз қабили «демократия», «демократикунонӣ», «давраи гузариш», «раванди гузариш», «модернизатсияи сиёсӣ», «фармонии маъмурӣ»-ро равшан кунанд. Тавассути он донишҷӯён фаҳмиш пайдо менамоянд, ки демократия чизи нав не, балки маҳсули эҷози инсоният буда, дар даврахои ҷамъияти ғуломдорӣ ва феодализм баъзе нишонаю аломатҳои он мавҷуд баданд.

Барои ба даст овардани ҳадафҳои гузошташуда, бояд вазифаҳои илмии зерин ҳал карда шаванд:

- дар шароити демократикунонии муносибатҳои ҷамъиятӣ, муҳим аст, ки принсипҳои асосии раванди сиёсӣ дуруст ва равшан дарк карда шаванд.

- ҳусусиятҳои калидии амалҳои сиёсиро дар шароити демократикунонии ҷомеа ва маориф таҳлил намуда, сабабҳои монеаҳои ин равандро баррасӣ кардан.

- омилҳои мусоидаткунанда ба раванди демократикунонии ҷомеаро тавсиф карда, гурӯҳбандӣ намудан ва равишҳои методологии ҳалли ин мушкилотро шарҳ дода шавад.

Ҳадаф аз муайян ва таҳлили робитаҳои ҷаҳонии раванди сиёсии Тоҷикистон дар робита бо раванди демократикунонӣ ва муайян ва таҳлили зиддиятҳои демократикунонии ҷомеаи тоҷик дар шароити муосир мебошад;

- муайян намудани майлҳои асосии стратегияи навсозии Тоҷикистони муосир дар базаи дарки фаҳмишҳои умуминазариявӣ. [13].

Дар раванди демократикунонии таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ диққати бештарро бояд ба пурзур намудани робитаҳои байни омӯзгор ва донишҷӯён равона намоем. Аз сабабе, ки дар ҷараёни демократӣ аз методҳои зӯрӣ ва фармонфармоӣ истифода бурдан мумкин

нест, тамоми диққатро ба баланд бардоштани шуур ва маданияти донишҷӯён равона намудан заруривт дорад. [43,7]

Мушоҳидаҳои педагогӣ собит менамоянд, ки дар раванди ворид шудан ба дарсҳои ҳамдигар, омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ, ки таҷрибаи ғании фаъолияти педагогӣ доранд, ба омӯзгорони бетаҷриба бояд ёрии методӣ расонанд. То нақша ва конспект нависанд, дониш ва маҳорати хешро сайқал диҳанд ва аз воситаҳои техникӣ ва аёният дурусту мақсаднок истифода бурда тавонанд. [41, 6-8].

Дар давраи демократикунонии чамъият муассисахои таълимй бо фарохам овардани шароити зарурӣ ба равандҳом тарбияи инсон мусоидат мекунанд. Дар ҷаҳони имрӯза инкишоф додани шахсияте муҳим аст, ки қодиранд барои худ ва онҳое, ки бо онҳо муоширате мекунанд, масъулияти шахсӣ дошта бошанд. Дар робита ба демократикунонии таҳсилоти касбӣ-техникӣ ду шакли маъмули алоқаро ҷудо кардан мумкин аст. Аввалин ин муоширати иҷтимоӣ мебошад, ки онро ба маънои васеи худ ҳамчун раванде муайян кардан мумкин аст, ки дар он вазифаҳои иҷтимоӣ-моҳиятӣ ҳал карда мешаванд ва таъсири мусбат ба ҷомеасозӣ муайян карда мешаванд.

Муоширати шахсиро аз рӯи тамоюли ҳамкорӣ ва ҳамоҳангсозӣ аз рӯи фаъолият муайян кардан мумкин аст. [20].

Тавсифи муҳимтарини муоширати касбӣ- педагогӣ тарз, усул мебошад, ки тарзу усул- хосияти фардӣ- типологии ҳамкории омӯзгор бо донишҷӯён мебошад.  Мубрамияти ин мавзуи таҳқиқот дар он мебошад, ки дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар раванди демократикунонии ҷараёни таълим дар байни донишҷӯён ва омӯзгорон ҳар чи бештар мухолифат рӯй медиҳад. Зеро аксари донишҷӯён дар зери мафҳуми демократия ва демократикунонӣ озодии мутлақро мефаҳманд. Онҳо бояд дуруст фаҳманд, ки озодӣ танҳо дар доираи қонун буда метавонад ва тамоми шакли фаъолияти озод демократияро не, балки анархияро ифода менамояд.

## 1.2. Асосҳои педагогии идоракунии демократаии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ- омили иҷтимоишавии донишҷӯён

Саволи умумӣ ин аст, ки ислоҳоти демократиро дар соҳаи маориф чӣ гуна бояд оғоз кард. Барои ҷавоб додан ба ин савол, зарур аст, ки ҳам ба омӯзгорон ва ҳам хонандагон бо принсипи равишҳои асосии демократикунонии ҷараёни таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ бояд шинос карда шаванд.

Мақсади асосии демократикунонии таълиму тарбия ин ташаккули фарҳанги демократӣ мебошад, ки ҳамчун пояи бунёди ҷомеаи шаҳрвандӣ амал мекунад. Вазифахои асосии демократикунонии раванди таълим ва тарбия аз инҳо иборатанд

1. Дар тамоми сохахои хаёти муассисахои тахсилоти миёнаи касбӣ амалӣ гардондани он.

2. Ташаккули низоми худидоракунии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ҳавасманд ва роҳбарӣ карда шавад.

Барнома дар асоси се омили асосӣ таркиб ёфтааст: демократикунонии фаъолияти таълиму тарбия, фаъолияти таълимӣ чи фаъолияти берунazсинфӣ, идоракунӣ дар муассисахои таҳсилоти миёнаи касбӣ.

Барои шинос намудани омӯзгорон ва донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ бо талаботҳои демократикунонии раванди таълиму тарбия ва идоракунӣ нақши семинар ва машқҳои (тренинги) шахсии хешро омода намудан зарур аст. Барои гузаронидани чунин семинарҳо оид ба шиносоӣ бо талаботҳои демократӣ бояд на камтар аз 5 соату 30 дақиқа сарф карда шавад. Дар ин раванд аз чӣ оғоз намудан зарур аст?

Қадами аввали ташаккули биниши умумӣ дар бораи он аст, ки мафҳуми демократикунонӣ дар заминаи равандҳои таълим ва тарбия дар байни ҳамаи иштирокчиени низоми маориф ва ҳамкории онҳо чӣ гуна

аст. Муҳим аст, ки ҳамаи ҷонибҳои манфиатдор дарки ҳамаҷонибаи консепсияи «демократикунонӣ» ва интизориҳои марбут ба он дошта бошанд. Аз ин сабаб, дар муассисаҳои таҳсилоти миенаи касбӣ бояд гурӯҳҳои мубоҳисавӣ таъсис дода шаванд. Ин гурӯҳҳо кӯшиш хоҳанд кард, ки принсипҳои демократия, нақши шахс (шахсоне), ки ба демократикунонӣ мусоидат мекунанд ва воситаҳои имконпазиреро, ки тавассути онҳо ин принсипҳоро дар амал татбиқ кардан мумкин аст, таҳқиқ кунанд [43,20].

Дар муқоиса бо тамоюли муосири таълим ва тарбия ба рушди демократия, омӯзгори барҷаста Н.К. Крупская изҳор медорад, ки институти воқеан демократӣ як "нормаи иҷтимоӣ" - и муттаҳид, ба кор нигаронидашуда, ғайридинӣ ва рушдебанда мебошад.

Аз тарафи дигар, В. А. Сухомлинский изҳор медорад, ки назарияи таълими демократӣ ба фароҳам овардани фазои дастгирӣ равона шудааст, ки дар он донишҷӯен худро бехатар ҳис мекунанд, якдигарро эҳтиром мекунанд, баҳои баланд медиҳанд. Демократикунонӣ ин изҳори муҳаббат ба кӯдакон ва барқарор кардани муносибатҳои боэътимод байни муаллимон ва донишҷӯен мебошад.

М. М. Поташник таъкид мекунад, ки демократикунонӣ барқарорсозӣ, ҷорӣ ва пешбурди муносибатҳои воқеии демократӣ байни роҳбарон, донишҷӯен, омӯзгорон ва волидонро дар бар мегирад.Кричевский В. Ю.бошад қайд менамояд: «Демократикунонӣ – на суммаи чорабиниҳо, балки дар худ тағйир ёфтани тарзи идоракунии дохилии муассисаро ифода менамояд, навсозии муносибатҳои байнишахсиятӣ ва худидоракунии муассиса натиҷаи демократикунонӣ мебошад» [75,101].

Грипич В. В. дар озмоишҳои хеш қайд мекунад: «Васеъ гардидани ботадриҷи ширкати аъзоёни коллективи муассиса- омӯзгорон, донишҷӯён ва волидон дар идоракунии муассисаи таълимӣ раванди

демократикунонии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбиро амалишаванда мегардонад» [37,101].

Барои ҳалли масъалаи демократикунонӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миенаи касбӣ чор гурӯҳи корӣ ташкил карда шуданд. Гурӯҳи аввал механизмҳои мавҷударо тавсиф мекунад, ки раванди демократикунонии раванди таълимро истифода мебаранд ва гурӯҳи дуюм механизмҳои демократикунонии идоракуниро тавсиф мекунанд. Гурӯҳи сеюм механизмҳои демократикунонии маорифро меомӯзад, гурӯҳи чорум механизмҳои демократикунонии идоракуниро низ ҳамин тавр меомӯзад.

Мавзуъҳо ба монанди фалсафа, таърих, ҷомеашиносӣ, ҳуқуқшиносӣ ва иқтисод аксар вақт бори аввал ба донишҷӯен дар муассисаҳои таълимӣ ҳамчун асосҳои демография, шаҳрвандӣ, ҳуқуқ, озодӣ ва ӯҳдадориҳо таълим дода мешаванд. Фанҳои зерин барои донишҷӯен барои ба даст овардани дониш, маҳорат ва малакаҳои зарурӣ асос мебошанд, то онҳо раванди демократикунонӣ ва иҷтимоиро беҳтар дарк кунанд [43,5].

Муносибати демократии омӯзгор дар он зоҳир мегардад, ки иштироки донишҷӯён дар ҳаёти муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ бо ёрию мадади онҳо оғоз гардида ва оянда мустақил мегардад. Омӯзгор бояд пешбарандаи андешаҳои пешқадам бошад ва барои он бо ӯ зарур меояд, ки мунтазам дар пайи баланд бардоштани маҳорати касбии хеш бошад.

Муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ метавонанд барои фаъолияти демократӣ ва омӯхтани демократия тамоми шароитҳоро дар раванди таълим ва корҳои беруназсинфӣ муҳайё гардонанд. Дар корҳои беруназсинфӣ ба онҳо бештар дар бораи якҷоя кор кардан, андешаи дигаронро низ ба эътибор гирифтан, ақлона интихоб намудани сарварони гурӯҳҳои академӣ кор меояд.

Демократикунонии идоракунӣ- ин пеш аз ҳама, муттамарказонии чараёни идоракунии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ва фаро гирифтани миқдори зиёдтари одамон дар ҳалли масъалаҳои муҳими муассиса мебошад. Муттамарказонии идоракунӣ ин чараёнро демократӣ наменамояд, балки барои тақсим кардани ҳокимият ва масъулият шароитро фароҳам меорад.

Барои самаранок гардонидани низоми демократии худидоракунии муасисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ, муҳайё намудани шароитҳои зерин заруранд:

- шароитҳои баробар барои иштирокчиёни чараёни таълим дар идоракунии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ва қабули қарорҳои дахлдор, оид ба раванди идоракунӣ.

- баланд бардоштани маҳорати касбӣ ва салоҳияти идоракунии тамоми иштирокчиёни раванди таълим, ки дар идоракунии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ омили асосӣ мебошад.

Таркиби худидоракунии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ аз худ ҳамкории мақомоти худидоракунии донишҷуёнро ифода менамояд, (Шурои худидоракунии донишҷӯён), Шурои педагогии омӯзгорон ё Шурои олимон, Шурои методӣ, комитети волидон ё Ассотсиатсияи волидон, ва Шурои фармоишгарон ба он дохил мегарданд. Барои мақомоти худидоракунии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ фаъолияти хешро дар доираи талаботҳои қонун, ошкоро ва демократӣ бунёд намояд, ин тадбир ниҳоят муҳим мебошад. Дар ин раванд бо пешниҳоди ҳафтуми оинномаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ, бо паҳлуҳои ҳуқуқии фаъолияти идоракунии муассисаҳо шинос шудан мумкин аст.

Фаъолияти макдомоти худидоракунӣ мустақилона ва аз ҳамдигарӣ новобаста, ҳадаф ва вазифаҳои хешро доро буда, ҳамаи онҳо дар робитаи мутақобилан амал менамоянд, ки яке аз аломатҳои асосии иҷтимоишавии донишҷӯён мебшад. Вазифаи асосии тамоми зерсохторҳои мақомоти худидоракунии донишҷӯён татбиқи ҳуқуқҳои

қонунӣ ва манфиатҳои донишҷӯён мебошад, ки яке аз ҳадафҳои демократикунонӣ ва иҷтимоишавӣ мебошад.

Асосҳои демократикунонии таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар шароити муосир бо ҳамкории роҳбарон, маъмурият, омӯзгорон ва донишҷуён вобастагии зич дорад. Идоракунии демократии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ васеъ гардонидани ҳуқуқ, намояндагӣ ва ҷавобгарии коллективи омӯзгорон ва донишҷӯёнро аз рӯи баъзе ваколатҳо беш мегардонад. Дар замони шӯрави дастрасии донишҷӯён ва омӯзгорон ба идоракунӣ ва худидора ниҳоят маҳдуд буд, зеро идоракунии муассисаҳои таълимӣ ба таври муттамарказ бо методи маъмурӣ фармонфармоӣ амалӣ мегардид [58,20].

***Шакли асосии демократикунонии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ чунин мебошад:***

1.Интихоби роҳбарони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ, ки талаботи асосии демократикунонии муосир мебошад, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қариб тамоман вуҷуд надорад. Ин аҳамияти доштани усулеро таъкид мекунад, ки тавассути он ба ҳар як корманд аз ҷониби ҳайати тахассусии баҳодиҳандагон, беҳтараш муаллимон баҳо додан мумкин аст. Мушкилот дар интихоби роҳбарони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ аз нокифоя будани меъёрҳои интихоб, бесалоҳиятӣ ва субъективии арзёбикунандагон ба миён омадааст.

Тибқи «Низомномаи интихоби директорон» интихобот танҳо барои ишғоли мансабҳои холӣ гузаронида мешавад. Онҳое, ки мехоҳанд директор шаванд, барномаҳои худро бо мақсади шиносоӣ бо андешаи кормандон ва ҷалби дастгирии онҳо муаррифӣ мекунанд.

Интихоботи демократии мақомоти идоракунии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ба коллективи ташаккулёфта имконият медиҳад, ки роҳбари арзандаро барои худ интихоб кунанд. Чунин муносибати шуурона метавонад ҷараёни таълим ва тарбияро баланд бардорад. Аз рӯи ҳалли ин масъала дар мо ҳоло ҳам норасоиҳои зиёда мевҷуданд, ки

ба сифати таълим ва тарбия халал ворид менамоянд. Дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ имрӯз, ба вазифа шахсоне таъин карда мешаванд, ки аз навгониҳои педагогӣ огоҳ нестанд, ки ин ба вайрон гардидани талаботҳои демократикунонӣ анҷом меёбад [45, с.12].

2. Шурои олимон ҳамчун як мақоми идоракунии давлатӣ фаъолият мекунад, ки тавассути овоздиҳии пинҳонӣ дар конфронси институтсионалӣ, ки ҳайати омӯзгорон, донишҷӯён, волидон ва аъзоёни ҷомеаи маҳаллӣро дар бар мегирад, интихоб карда мешавад. Донишҷӯён дар Шуро ҳуқуқ доранд овоз диҳанд, савол диҳанд ва дар бораи беҳтар кардани шароити зисти хобгоҳ, китобхонаҳо ва муҳити умумии таълимӣ ва истиқоматӣ пешниҳод кунанд. Илова бар ин, Шуро салоҳияти ташкили курсҳои шартномавӣ роҷеъ ба мавзуъҳои ғайритаълимӣ, таъсиси фонди молиявӣ, ҳалли норозигӣ аз ҳайати омӯзгорон ва миёнаравӣ дар ҳалли ихтилофотро дорад [25].

3. Дар баъзе мавридҳо, мақомоти худидоракунии донишҷӯён метавонанд дар доираи гурӯҳҳои таълимӣ нақшҳои маъмурӣ ва назоратӣ дошта бошанд. Аммо консепсияи худидоракунӣ аксар вақт аз татбиқи пурраи он қафо мемонад. Қобили зикр аст, ки талошҳо дар Коллеҷи омӯзгории ба номи Хосият Махсумоваи назди Донишгоҳи давлатии техникии ба номи С.Айнӣ ва Донишгоҳи давлатии техникии ба номи М.Осимӣ пешравӣ нишон дода, мақомоти худидоракунии донишҷӯён фаъолияти пурсамар доранд.

4. Қарорҳои шӯрои мақомоти боло барои иҷро ба шӯрои мақомоти поёнӣ равона карда мешаванд. Яке аз талаботҳои демемократикунонии даврони Шуравӣ низ чунин буд, итоати бечунучарои ақалият ба аксарият ва дар назди мақомоти болоӣ ҳисоботдиҳанда будани мақомоти поёнӣ.

5. Таъмин намудани инкишофи эҷодии донишҷӯён ва барои тамоми бурду бохти таълиму тарбия масъул будани маъмурият.

6. Банақшагирии корҳои методӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ бояд таҳлили натиҷаи фаъолият бошад, ки онро муоина меноманд.

Натиҷаи фаъолит дар тамоми ҳолат аз банақшагирии баланд бардоштани такмили ихтисос вобастагӣ дорад. Дар раванди демократикунонии корҳои таълим ва тарбия шуурнокии инсон ба дараҷае баланд бошад, ки пайваста дониш, маҳорат ва малакаи касбии хешро баланд бардорад. Дар ҳолати дуруст ба роҳ мондани таълиму тарбия ва риояи талаботҳои демократӣ, аксар омӯзгорони суст аз қатор берун мемонанд.

Дар раванди таҳқиқоти хеш, тавассути мушоҳида аз фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба хулосае омадем, ки асосҳои педагогии раванди демократикунонӣ метавонанд инҳоро дар бар гиранд:

- таъсиси низоми ягонаи фаъолияти таълимӣ, ки омӯзиши академикӣ, истироҳат ва ҳаети ҳаррӯзаро бо мақсади мусоидат ба рушди шахсии хонандагон муттаҳид мекунад. Чунин низом ҳамчун сохтори иҷтимоӣ амал мекунад, ки ба рушди ҳамаҷонибаи донишҷӯен ва иштироки фаъолонаи онҳо дар ҷомеа мусоидат мекунад;

- дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ равандҳои демократикунӣ аз гузаштан аз талаботҳои педагогӣ бо ҳамкорӣ нигаронида шаванд;

- инкишоф додани худидоракунӣ дар ҳаёти коллективи донишҷӯён бо мақсади иҷтимоишавӣ;

- истифода аз методҳои гуногуни ташкили чараёни таълим ва тарбия дар асоси ҳамкорӣ;

- педагогикунонии муҳити атрофи муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ [44, 7].

Дар бисёре аз кишварҳои пасошӯравӣ, ҷорӣ кардани равандҳои демократӣ дар соҳаи маориф бо монеаҳои ҷиддӣ рӯ ба рӯ шуд, ки асосан аз омилҳои зерин иборатанд:

- Набудани асосҳои мукаммали ҳуқуқӣ ва санадҳои меъёрие, ки муносибатҳои ҳуқуқиро муайян кунанд ва асоси татбиқи принсипҳои демократикунонии идоракунии маориф дар мактабҳо шаванд.

- Норасоии дониш дар бораи усулҳои идоракунии демократӣ ва сатҳи пасти малакаи роҳбарони муассисаҳои таълимӣ.

- Риояи усулҳои фармондеҳии маъмурӣ дар амалҳои идоракунӣ аз ҷониби кормандони маориф.

- Заифшавии фарҳанги ҳуқуқӣ ва дастрасии ҳуқуқӣ дар байни аксари иштирокчиёни раванди таълимӣ [43].

Дар давраи муосири инкишофи маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба захираи асосӣ инсони дорои касбияти баланд, ки иқтидори ҳал намудани вазифаро дар шароити тез ивазшаванда дошта бошад, равона гардидааст. Самти асосӣ ва афзалиятнок дар сиёсати стротегии давлат маориф дониста шудааст. Механизмҳои татбиқи сиёсати стратегии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба маориф аз рӯзҳои ба даст овардани истиқлолияти миллӣ давом ёфта омада истодааст.

Самтҳои асосӣ дар навсозии маориф ва раванди демократикунонии таҳсилот дар Тоҷикистон инҳо шуда метавонанд:

- татбиқи консепсияи муосири тарбияи миллӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ;

- гузаштан ба амсилаи нави тарбия, ки низоми тарбияи Шӯравӣ бо идеологияаш моро қонеъ кунонида наметавонад;

- имрӯз мо ба гузаштан аз таҳсилоти миқдорӣ ба сифатӣ ниёз дорем;

- гузаштан аз низомии мавчудаи таҳсилоти миенаи касбӣ, ки аз ҷониби техникумҳо ва ғайра пешниҳод карда мешавад, ба сохтори сатҳи баландтар, ки ба литсейҳо ва коллечҳо асос ефтааст, дилхоҳ аст. Ғайр аз он, муассисаҳои таҳсилоти миенаи касбӣ бояд барномаҳо, барномаи таълимӣ ва сохтори ташкилӣ дошта бошанд, ки ба барномаҳои таҳсилоти олии касбӣ бештар мувофиқат кунанд. Инчунин ташкили

литсейҳо ва коллеҷҳо дар соҳаҳои марбута дар системаҳои таҳсилоти миена ва олии касбӣ тавсия дода мешавад;

- чорабиниҳо дар доираи таҳсилоти иловагии касбӣ бояд ба таври нав ташкил карда шаванд, то мундариҷаи нав ҷорӣ карда шавад. Ба онҳо дохил мешаванд:

- мазмуни тайерии илмӣ-назариявӣ ва методӣ ва ҳаҷми тайерии илмӣ-методии кадрҳои коллеҷҳои педагогиро муайян намояд;

- банақшагирии бодиққат ва ташкили раванди таълим мутобиқсозии касбии кормандон ба шароити тағйирёбандаи таълим;

Мақсад аз он иборат аст, ки шаклхои ташкилй тағйир дода, ба амалияи чамъиятй тайёрии муаллимони оянда бехтар карда шавад.

Вазорати маориф ва илм барои қонеъ гардонидани ниёзҳои фалсафаи муосири таълиму тарбияи насли нав бояд мавқеъи демократия ва ҷойгоҳи худро дар маориф, муносибати салоҳиятона ва иҷтимоии худ ба ҷавонон ва идоракунии низоми маорифро бознигарӣ намояд. Аз ин лиҳоз, маориф як ҷузъи муҳими мавҷудияти инсон буда, бо эътирофи деринаи нақши аслии он дар ташаккули шахсиятҳо ва пешрафти ҳамоҳанг ва муассири ҷомеаҳо. Таҳсилот метавонад донишро ҳавасманд гардонад, малакаҳо ва қобилиятҳоро омӯзонад, тафаккур ва баҳодиҳии муассирро ташвиқ кунад, фаҳмиши беҳтари сенарияҳои гуногунро таъмин кунад ва ҳатто раванди умумии иҷтимоишавӣ метезонад. Дар раванди ҳаёт, инсон ба чӣ ҳодисаҳое рӯ ба рӯ намегардад, танҳо тавассути таълим ӯ қудрате пайдо менамояд, ки хешро ба талаботҳои ҷомеа мутобиқ созад. Таъмини таълим барои ҳаёти мустақилона бояд дар барномаи миллӣ афзалият пайдо намояд, зеро он маънои муносибати босалоҳиятро дошта мақсади асосиаш ба ҳаёти мустақилона омода намудани инсон мебошад.

Таҳсилоти миёнаи касбии муосир бояд низоми бисёрдараҷагии омода намудан кадрҳоро васеъ ҷорӣ намояд. Чунин навъи таҳсилот метавонад талаботи кишварро, ки ба шумораи зиёди одамон бо малака

ва маҳорати зарурӣ нигаронида шудааст, қонеъ гардонад ва ба онҳо имкон диҳад, ки ба ниёзҳои гуногуни ҷомеаи муосир мутобиқ шаванд. Аз ин рӯ, зарур аст, ки дар доираи низоми таҳсилот иқтидори қонеъ гардонидани ин ниёзҳо мавҷуд бошад, ва сипас барномаи рушди оянда муайян карда шавад.

***Дар раванди демократикунонии таҳсилоти миёнаи касбӣ се тарзи фаҳмиш мавҷуд аст:***

- маъмурияти муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ бояд тамоми ҷонибҳои манфиатдори ин равандро, ки донишҷӯён, омӯзгорон, волидон ва роҳбарон мебошанд, дар бар гиранд. Лекин гуфтан ҷоиз аст, ки ҳеҷ гоҳ андешаҳо якхел буда наметавонанд.

- муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ донишҷӯёнро ба ҳаёти фаъолона дар ҷамъияти демократӣ омода намуда, бо таҳлили низоми сиёсӣ ва истифодаи он дар ҳаёт омода намоянд. Донишҷӯёни муосири муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ бояд дорои шуур ва маданияти баланди демократӣ бошанд ва нуқсониҳои мавҷударо иқтидори дидану ошкор намуданро дошта бошанд.

Дар ҷараёни ҷаҳонишавии таҳсилот, муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ бояд маҳоратҳоеро ташаккул диҳанд, ки барои ҳаёт дар ҷамъияти демократӣ муҳиманд:

- қобилияти коркард ва интиқоли андешаҳоро ба таври даҳонӣ ва хаттӣ дошта бошанд;

- тавоноии ташкил додани вохӯрӣ ва маҷлисҳоро дошта бошанд;

- қобилияти барқарор намудани муошират бо тамоми қабатҳои аҳолии дорои бовариҳои гуногуни динӣ, сиёсиро дшта бошанд;

- таълим ва муассисаҳои таълимӣ, ҳамон вақт демократӣ шуда метавонанд, ки агар кушиш ва маданияти одамонро ифода намоянд.

Мо асосҳои демократикунонии ҷараёни таълиму тарбияро ҳамчун барқароршавӣ мавриди омӯзиш қарор додем. Фаъолият ва инкишофи муносибатҳои ҳақиқии демократӣ дар муносибати байниҳамдигарии

маъмурият, омӯзгорон, мақомоти худидоракунии донишҷӯён дар самти педагогӣ ошкор мегарданд [48].

Бисёр олимон демократикунонии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбиро дар се моҳият мавриди таҷдиди назар қарор медиҳанд: - аз рӯи мақсад, - аз рӯи восита, - аз рӯи ҷараён.

Мақсади бевоситаи, асосҳои педагогии демократикунонии раванди таълим ва тарбия дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ, аз инкишоф додани муносибатҳои ҳақиқии демократӣ иборат мебошад. Мақсади охирини демократикунонии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ- дар фаъолияти оптималии ҷараёни педагогӣ, баҳри ноил гардидан ба натиҷаи мушаххаси таълим, тарбия ва инкишофи донишҷӯён ниҳон мебошад.

Мақсади асосҳои педагогии демократикунонии раванди таълим ва тарбия, дар тамоми зинаҳои таҳсилот аз шуурона дарк намудани зуҳуротҳои нав, ҷараён, шароит- умуман ҳама нофаҳмӣ ва иштибоҳҳо иборат аст. Пеш аз ҳама, мехостем қайд намоем, ки демократикунонӣ бо фармон ва супориш амалӣ намегардад. Психологияи миллии мо тавре ташаккул ёфтааст, ки дар он кору фаъолият на дар асоси шууру маданияти шахсӣ, балки дар натиҷаи назорат, сахтгирӣ, маҷбуркунӣ ва фармону супориш пеш меравад.

Дар давлати демократӣ ва ҷомеаи шаҳрвандии Тоҷикистон мо корҳои зиёди озмоишӣ мегузаронем, оид ба ин ё он масъала ба муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ рафта, ҳангоми мавриди омӯзиш қарор додани нақшаи солонаи муассиса, кас пай мебарем, ки нақшаи солонаи муассисаро аз болои нақшаи солҳои гузашта бо баъзе иловаҳо навсозӣ намудаанд.

Ҳатто дарк накардаанд, ки вазифаву маълумотҳои дар нақша мавҷуда тағйир доданро металабанд. Содалавҳӣ мебошад, агар роҳбари муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ дар бораи оғози раванди демократикунонии ҷараёни таълиму тарбия аз фалон саъна фармон барорад. Дар ин ҷо фармон зарурият надорад, балки шароитро муҳайё

намудан зарур аст, ки дар натиҷаи он «демос» ҳуқуқҳои хешро дарк кунад. Шахс дар худ муоина намояд, имкониятҳои хешро дар бораи иштирок дар идоракунии муассиса, дар бораи зарурияти демократикунонӣ фаҳмиш дошта бошад ва дуруст дарк намояд, ки демократикунонӣ тавассути фармон номумкин мебошад.

Дар вактхои охир мо дар мубохисаю мунозирахои сершумори олимону мутахассисон дар бораи ба тадбирхои демократикунонӣ, имкониятҳои он ва ҳудуди татбиқи он иштирок намудем.

1. Дар аксари ин мубохисахо мушохида шуд, ки аксарият мухаккикон ва олимони бар ин боваранд, ки демократикунонӣ дар байни шахсони баркамол, ки маданияту маърифати баланд доранд, самараноктар татбиқ мешавад.. Худи инсони инкишофи муоширатиёфта, дорои маданияти баланд, хушахлоқ, тарбияи маънавиёфта дар раванди демократикунонии таълим ва тарбия дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ мушкилотеро пеш намеорад ва талаботҳои демократӣ дар рафтори ӯ татбиқшаванда мебошанд.

2. Шояд дар ин ҷо таъкид кардан лозим бошад, ки дар байни муаллимон-рохбарон, аз як тараф, дар мавриди таърифи мафҳумҳои демократия ва демократикунонӣ, аз тарафи дигар, дар мавриди таҳлилу баҳодиҳии ин раванд ихтилофи муайяне вуҷуд дорад [157]. Истилоҳи «демократия» аз ду калимаи юнонӣ — «демос» (халқ) ва «кратос» (қудрат) гирифта шудааст. Тавре ки дарк кардан мумкин аст, онро метавон ҳамчун як шакли ҳукумат муайян кард, ки мардумро ҳамчун ҳокимият ва қобилияти иштирок дар корҳои ҷамъиятӣ дар доираи ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандон эътироф мекунад. Демократия ва демократикунонӣ аз нуқтаи назари фалсафа дар ҳаёти одамон чизи тамоман нав набуда, дар шакли орзӯю ҳавас дар тамоми давру замон дар байни одамон дар шакли идеалӣ мавҷуд буд.

Демократия – дар забони русӣ – ифодаи талабот ба ташкили фаъолияти дастҷамъона, ки таъминкунандаи фаъол, баробарҳуқуқ дар

ширкат дар ҳалли масъалаҳои ба миён омада мебошад. Аввалин нишонаи демократия дар давлати ғуломдории Генуя ва Гвинетсия ва Россияи феодалӣ дар Новгороди Бузург дар раванди ба вазифа таъин гардидани А.Невский мушоҳида гардид, ки тамоми оммаи халқ ба ризоият ба ин масъала калапушҳои хешро ба боло ҳаво доданд.

Демократикунонӣ бошад – ин татбиқи равандҳои демократӣ, навсозиҳои давлатӣ, ҷамъиятӣ, муассисаҳои таълимӣ– дар нишонаҳои ибтидоии демократӣ мебошад. Агар дар бораи навсозиҳои дохилии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ва идоракунии он дар Тоҷикистон дар даврони Истиқлолияти миллӣ чизе гуфтанӣ бошем, гуфтан зарур аст, ки демократикунонӣ барои Тоҷикистон ҳамчун мақсади бемаҳдуд ба шумор мерафт. Зеро давлати демократӣ ва ҷамъияти шаҳрвандӣ таълиму тарбияро наметавонист бо тарзи дигар роҳандозӣ намояд. Демократикунонӣ ҳамчун ҷараён, татбиқи пай дар пай ва идоракунии бо худ хосро талаб менамуд [141].

Дар Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои Миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурӣ» аз 26 январи соли 2021 омадааст: *«Ҳадафи Роҳбари давлат аз ин ташаббусҳо баланд бардоштани сатҳи саводу маърифатнокии мардум ва дар навбати аввал, наврасону ҷавонон, тақвияти ҳисси миллӣ, ватандӯстиву ватанпарварӣ, ҳувияти миллӣ, арҷгузорӣ ва омӯхтани забон, таърих, фарҳанги бостонии тоҷикон, тавсияи доираи донишу ҷаҳонбинии илмиву техникӣ ва рушди илмҳои дақиқу табиӣ дар кишвар мебошад»*. Дар тамоми Паёмҳои Асосгузори сулҳӯ ваҳдати миллӣ- таваҷҷуҳи хоса зоҳир намудани Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба низоми маориф ва мувофиқати он ба талаботҳои иқтисодӣ ва навсозиҳои ҷамъиятӣ мушоҳида мегардад [117].

*Демократикунонии низоми идоракунӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ– ин инкишофи ҷараёни идоракунии одамони дорои тафаккури ягона оид ба муносибатҳои демократӣ мебошад:*

1. Мақсади асосии демократикунонӣ такмил додани асосҳои ахборотӣ- аналитикии ҷараёни идоракунии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ, дар шароити бисёр миллатӣ ва зоҳир гардидани муносибатҳои арзандаи инсонӣ мебошад.

2. Омода намудани муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ба қабул ва таълим додани донишҷӯёни мамлакатҳои хориҷӣ ба фаъолияти касбӣ дар раванди демократӣ ва муносибати босалоҳият.

3. Такмил додани вазифаи идоракунӣ сифати таълим ва баланд бардоштани вазифаи идоракунӣ ва назорати дохилии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ. Оиди ин масъала гуфтаниям, ки дар аксари муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ин масъала ниҳоят суст амалӣ мегардад. Дар ин раванд ҳарчӣ бештар ба Конститутсия ва Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба раванди демократикунонӣ такя намудан зарур аст.

Дар ягон ҳолат демократикунонии раванди таълим дар тамоми зинаҳои таҳсилот бе башардӯстона гардонидани муносибат буда ва шуда наметавонад:

- Башардӯст - ин инсондӯстдор, таъиноти инсон, шаҳрванд, арзишҳои олӣ дар низоми таълим ба манфиати инкишофи устувори ҷамъият;

- Инсондӯстдор гардонидани муносибати байни иштирокчиёни ҷараёни таълим дар тамоми зинаҳои таҳсилот;

- Башардӯстона гардонидани мазмун, шакл, метод ва воситаҳои таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ;

- Шинохти хеш ва баҳои шахсӣ ва беғаразона додан, ба шахсияти хеш [57].

4. Чустуҷӯкунанда– ҳамчун эҷод, кушодан, ихтироъ намудан, кашф кардан, бунёд, навгонӣ фаҳмида мешавад, ки инкишофро таъмин менамояд. Ба ин инчунин мустақилияти роҳбари муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ ва иштирокчиёни ҷараёни таълим дохил мешаванд. Мақсади асосии он табдил додани эҷодкориҳои педагогӣ, дар тамоми

соҳаҳои фаъолият мебошад. Дар ин масъала дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ холо ҳам норасоиҳо мавҷуданд, ки мисоли равшани он татбиқи «Барномаи давлатии рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011- 2020» мебошад.

Ба ҳайати Шӯрои олимони факултет намояндагони Шурои роҳбарони гурӯҳҳо интихоб шуда метавонанд. Дар ин ҳолат, ваколатҳои мақомоти худидоракунии донишҷӯён ба шӯрои коршиносон, яъне сарварони пурраи гурӯҳҳо монанд аст. Тавре ки дида мешавад, мақомоти зикршуда барои тақсимоти фонди стипендия дар байни мутахассисони соҳа, ташкили кор, имтиҳонҳо ва кӯмак ба деканат дар таъмини раванди таълим, фароғатӣ ва вазъи моддии донишҷӯён масъул мебошад.

Диққати ин консепсияи худидоракунии донишҷӯён ба масъалаи таъсиси маҳфилҳо дар риштаҳои гуногуни академӣ равона карда шудааст. Ташаббус аз донишҷӯёни ҳар як факултет бармеояд, ки олими намоени донишгоҳро ҳамчун мушовир ва роҳбар интихоб мекунанд ва шурои илмии донишҷӯёнро ташкил мекунанд.

Маҳфилҳо аз ҷониби шӯрои илмии донишҷӯён таъсис дода мешаванд ва рушди онҳо аз нуқтаи назари банақшагирӣ, барномаи корӣ, фаъолият, натиҷаҳо ва тағйирот аз ҷониби шӯро пайгирӣ ва арзебӣ карда мешавад  ва сипас ба ташкилотҳои сатҳи баландтар расонида мешавад. Дар муассисаҳои таҳсилоти миенаи касбӣ омӯзгорон кори худро бо донишҷӯен ва роҳҳои беҳтар кардани онро дар конфронсҳо муҳокима мекунанд [105, 85].

Истифодаи гурӯҳҳои тадқиқотӣ ва истеҳсолии донишҷӯён як роҳи тавонои ҳавасманд кардани тафаккури инноватсионии донишҷӯён мебошад. Донишҷӯёни ин гурӯҳҳо барои ҳалли мушкилоти гуногуне, ки муассисаҳои таълимӣ ва ташкилотҳо дар назди онҳо гузоштаанд, ҷамъ оварда мешаванд. Онҳо он чиро, ки дар таътили тобистонӣ меомухтанд, дар амал татбик мекунанд. Лекин дар шароити муосир аз сабаби фаъол набудани истеҳсолот ин таҷриба на он қадар маъмул аст.

Бо вуҷуди ин, ки ин дастаҳо хеле арзишманданд, на танҳо барои он аст, ки мутахассисони оянда дар дастаҳо дониши бештари техникӣ пайдо мекунанд, балки инчунин чӣ гуна истеҳсол, кор кардан ва ҳамкорӣ мекунанд. Ин таҷрибаҳо ба донишҷӯён малакаҳои заруриро меомӯзонанд, ки дар оянда онҳо арзишманд бошанд.

Кафедраи донишҷӯён, ки дар заминаи кафедраи мавҷуда таъсис ёфтааст, шакли ҷолиб ва анъанавии худидоракунии донишҷӯён мебошад. Моҳияташ дар он аст, ки роҳбари илмии мавзуъ гурӯҳи донишҷӯёнро аз муассисаи таҳсилоти олӣ интихоб мекунад, ки мехоҳанд бо корҳои илмӣ машғул шаванд. Дар ин ҳолат, донишҷӯён худашон вазифаҳоро иҷро мекунанд ва пешрафти кори худро назорат мекунанд.

Таҳлили таҷрибаи муассисаҳои таълимии касбии Тоҷикистон нишон дод, ки яке аз шаклҳои худташкили донишҷӯён кумитаҳои донишҷӯён мебошад. Ин кумитаҳо мақомоти маъмурӣ мебошанд, ки барои масъалаҳои таълимӣ ва иҷтимоӣ масъуланд, ва ба ҳаёти таълимии донишҷӯен дар гурӯҳҳои гуногуни академӣ таъсир мерасонанд.

Худидоракунии донишҷӯён дар соҳаи фаъолиятҳои иҷтимоӣ ва муфид ба тарбияи меҳнатии ҷавонон равона шудааст, ки арзишҳо ба монанди зебоӣ, таҳаммулпазирӣ ва ватандӯстиро дар онҳо ташаккул медиҳад. Соҳаҳои анъанавии иштироки донишҷӯён дар ҳаёти фарҳангӣ ва иҷтимоии муассисаҳои таълимӣ ин шӯъбаҳо ва гурӯҳҳои донишҷӯён мебошанд, аз ҷумла гурӯҳҳои сохтмонӣ, кишоварзӣ ва педагогӣ, ки зери роҳбарии ситодҳои меҳнат, шӯъбаҳои давлатии кадрҳо ва бюроҳои ҷамъиятии фаъолияти меҳнатии донишҷӯён фаъолият мекунанд.

Яке аз ташаббусҳои намоён дар доираи худидоракунии донишҷӯён Клуби баҳсҳои сиёсӣ мебошад, ки як платформаи фаъол дар соҳаи иҷтимоӣ-сиёсӣ мебошад. Вазифаҳои ин клуб бисёрҷанбаанд: мутолиаи асарҳои фалсафӣ, матнҳо ва ҳуҷҷатҳои файласуфони машҳур ва иқтисоддонҳо, омӯзиши санадҳои қонунгузорӣ ва меъёрӣ, ҷорӣ намудани

моделҳои нави масъулияти шаҳрвандӣ, рушди малакаҳои суханронӣ дар назди омма ва пешбурди рушди касбӣ [112, 95].

Худидоракунии донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти касбӣ, бахусус дар ташкили рӯзгор ва истироҳати онҳо, махсусан дар шароити хобгоҳ, нақши муҳим мебозад. Дар асоси натиҷаҳои озмоишӣ, як қатор тавсияҳо барои баланд бардоштани сатҳи худидоракунии донишҷӯён дар чунин муассисаҳо пешниҳод шудаанд:

- Тақвияти кор бо ҳар як шахсият, бо истифода аз равишҳои инфиродӣ ба гурӯҳҳои гуногуни донишҷӯён дар асоси омӯзиши амиқи хусусиятҳои шахсӣ ва равонии онҳо.

- Авлавият додан ба фаъолияти амалӣ, ташаккули худидоракунӣ ва ангезиши иштироки иҷтимоӣ тавассути баланд бардоштани масъулияти шахсӣ барои иҷрои вазифаҳои муайяншуда.

- Ҳисоботҳои мунтазами фаъолони донишҷӯ дар сатҳҳои гуногун роҷеъ ба баланд бардоштани камолоти иҷтимоӣ ва масъулияти ҷавонон.

- Таъмини омӯзиш ва дастгирии доимӣ барои иштирокчиён, аз ҷумла кӯмакҳои равонӣ ва методӣ; таъсиси мактабҳои доимии фаъолони иттифоқҳо; таҳияи маводи таълимӣ барои дастгирии кӯшишҳои худидоракунӣ.

- Роҳандозии фаъолияти тадқиқотӣ ва иттилоотӣ, ки ба ташаккули худидоракунии донишҷӯён тавассути барномаҳои махсуси тадқиқотӣ, ки ба ташаккули ҳувияти иҷтимоии мутахассисони соҳибихтисос равона шудааст.

- Танзим ва ҳавасмандгардонии ташаббуси донишҷӯён, ҷалби фаъолонаи онҳо ва ташаккули афкори ҷамъиятӣ дар бораи аҳамияти нақши худидоракунии донишҷӯён.

- Тақвияти муносибатҳои омӯзгорон ва донишҷӯён дар доираи худидоракунии донишҷӯён барои баланд бардоштани масъулияти иҷтимоии донишҷӯён.

- Баланд бардоштани малакаҳои методӣ ва ташкилотии донишҷӯён, барои иҷтимоӣ шудан дар асоси баррасии душвории кор ва масъулият вобаста ба синну сол ва сатҳи таҳсилот.

- Баланд бардоштани сатҳи корҳои таълимӣ дар факултетҳо, ҳамчун асос барои ташаккул ва тайёр кардани мақомоти худидоракунии донишҷӯён.

-Ташкили системаи худидоракунии донишҷӯён дар гурӯҳҳо, шӯъбаҳо, факултетҳо ва дигар муҳити таълимӣ равшану возеҳ муайян карда шуда, донишҷӯёнро барои зиндагӣ баъди хатми таҳсил омода месозад.;

- дар мақомоти худидоракунии донишҷӯён мавҷуд будани талаботҳои демократӣ: итоат намудани ақалият ба аксарият ва ҳатмӣ будани иҷроиши супоришҳои мақомоти болоӣ ба поёнӣ бояд риоя гардад.

Вақте ки донишҷӯён пурра е қисман дар худидоракунӣ иштирок мекунанд, қадамҳои муайянро риоя кардан муҳим аст: ташкили гурӯҳҳои ташаббускор, таълим додани иштирокчиени онҳо дар асосҳои худтанзимкунӣ, таҳия ва тасдиқи нақшаи ташкили кор, гузаронидани пурсишҳои сотсиологӣ барои муайян кардани мушкилот ва арзебии омодагии донишҷӯен ба худидоракунӣ, таҳияи лоиҳаи ҳуҷҷати худидоракунии донишҷӯен, пешниҳоди лоиҳаи ҳуҷҷати худидоракунии донишҷӯен дар коллективи донишҷӯени муассисаҳои таҳсилоти миенаи касбӣ, муҳокима дар гурӯҳҳои донишҷӯен ва нашр дар маҷаллаи муассисаи таълимӣ ва дар ниҳоят ҷамъоварии пешниҳодҳо, шарҳҳо ва хоҳишҳои донишҷӯен пас аз муҳокимаи лоиҳа, таҳлили маълумоти гирифташуда ва ҷамъбаст он.

Баъд аз ин, корҳои зеринро иҷро кардан лозим аст: низомнома муҳокима ва қабул карда мешаванд ва қарор қабул карда мешавад, ки ба донишҷӯён худидоракунии пурра ё цисман бо салоҳдиди онҳо тибқи қонунгузории амалкунанда дода шавад. Ҳамгироии худидоракунии

донишҷӯён бояд дар тамоми ҷанбаҳои дигари фаъолияти муассисаи таълимӣ дар асоси ба тавсиб расонидани фармони директори муассиса амалӣ карда шавад. Сипас, интихобот ба шӯрои худидоракунии донишҷӯён дар гурӯҳҳои академӣ бо интихоби раис ва муовини ӯ оғоз меёбад. Илова бар ин, фаъолияти низоми худидоракунии донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти миенаи касбӣ таҳти назорати ҷамъиятӣ қарор гирифта шавад.

7. Қабули қарор дар бораи додани пурра ё кисмани худидоракунӣ донишҷӯён, ба ихтиёри онҳо;

8. Ба тавсиб расонидани фармони директори муассиса дар бораи ворид намудани худидоракунии донишҷӯён дар тамоми самтҳои фаъолияти муассиса.

9. Баргузор намудани интихобот бо ҳайати шӯрои худидоракунии донишҷӯён дар гурӯҳҳои академӣ аз интихоби раис ва муовини ӯ бо шӯрои донишҷӯён оғоз мегардад.

10. Ташкили назорати ҷамъиятӣ аз болои фаъолияти низоми худидоракунии донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ.

Шурои координатсионии донишҷӯён дар асоси талаботҳои намояндагии баробари ва дахолат накардан ба корҳои дохилии ҳамдигар ташкил дода мешавад. Дар шароити муосир дар шакли умумиҷумҳурӣ бояд мақомоти координатсионӣ дар назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ё Шӯрои байнисоҳавӣ ташкил дода шавад, ки дар ҳайати он намояндагон ворид мегарданд. Онро метавон дар шакли Ассотсиатсияи донишҷӯён ва иттиҳодияи донишҷӯён барои дастгирии Иттифоқи ҷавонони Тоҷикистон; Иттифоқи Донишҷӯёни Тоҷик; Ассотсиатсияи донишҷӯёни хориҷӣ; Ассотсиатсияи ташкилоти иттифоқи касабаи донишҷӯён ташкил диҳанд, ки оянда қабули донишҷӯёни хориҷӣ ба муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ инкишоф хоҳад ёфт [129, 107].

## Хулосаи боби якум

Гузаштани Ҷумҳурии Тоҷикистон аз хоҷагии нақшавӣ ба муносибати бозоргонӣ дар назди низоми таҳсилоти касбӣ мушкилоти зиёдеро пеш овард. Роҳи ягонаи баромадан аз мушкилоти пешомада дар таҳсилоти касбӣ навсозӣ ва гузаронидани ислоҳоти чуқури ин зинаи таҳсилот башумор мерафт.

Мубрамияти ташкил додани идоракунии демократӣ дар шароити муосир дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ аз он вобаста мебошад, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷомеаи шаҳрвандӣ ва давлати демократӣ бунёд гардидааст ва дар он таълиму тарбия танҳо метавонанд тавассути равандҳои демократӣ роҳандозӣ карда шавад. Дар ин наздиксозии таҳсилот, танҳо як чиз муҳим мебошад, ин ҳам бошад, пурқувват гардонидани баъзаи моддӣ техники муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар асосҳои талаботи иқтисоди бозоргонӣ мебошад [1, с. 25].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар раванди ворид гардидан ба фазои ҷаҳонии таҳсилот аз тарз ва усули мавҷудаи шакли бюрократӣ ва фармонфармоии таҳсилот даст кашида ва роҳандозӣ намудани равандҳои демократӣ бо майл ба ташаккули салоҳияти донишҷӯён ниҳоят мубрамият пайдо намуда истодааст.

Таҷрибаи бисёрасраи инсоният собит менамояд, ки дар раванди фаъолияти якҷояи одамон рафтори онҳо бештар хуб мегардад. Дар зери фаъолияти якҷояи одамон пеш аз ҳама таълими бетанафус фаҳмида мешавад, ки дар ҷараёни он иқтидори таълимӣ- тарбиявӣ ва маънавӣ-ахлоқии шахс инкишоф ёфта, дар давоми тамоми ҳаёт давом меёбад ва ба раванди демократӣ одат пайдо намуданро осон мегардад.

*Яке аз заминаҳои асосии демократикунонии таҳсилоти миёнаи касбӣ барқароршавии худидоракунӣ мебошад:*

1. Фармоиши иҷтимоӣ баҳри бунёди муассиса ва пас аз он дар низоми таҳсилоти бетанафус ташкил додани ҷараёни худидоракунӣ, ки талаботи асосии он демократикунонӣ мебошад. Худи ҳамин худидоракунӣ метавонад маданияту шуури донишҷӯёнро баланд бардошта, бо риоя намудани талаботҳои демократӣ омода намояд.

2. Мутобиқи назарияи муосир коркард намудани асосҳои меъёрӣ-ҳуқуқии ташкили худидоракунӣ ва таъсири он ба ташаккули салоҳияти донишҷӯён ниҳоят калон мебошад.

3. Заминаҳои педагогӣ-психологии демократикунонӣ ва муносибати босалоҳият бояд ҳангоми таҳқиқи проблемаи мазкур ба инобат гирифта шаванд.

Ҳадафи асосии демократикунонии ҷараёни таълим ва тарбия, ташаккул додани маданияти демократӣ, ҳамчун асос дар инкишофи ҷамъияти шаҳрвандӣ мебошад. Вазифаҳои асосии демократикунонии раванди таълим ва тарбия аз инҳо иборатанд:

1. Татбиқи талаботҳои демократӣ дар тамоми соҳаҳои ҳаёти муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ.

2. Таъсири инкишофи худидоракунии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ бо раванди иҷтимоишавии донишҷӯён.

Барномаи маскур аз 3 омил таркиб ёфтааст:

1. Демократикунонии фаъолияти таълимӣ.

2. Демократикунонии фаъолияти беруназмуассисавӣ.

3. Демократикунонии идоракунии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ.

Дар раванди шинос намудани омӯзгорон ва донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо талаботҳои демократикунонии раванди таълиму тарбия ва идоракунии демократии муассиса, нақшаи семинар ва машқҳои шахсии хешро омода намудан зарур омад. Барои гузаронидани чунин семинарҳо оид ба шиносоӣ бо талаботҳои демократӣ, муносибати босалоҳият, бояд на камтар аз 5 соату 30 дақиқа вақт сарф карда шавад. Дар ин раванд шунавандагон аз чӣ оғоз намудан ва дар куҷо ин равндро анҷом доданро ёд мегиранд, ки дар иҷтимоишавӣ омили беҳтарин мебошад.

Пеш аз ҳама, аз ташаккул додани майдони фаҳмиш оид ба демократикунонии раванди таълим ва тарбия, дар байни иштирокчиёни раванди таълим ва муносибати байни ҳамдигарии онҳо бояд фаҳмиши амиқ ҳосил гардад. [4, с. 54].

Нисбат бо демократикунонии раванди таълим ва тарбия педагоги машҳур Н.К. Крупская мегӯянд: «Муассисаи ҳақиқатан демократӣ– ин ягонагӣ, меҳнатӣ, дунявӣ, инкишофёбанда «одати ҷамъиятӣ» мебошад.

Мутобиқи андешаи В.А.Сухомлинский: «Назарияи таълими демократӣ– фазои мусоид, дарки ҳимоя, ҳурмати ҳамдигарӣ, таваҷҷуҳ нисбати ҳар як донишҷӯ мебошад. Демократикунонӣ– муносибати боварибахши омӯзгор бо донишҷӯ, муҳаббат бо кӯдак мебошад». Ин гуфтаҳо дурустии хешро дар муддати садсолаҳо исбот намуданд.

Демократикунонӣ– бо андешаи мо таҳқиқгарони масъала, ҷараёни барқароршавӣ, иҷро ва инкишофи муносибатҳои ҳақиқатан демократӣ байни роҳбарон, хонандагон, омӯзгорон ва волидон мебошад, ки дар назар ҷазобу дилкаш менамояд.

Агар ба таври хулосавӣ қайд намоем, демократикунонӣ ва муносибати босалоҳияти омӯзгор дар он зоҳир мегардад, ки иштироки донишҷӯён дар ҳаёти муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ бо ёрию мадади онҳо оғоз мегардад ва оянда ба фаъолияти мустақилона табдил меёбад.

Таркиби худидоракунии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ аз худ ҳамкории мақомоти худидоракунии донишҷуёнро ифода намуда, ифодакунандаи он Шурои худидоракунии донишҷӯён, Шӯрои педагогии омӯзгорон ё Шурои олимон, Шурои методӣ, комитети волидон ё Ассотсиатсияи волидон, Шурои фармоишгарон мебошад. Мақомоти худидоракунии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ фаъолияти хешро дар доираи талаботҳои қонун, ошкоро ва демократӣ бунёд менамояд.

Имрӯз Тоҷикистон дар дараҷаи нави муносибатҳои ҷамъиятӣ- сиёсӣ қарор дорад, дар он давлати демократӣ ва ҷамъияти шаҳрвандӣ барқарор гарбида, арзишҳои демократӣ ва башардӯстӣ ташаккул ёфта, методологияи кӯҳна дигар иқтидори ба талаботҳои нави иҷтимоӣ ҷавоб додан надорад [106, 130].

Тамоми проблемаҳои глабалӣ- иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, маданӣ, демографӣ таъсираш ба соҳаи маориф меафзояд. Таҳсилоти миёнаи касбиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон коллеҷу техникумҳо амалӣ менамоянд, ки бо такроршавӣ аз рӯи 200 ихтисос мутахассисонро барои хоҷагии халқи мамлакат омода менамоянд.

Таърихи барқароршавӣ ва инкишофи таҳсилоти касбии Тоҷикистон аз соли 1924 аз давраи дар Тошканд ташкил кардани Донишкадаи тоҷикии маориф, ки вазифаи омӯзишгоҳро иҷро менамуд асос гузоштааст, ки вазифаи он омода намудани омӯзгорони зинаи аввал, ё дохилшавандагони муассисаҳои олии касбӣ буд. Соли 1924 дар посёлкаи КИМ дар ҳайати Конибодом ФЗУ ташкил дода шуд, ки дар соли 1933 теъдоди ФЗУ 9 баробар зиёд гардид.

Дар моҳи октябре соли 1926 дар шаҳри Душанбе аввалин техникуми педагогӣ барои омода намудани омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ ташкил дода шуд. Дар соли хониши 1928-1929 дар Тоҷикистон 4 техникуми педагогӣ дар ш. Душанбе- 2-то мардонаю занона, дар Хуҷанд-1то, дар Конибодом амал намуда, 546 донишҷӯёнро дар бар мегирифт ва давомнокии таҳсил 5 сол буд

Комиссариати маорифи халқи Ҷумҳурии Тоҷикистон 2-декабри соли 1939 дар бораи ташкил додани 8 курсҳои омӯзгори барои 500 нафар қарор қабул намуд. Бо Указзи Президиуми Шӯрои Олии СССР аз 2.10. соли 1940 «Дар бораи захираҳои меҳнатӣ» давраи нави инкишофи таҳсилоти миёнаи касбӣ оғоз гардид. Ба ҳайати захираҳои меҳнатӣ омӯзишгоҳҳои ҳунармандӣ (РУ), ва мактабҳои фабрикӣ- заводӣ (ФЗО) дохил шуданд.

Дар охири солҳои 40-ум омӯзишгоҳҳои ҳунармандӣ ва мактабҳои ФЗО ба омӯзишгоҳ ва техникумҳо табдил дода шуданд. Дар солҳои соҳибистиқлолии Тоҷикистон теъдоди муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ба 65-то расонида шуд, ки 73333 нафар донишҷӯро фаро мегиранд. Мақсад ва вазифаи таҳқиқоти баргузорнамудаи мо аз он иборат аст, ки раванди демократикунонии ҷараёни таълим ва тарбия дар муносибати босалоҳият дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар раванди иҷтимоишавӣ ошкор карда шавад.

# БОБИ II. ОМОДАГИИ КАСБИИ ОМӮЗГОРОНИ ОЯНДА БА ДЕМОКРАТИКУНОНИИ МУНОСИБАТ ДАР МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ КАСБӢ

## 2.1. Мазмуни таҳсилоти касбӣ дар раванди демократикунонии таълим ва тарбия дар иҷтимоишавии донишҷӯён дар шароити муосир

Демократикунонӣ яке аз шаклҳои чараёни сиёсӣ дар таълим ва тарбия дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ба шумор меравад, ки таваҷӯҳи зиёди олимони ғарб, россия, тоҷикро ба худ ҷалб намудааст. Ба сифати асосӣ се намуди заминаҳои таркибии демократикунонӣ дар чунин шакл ҷудо карда мешавад:

- дар насли наврас тарбия намудани ягонагии миллӣ ва худшиносии мувофиқ;
- ноил гардидан бо инкишофи дараҷаи баланди иқтисодӣ;
- пахн намудани меъёр ва арзишҳои мадание, ки тасдиқи пахн намудани талаботҳои демократикунонӣ, боварӣ бо институтҳои асосии сиёсӣ, боварии байнишахсиятӣ ва ҳисси шаҳрвандӣ бошад [71].

Дар ин ҷо амсилаҳои зиёди гузариш аз ҷамъияти ғайридемократӣ ба демократӣ вуҷуд доранд. Барои муайян намудани феномени самти демократикунонӣ дар педагогика мо аз мавқеи мафҳуми классикии демократия ва демократикунонӣ баромад менамоем. Мафҳуми «демократия»- аз калимаи юнонии ***«demos»*** - ***«халқ»*** ва ***«kratos»*** - ***«ҳокимият»*** гирифта шуда, ифодакунандаи талаботи муайяни идоракунии ҷамъият мебошад, ки ҳар як аъзои ҷамъият ҳуқуқҳои баробари шаҳрвандиро бояд донад ва ба он ноил гардад. Дар як вақт бо ин муайянкунии ягонагии этникӣ, тартиботи иҷтимоии ҷамъиятро дар демократикунонии таълим ва тарбия дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ошкор намудан зарур меояд. Таҷриба ва озмоишҳои мо собит менамоянд, ки қисми зиёди донишҷӯён бо моҳияти асосии раванди демократикунонии таълим ва тарбия дуруст сарфаҳм намераванд. Аксари онҳо демократияро бо озодӣ омезиш медиҳанд ва ягон масъулиятро дар рафтори хеш бо инобат намегиранд [20, 36].

Аз ин рӯ, барои Дж. Дюи, самти демократикунонӣ муҳтавои дохилии раванди таълимиро ташкил медиҳад. Маъзари муайяни "демократикунонӣ" дар раванди таълим, аз ҷумла ташкили шахсияти эҷодӣ, аз ҷониби олимони Ҷопон пешниҳод шудааст. Ба гуфтаи профессор Такэда Масаано аз *Хоккайдо Дайгаку* (Донишгоҳи Хоккайдо), ҳамаи чунин одамон бо қобилияти фикр кардани андешаҳои сиёсӣ нодуруст ва ихтироъкорона муҷаҳҳаз мебошанд. Дар таҳқиқоти худ, ӯ як қатор хосиятҳои мавҷуди низоми таълими демократиро тавсиф мекунад. Аввалин хосият ин аст, ки одамони ҳама гурӯҳҳои иҷтимоӣ ва синну сол, мард ва зан, ватанӣ ва хориҷӣ, бо вуҷуди дин, нажод ва ғ., бояд ҳуқуқи баробари таълим гирифтан дошта бошанд.

Дуюмин хосият, нест будани инҳисори давлатӣ дар соҳаи таълим, низоми марказияти таълим, табақабандии он, дастрасии сатҳҳои он, молиякунии гуногунҷониба аз ҷониби мақомоти маҳаллӣ дар соҳаи идоракунӣ ва мустақилияти муассисаҳои таълимӣ дар як давраи муайяни фаъолиятҳои таълимӣ мебошад.

Севумин хосият, яксонӣ ва хосияти ташкилоти раванди таълимӣ мебошад, ки субъектро тавсиф мекунад, ки қобилияти фикри интиқодӣ ва масъулият барои фаъолияти меҳнатӣ ва иҷтимоиро дорад [86].

Олимони ватанӣ дар ин соҳа чандин шаклҳои ташкилоти таълими демократиро тавсиф кардаанд.

Дар низоми ҳозираи таълими касбӣ, таълим ихтиёрӣ мебошад ва ин амалиёт ба раванди демократӣ ва назорати иҷтимоӣ мусоидат мекунад. Ин маънои онро дорад, ки дар ташкили гурӯҳҳои таълимӣ, ки бояд бо амалияи демократӣ мувофиқат кунанд, мақсад, рушд ва такмили малакаҳо ба шарти иҷтимоишавиро устувор кардан аст.

Принсипҳои демократии ташкили муҳтавои таълим як хосияти хоси таълими инфиродӣ мебошанд. Аммо, ҳамин равиш метавонад барои омӯзиш зараровар бошад ва мушкилоти зиёде ба миён орад, махсусан,

вақте ки усулҳои таълим шомили машварат, баҳс ва корҳои амалӣ мешаванд.

Дар шароити ҳозираи Ҷумҳурии Тоҷикистон, роҳҳои демократиякунӣ дар таълими касбӣ дар зерин таъкид мешаванд:

Таълим бояд бозомӯзӣ шавад, вақте ки мӯҳтавои таълим дар асоси дидгоҳи воқеии он барои посух гуфтан ба талаботҳои ҳозира ва ояндаи донишҷӯён ва ҷомеа ҳамчун як маҷмӯъ дарк мешавад. Аз ҷиҳати таълим, рӯйдодҳои абсолютизм дигар дахл надорад. Агар он чиро, ки дар мактабҳо меомӯзанд, бо ҳаёти воқеӣ алоқа надошта бошад, пас таълим хавфи ҷудо кардани довталабонро аз воқеият дошта, боиси таъмини як ҷомеаи мансабдорон мегардад, ки наметавонанд ҳаёти муносиб ва бе кӯмак аз дигарон дошта бошанд. Бинобар ин, агар таълим ҳамчун унсури асосии рушди ҷомеа маънӣ наёбад, он метавонад нопадид шавад.

Барои ташвиқ ва мусоидат ба қабули қарорҳо аз тарафи омӯзгорон ва донишҷӯён, мӯҳтавои таълим бояд бо рӯйдодҳои глобалии муҳими ҷаҳонӣ ва таъсири онҳо ба ҷавонон алоқаманд бошад ва ҳамчун як пешорӯи таълим қабул карда шавад. Диғараш бояд ҳамеша на танҳо ба таҳкими идеяҳои таълими сулҳ ва таҳаммул, балки ба рушди онҳо диққат диҳад.

Мавриди таваҷҷуҳ қарор додани мазмуни тарбия аз ҳисоби ҳодисаҳои азиме, ки дар олам рӯй медиҳанд ва таъсири онҳо ба насли наврас пурзӯр намудани тарбияро дар рӯҳияи сулҳ, ҳамдигарфаҳмӣ, ҳамраӣ пеш мегузорад.

Ҳар як донишҷӯро дар шароити муосири ҷаҳонишавӣ, дар рӯҳияи арзишҳои умумиинсонӣ, дар муқобили нобаробарии иҷтимоӣ таълим ва тарбия додан зарур аст. Насли наврасро дар раванди демократикунонӣ ва бунёди ҷамъияти шаҳрвандӣ дар рӯҳияи эътирофи арзишҳои шахсиятии ҳар як донишҷӯ тарбия намуда, самти тарбияи экологӣ ва шаҳрвандиро баланд бардоштан зарур аст. Мазмуни таҳсилотро низ дар

таҳсилоти миёнаи касбӣ бо талаботи ҷамъият мутобиқ намуда, мазмуни таълим ва тарбияро бою ғанӣ гардонидан зарур аст [106].

Дидактикаи муосир мафҳуми «мазмуни таҳсилот» ва «мазмуни таълим»- ро дар фаъолияти олимон И. Я. Лернер, Б. С. Гершунский аз ҳам ҷудо менамояд. Дар зери мафҳуми «мазмуни таҳсилот» дараҷаи инкишофи шахсиятие фаҳмида мешавад, ки салоҳияти фаннӣ ё иҷтимоиро инсон дар натиҷаи гирифтани таҳсилот ноил гардад. Дар чунин таҳсилот мазмуни таҳсилотро таркиби дониш, маҳорат ва малака, фаъолияти эҷодӣ, сифатҳои ҷаҳонбинӣ ва ахлоқии шахс ташкил медиҳад, ки асоси талаботи ҷамъият муосир буда, барои ноил гардидан ба он тамоми саъю талоши хонанда, донишҷӯро, ба он равона намуданро талаб менамояд.

Дар фарқият аз он, мазмуни таълим ҳамчун раванди асосноки педагогӣ, мантиқан бо танзим, дар ҳуҷҷатҳои таълимӣ дарҷгардида мебошад, ки ба омӯзиш ниёз дорад. Мазмуни таълимро бошад фаъолияти фаҳмонидадиҳии омӯзгор ва фаъолияти маърифатии хонандагон ва донишчиён ташкил медиҳад [28, 24].

Мазмуни таҳсилоти касбӣ мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» аз рӯи барномаҳои асосии таълимӣ муайян карда мешавад. Таҳсилоти миёнаи касбиро дар ду дараҷаи таҳсилотӣ ноил гардидан мумкин аст: дар дараҷаи базавӣ ва баланд. Таҳсилоти базавиро дониҷӯ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ, бо аз худ намудани барномаҳои таҳсилоти касбӣ ноил мегардад. Он дар худ умумӣ гуманитарӣ, иҷтимоӣ- иқтисодӣ, математикӣ, умумӣ табиии илмӣ, умумикасбӣ, фанҳои махсус, таҷрибаомӯзии истеҳсолиро фаро мегиранд.

Ин дараҷаи таҳсилот дар базаи таҳсилоти асосии умумӣ дар муддати на камтар аз се сол бо даст меояд. Барномаҳои асосии таълимӣ бо аттестатсияи ҷамъбастӣ ба анҷом расида, ба хатмкунанда квалификатсияи мувофиқ ва ихтисоси таҳсилоти миёнаи касбӣ дода мешавад.

Таҳсилоти миёнаи касбии дараҷаи баландро низ дар чаҳорчӯбаи барномаҳои асосии таҳсилоти касбӣ ва барномаҳои омодагии иловагӣ дар ҳаҷми на бештар аз як сол гирифтан мумкин аст. Ин дар худ таҷрибаомӯзиҳои истеҳсолӣ, чуқур ва васеъ омӯхтани фанҳои ҷудогонаи таълимӣ ё як қатор фанҳоро дар назар дорад. Мухлати меъёрии таълим дар базаи таҳсилоти асосӣ на камтар аз 4 солро ташкил медиҳад, ки хатмкунандагони он дар баробари дипломи тахассусӣ, ҳуҷҷати таҳсилоти миёнаи умумиро низ ноил мегарданд [5, 13-18].

Барномаи мазкур бо аттестатсия анҷом ёфта, корҳои хотимавии касбиро фаро гирифта, бо шарафманд гардидан бо тахассуси дилхоҳ анҷом мепазирад. Минимуми ҳатмии мазмуни барномаи таҳсилоти миёнаи касбиро стандартҳои таҳсилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд, ки муайянкунандаи талаботи давлатӣ ба мазмун ва дараҷаи омодагии касбии хатмкунандагон аз рӯи тахассуси мушаххас мебошад.

Мазмуни барномаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ, ифодакунандаи хусусиятҳои минтақавии омода намудани мутахассисон аз рӯи омилҳои минтақавии стандартҳои давлатии таҳсилоти миёнаи касбӣ муайян карда мешаванд. Барномаҳои асосии таҳсилоти касбӣ, дар қатори фанҳои асосӣ фанҳоро аз рӯи интихоби донишҷӯён ва фанҳои факултативӣ мавриди омӯзиш қарор медиҳад [23, 24].

Мазмуни таҳсилот, ки барномаҳои асосии таълимӣ барқарор менамоянд, яке аз омилҳои инкишофи иқтисодӣ ва прогресси иҷтимоии ҷамъият ба ҳисоб рафта, бояд ба он равона гарданд: - ин раванди худмуайянкунии донишҷӯро таъмин намуда; - шароитро барои худзоҳиркунии донишҷӯ дар ҷамъият муҳайё намуда; - инкишофи ҷамъияти шаҳрвандӣ; - устувор ва навсозии давлати ҳуқуқбунёд ва такмил додани рукнҳои демокрабикунонии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбиро ба салоҳиятмандии касбӣ таъмин намоянд [56].

Ҳам демократикунонӣ, ҳам фаъолияти инноватсионӣ ва ҳам муносибати босалоҳият бо мазмуни таҳсилот робитаи канданашаванда доранд. Мазмуни таҳсилот бояд таъминкунандаи аломату нишонаҳои

зерин бошад: дар донишҷӯён дараҷаи муосири маданияти умумӣ ва касбиро ташаккул диҳад; шахсиятро дар низоми маданияти миллӣ ва ҷаҳонӣ ворид намояд; ташаккули инсон ба шаҳрванд, ки ба арзишҳои умумиинсонӣ ҳадаф гирифта бошад, иҷтимоишавиро амалӣ гардонида метавонад.

Мазмуни таҳсилоти миёнаи касбӣ бояд бо ҳамдигарфаҳмӣ ва ҳамкории байни одамон, халқҳо, нажодҳо, гурӯҳҳои динӣ ва иҷтимоӣ мусоидат намояд. Дар ин раванд бояд муносибатҳои гуногуни ҷаҳонбинӣ, ки татбиқи ҳуқуқи донишҷӯёнро ба интихоби озодона, боварӣ ва эътиқод равона намояд [74].

Дар дараҷаи умуминазариявӣ фаҳмидани мазмуни таҳсилот, муайян намудани стандартҳои давлатии таҳсилот, аз худ талаботҳоро ба дараҷа ва сифати омодагии касбии мутахассисони звенои миёна дар санадҳои меъёрӣ ифода намояд [106, 35-40].

Соҳаи фаъолияти истеҳсолии мутахассисони зинаи миёнаи касбиро аз рӯи фаъолияташон ба чунин шаклҳои маҷмӯъи тақсим намудан мумкин аст:

- дар онҳо ба вуҷуд овардани тасаввурот дар бораи маҳсулотҳои техникӣ;
- интихоби маводҳои мошинсозӣ;
- истифода ва таъмири таҷҳизотҳо;
- ошкор ва бартараф намудани корношоямии таҷҳизотҳо;
- истифода бурда тавонистан аз таҷҳизотҳои барқӣ ва автоматӣ;
- ба ҳисоб гирифтан ва тартиб додани схемаи барқтаъминкунӣ;
- васл кардани таҷҳизот ба системаи санитарӣ- техникӣ;
- кор бо ҳуҷҷатҳои меъёрӣ ва сохтори техникаи ахборотӣ;
- ташкили кор бо расонидани хизматрасонии истифода ва таъмирӣ таҷҳизот;
- коркард ва татбиқи чорабинӣ оид ба пешгирии маъюбшавии истеҳсолӣ;

- гузаронидани таҳлил ва аз ҷиҳати иқтисодӣ асоснок намудани ҷараёнҳои истеҳсолӣ.

Ҳар як блоки маводҳои таълимии мазмуни таҳсилот, бо ҳамдигар робитаи ҳадафи дошта, аз худ ягонагии дидактикиро ифода менамоянд, ки яке аз вазифаҳои таълим ба ҳисоб мераванд. Дар ин ҷо ягонагии дидактикии маводҳои таълимӣ ҳамчун нишонаи мазмуни таҳсилоти мутахассис баромад менамояд [63,20].

Нақшаи таълимии ихтисосҳо, дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ, ифодакунандаи мазмуни таҳсилоти касбӣ шуда метавонанд. Таркиби фаннии самтҳои таҳсилотро дар барномаҳои таълимӣ во хӯрдан мумкин мебошад. Амсилаи фарққунандаи нақшаҳои таълимӣ инҳоанд: нақшаҳои таълимӣ намунавӣ; тахминӣ; озмоишӣ. Мақсади асосии мазмуни таҳсилот, баланд бардоштани сифати таълим ё ба ташаккули салоҳияти донишҷӯён нигаронидашуда мешавад.

Нақшаҳои таълимии намунавӣ, ки дар асоси амсилаи истифодашаванда нисбати тахассус, таркиб ва мазмуни омодагии умумӣ ва касбӣ аз рӯи фанҳои гуманитарӣ, иҷтимоӣ- иқтисодӣ, математикӣ, умумӣ табиӣ, умумикасбӣ ва фанҳои махсус, фанҳои интихобӣ, таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ ва пешаздипломӣ дар асоси мазмуни таҳсилот ба роҳ монда мешаванд.

Дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии намунавӣ, нақшаи таълимии омода намудани мутахассисон коркард гардида, ба хусусиятҳои миллӣ- минтақавӣ ва демократикунонию муносибати босалоҳият мутобиқ гардонида мешаванд.

Мазмуни таҳсилот дар дараҷаи фанҳои таълимӣ мушаххас гардонида шуда, мутобиқи технологияи таълими фанҳои махсус тафриқа карда мешавад. Ин махсусиятҳо дар ҷараёни лоиҳакашии барномаҳои таълимии корӣ мазмуни таҳсилотро муайян намуда, дар раванди демократикунонии таълим ва тарбия ва муносибати босалоҳият ҳадаф ба баланд бардоштани сифат мегиранд [125,124].

Фанҳои махсуси таълимӣ ҳамчун саҳаи афзалиятноки таҳсилоти касбӣ дар ҷараёни инкишофи донишҳои илмӣ статуси низоми умумиилмӣ, умумиистеҳсолӣ, умумисоҳавӣ, умумикасбиро ноил мебошанд. Дар аксар ҳолат асосҳои назариявии дониш, маҳорат ва малака, бо мутахассисон ҳамчун таъминкунандаи маҳорати истеҳсолӣ, технологӣ, ташкилотчигӣ, идоракунӣ, илмӣ- таҳқиқотӣ, намудҳои методологии фаъолияти касбӣ шуда, дар иҷтимоишавии онҳо хизмат менамоянд.

Инчунин гуфтан мехоҳам, ки мутахассисони дорои омодагии таҳсилоти миёнаи касбӣ, бояд қобилияти пешгӯикунӣ, ояндабинӣ, ояндасозӣ дошта бошанд, арзишҳои умумиинсониро дарк намоянд, ба мақсад, ҳадаф, стандартҳои тахсилот, ва мантиқи мазмуни таҳсилот ва ҷараёни барқароршавии шахсиятӣ, шиносоӣ дошта бошанд.

Барномаҳои кории таълимӣ бо мазмуни таҳсилот пурра гардида, дар дараҷаи минтақавӣ аз рӯи фанҳои махсус лоиҳакашӣ карда мешавад. Сохтани барномаҳои кории фанҳои махсус аз ҳисоби кафолати пурра татбиқ намудани мазмуни барномаи таълим дар дараҷаи стандарти амалкунанда мебошад. Мазмуни барномаи кори таълимӣ, омодагии дидактикӣ барои аз худ намудани донишҷӯён дар ҷараёни фаъолияти таълимӣ- маърифатӣ мебошад, ки мазмуни таълимро дар худ ифода менамояд.

Таркиби иловагии маводҳои таълимӣ дар адабиёти махсуси таълимӣ чунин ифода меёбад: дар адабиёт ва дастурҳои таълимӣ, ки аз рӯи таркиб ва мазмун ба барномаҳои таълимӣ мувофиқ бошанд. Китобҳо, ки дар асоси барномаҳои намунавии таълимӣ тартиб дода шудаанд, аз ҷониби Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон барои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ тавсия дода шудаанд, агар ба мазмуни таҳсилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат намоянд [135, 324].

Махсусияти мазмуни таҳсилоти миёнаи касбии минтақавӣ, дар дастурҳои таълимӣ кушода мешавад: ки онҳоро хрестоматияҳо, маҷмуаи

курсҳо, саволномаҳо, масъалаҳо, машқҳо ташкил медиҳад. Маводҳои дидактикиро илмҳои кишваршиносӣ, касбиятӣ, махсусияти таҷрибаи муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ оид бо истеҳсолот, идоракунӣ, фаъолияти илмӣ- методӣ ва фаъолияти ҷустуҷӯӣ ташкил медиҳад.

Қадами дигар дар фаъолияти омӯзгор дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ маводи таълимиро таркибӣ гардонидан бо аломатҳои таълимӣ мебошад. Ягонагии дидактикиро – шароити ягонаи аз барнамоӣ: фан, ҷараён, зуҳурот, далел, хосият, нишона, метод, тарз, усул, амал ташкил медиҳад [65].

Н. Ф. Талызин, нисбат ба раванди демократикунонии низоми маориф ва башардӯстона гардонидани он, чунин, андешаро пайравӣ менамояд: «ҷараёни таълим ва тарбия, дар тамоми ҳаёти муассисаи таълимӣ дар маҷмӯъ, муносибат бо таълимгиранда, на ҳамчун объекти таъсиррасонии педагогӣ, балки ҳамчун субъекти фаъолияти педагогӣ, тарзи нави муносибат байни омӯзгор ва донишҷӯ, дар асоси боварӣ, эҳтиром, ҳамкорӣ, фардиятӣ ва тафриқаи таълим ва тарбия, ташкили ҷамъиятӣ- сиёсӣ, меҳнати истеҳсолӣ, ҳамчун воситаи самараноки таълим бояд бошад» [135, 344].

Дар ҷараёни омодагии назариявӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ вобаста бо мазмуни таҳсилот, маҳорат ва малака ташаккул ёфта, нисбат ба дониш онҳо дар ҷои дуюм қарор мегиранд. Мутобиқи андешаи илми педагогика, малака ва маҳорат берун аз дониш вуҷуд дошта наметавонад ва танҳо дониш метавонад маҳорату малакаро ташаккул бахшад.

Агар бо ин мушкилот аз нуқтаи назари барқароршавии шахсиятӣ назар андозем, дар он ҳолат мебинем, ки омодагии назариявӣ дар худ омилҳои зеринро фаро мегирад:

- инкишофи касбӣ, ки аз омилҳои зиёд вобастагӣ дорад;
- тарбияи касбӣ, ки аз тамоми унсурҳо вобастагӣ дорад;
- тарбияи умумӣ ва инкишофи шахсиятӣ.

Таълими назариявии касбӣ, ба монанди тамоми шаклҳои таълим, хисаи хешро дар инкишофи умумии шахс мегузорад, ки ин нишондиҳандаи робитаи мутақобилаи таълим бо тарбия мебошад. Таълим бе тарбия ва тарбия бе таълим як чизи хушку холӣ мебошад. Лаҳзаи муҳими диалектикаи ин зуҳурот ва мутобиқати он омӯхтани инкишоф ва тарбия мебошад [146, с.148].

Таълими назариявии касб дар раванди демократикунонии ҷараёни таълим ва тарбия ба он равона карда мешавад, ки донишҷӯёнро бо низоми дониш мусаллаҳ намуда, малакаю маҳорати онҳоро ба фаъолияти касбӣ ва зиндагии мустақилона ташаккул диҳем, то иҷтимоишавӣ амалишаванда гардад.

Дар ҷараёни таҳлили таркиби мазмуни таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ошкор гардид, ки фанҳои таълимии ин низом дар асоси мақсадҳои он бо ду омил ошкор мегарданд: 1) аз рӯи варианти умумии таркиби фаъолият; 2) аз рӯи таркиби объекти омӯзиш, ки ба сифати он олами инсонро иҳотанамуда баромад менамояд.

Дар мафҳуми мазмуни таҳсилоти миёнаи касбӣ сухан дар бораи таркиби дигари фаъолияти касбӣ меравад: 1. фаъолияти техникӣ; 2. идоракунӣ; 3. илмӣ- таҳқиқотӣ; 4. лоиҳавӣ- конструкторӣ; 5. педагогӣ.

Махсус қайд кардан мехостам, ки дар як қатор фаъолиятҳои ишорагардида, фаъолияти педагогӣ дар солҳои охир ҷудо гардида, дар солҳои истиқлолияти Тоҷикистон шуғли омӯзгорӣ муҳимияти хоса пайдо намудааст.

Дар шароити муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон раванди демократикунониро дар таҳсилоти касбӣ анҷом бахшида, муносибати босалоҳиятро пеш бурда, аз рӯи равияю касбҳо кадрҳоро барои хоҷагии халқ дар чунин самтҳо омода намуда истодаанд:- истеҳсолоти саноатӣ; - хоҷагии қишлоқ; - саноати ҷустуҷӯӣ; саноати коркардкунанда; - сохтмон ва архитектура; - нақлиёт; - алоқа; - савдо; - маориф; - ҳуқуқшиносӣ; - тиб; - санъат; - корҳои ҳарбӣ. Аз рӯи ҳамин соҳаҳо кадрҳоро барои

соҳаҳои гуногуни хоҷагии харқ ҷавобгӯ ба талаботи бозори меҳнат ва дорои салоҳияти баланди касбӣ омода намудан зарур аст [97, 24].

*Таъсири шинохташавандаро ба таркиби қисмати назариявии таҳсилоти касбӣ омилҳои зерин мерасонанд:*

1. Мақсади таҳсилоти касбӣ, омили асосии муайянкунанда мебошад. 2. Таркиби умумии фаъолияти касбӣ (илмӣ, лоиҳавӣ-конструкторӣ, технологӣ, идоракунӣ, педагогӣ). 3. Таркиби объекти омӯзишӣ, ки ба сифати он соҳаи фаъолияти инсон баромад менамояд, ки ба омодагии касбии инсон мутобиқат менамояд. 4. Тарзҳои асосии тафриқаи мушаххас-вазифавии фаъолияти касбӣ, ки дар мамлакат ба сифати яке аз асосҳои касбӣ- мансабӣ баромад менамояд. 5. Зарурияти даврагӣ аз бар намудани касб дар мувофиқа бо дар мамлакат қабул гардидани дараҷаҳои касбӣ [147, 21].

Мазмуни омодагии амалии касбӣ, дар маҷмӯъ дар таълим, ба давраҳои давомдор ҷудо мешавад. Аввал моҳият ва вазифаҳои омодагии касбиро дар соҳаи таҳсилоти касбӣ муайян намуда, ошкор намудан зарур аст, ки дар соҳаи таҳсилот чиро эътироф кардан зарур аст. Оид ба масъалаи мазмуни таҳсилот дар раванди демократикунонии таълим ва тарбия дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, як қисм чунин меҳисобиданд, ки малака аз маҳорат аз дониш пеш меистад, дигарон бошанд баръакс ин баҳсро бемаврид меҳисобанд.

Савол дар бораи таркиби муайянкунандаи мазмуни амалии таҳсилоти касбӣ дар омодагии касбӣ гузошта ва мавриди муҳокима қарор нагирифтааст. Ба ҳамаи ин нигоҳ накарда таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти касбӣ бо назариявӣ ва амалӣ тақсим мешавад, ки яке аз шаклҳои амалӣ таҷрибаомӯзӣ ба ҳисоб меравад, ки салоҳияти хонандагонро ба касб ташаккул дода, раванди иҷтимоишавиро метезонад.

Кадом омилҳо мундариҷаи таълими амалиро дар барномаи таълимии касбӣ муайян мекунанд? Ба назари мо, таълими амалиро иваз карда наметавонад, зеро он ба таҳсилоти умумӣ ва касбӣ тааллуқ дорад,

ки ба рушду камолоти донишҷӯён мусоидат мекунад. Моҳияти ин низомро бо фаҳмиши муосири он метавон ба таври зайл баён кард:

Пеш аз ҳама, донишҷӯён бо қоидаҳои истифодабарии дурусти таҷҳизот ва ё дастгоҳҳои муассиса шинос мешаванд, ва дар китоби махсус, ки дар он чорахои эхтиётӣ зикр ёфтаанд, имзо мегузорад. Дар рафти ин омӯзиш баъзе амалиётҳои махсуси меҳнатӣ қисми барномаи таълимиро ташкил медиҳанд. Ниҳоят, донишҷӯён дар малакаҳо ва салоҳиятҳо ба дараҷаи аввал, ки тахассуси касбӣ медиҳад, таълим дода мешаванд [148,112].

Дар мазмуни таҳсилоти насли наврас ҷойи асосиро ташаккул додани ҷаҳонбинии дунявии ахлоқӣ, ки дар арзишҳои умумиинсонӣ ва миллӣ асос ёфтааст ташкил медиҳад. Дар донишҷӯён ҳарчӣ бештар маҳорати тарзи ҳаёти солим, ахлоқи ҳамида ва рафтори шоистаро дар ҳолатҳои таҷилӣ тарбия намудан зарур аст.

Мазмуни таҳсилоти касбиро ба моил намудани таълими донишҷӯён ба одаткунии меҳнатӣ, тарбияи масъулият, маърифати шаҳрвандӣ равона намудан зарур мебошад. Мазмуни таҳсилоти касбӣ дар асоси мутобиқати он ба талаботҳои иқтисодӣ, бозори дохилӣ ва хориҷии меҳнат, ҷамъият ва оила дида баромадан муҳим мебошад. Дар тамоми зинаҳои таҳсилоти касбӣ ворид намудани Стандартҳои давлатии нави таҳсилот талаб карда мешавад [149,17].

Барои дастрас гардонидани таълим дар давоми тамоми ҳаёт, ба таҳсилоти касбӣ фаро гирифтани ҷавонон, одамони ба камол расида, маъюбон ва дигар гурӯҳи одамон дар курсҳои кутоҳмуддати давлатӣ ва шахсӣ корро ба роҳ мондан зарур мешуморем. Дар зери мафҳуми «маърифатнок гардонидани калонсолон» дар Тоҷикистон ҷараёнеро мавриди назар қарор додан зарур аст, ки тавассути он шаҳрвандони аз 18-сола боло дар асоси дастуру супоришҳои Пешвои миллат тавонанд салоҳиятҳои касбии хешро баланд бардоранд.

Мазмуни таҳсилоти миёнаи касбиро дар раванди демократикунонии таълиму тарбия ва муносибати босалоҳият дар раванди иҷтимоишавӣ инҳо ташкил медиҳанд:

1) навсозии тахасусияти мутахассис дар мутобиқат бо талаботи бозори меҳнат ва инкишофи ояндаи ҷамъият;

2) таъмини ҷавобгӯ гардонидани таҳсилоти миёнаи касбӣ бо дараҷаҳои дигари таълим бо вориди ҳатмии соҳибкорӣ;

3) ба фаъолият даровардани насли нави Стандартҳои давлатии таҳсилот аз рӯи ихтисосҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ;

4) ташаккул додани таъминоти барномаҳои таълимӣ ва методии ҷараёни таълим, насли нави китоб ва дастурҳои таълимӣ, воситаҳои таълим бо ширкати ҳатмии таъминкунандагони кор;

5) инкишоф додани гуногуншаклии таълим (рӯзона, шабона, фосилавӣ ва экстернат);

6) ворид намудани намудҳои нави технология ва методҳои таълим (ҳатто ворид намудани шахсиятӣ- майлгирӣ, технологияи ахборотӣ, амсилавӣ, шиддатнок);

7) васеъ гардонидани мустақилияти муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар раванди демократикунонии таълиму тарбия ва муносибати босалоҳият дар мазмуни таҳсилот ба иҷтимоишавиим донишҷӯён [108, с.40].

Мазмуни муосири таҳсилоти миёнаи касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз анъанаҳои талаботи ҷаҳонӣ дар соҳаи ахборот, саноат, ҷомеаи шахрвандӣ, аз талаботҳои шахсияти озод дар раванди демократикунонӣ хело қафо мемонад. Ҳоло Ҷумҳурии Тоҷикистон ба арзанда ҷашн гирифтани «35- солагии Истиқлолияти давлатӣ» омодагӣ дида истодааст, лекин то ҳол аломату нишонаҳои маъмурӣ фармонфармоӣ дар мазмуни таҳсилот мушоҳида мегарданд. Кушишҳои даврии навсозии мазмуни таҳсилот аз ҳисоби ворид намудани фанҳои нави таълим ва зиёд гардонидани соатҳо ҳис карда мешавад, ки торафт сарбории донишҷӯёнро зиёд мегардонад. Зиёд намудани фанҳои таълимӣ

ва гарон гардонидани бори таълим бо ҳолати солимии ҷавонон ё донишҷӯён бе таъсир намемонад.

Дар шароити муосир таҳсилоти миёнаи касбӣ наметавонад пура он нақшеро иҷро намояд, ки ҷамъият дар соҳаи илм, техника, технология, истеҳсолот ва маориф ба зимаи он вогузор намудааст. Бояд ҳамеша барномаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ба талаботҳои ҷамъият одат пайдо намоянд, гузаришро ба омода намудани мутахассисони васеъсамт, ки майл ба меҳнати самаранок дар соҳаи муайян доранд, таъмин намояд.

Таҷрибаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии инноватсионӣ, таҷрибаи идоракунӣ низоми таҳсилоти минтақавӣ нишон медиҳад, ки дар шароити муосир заруриат ба навсозии мазмуни таҳсилот ба миён омадааст, ки ин заруриятро ҳамеша омилҳои асосии иҷтимоӣ- иқтисодӣ ба миён меоранд. Тағйирот дар мазмуни таҳсилот, бо дастгирии васеӣ аҳли ҷамъият гузаронида мешавад, ки омили тағйир ёфтани муносибати ҷамъият ва шахс ба маориф мегардад. Ин метавонад дар шуури ҷамъият мавқеи хоса доштани маорифро дар барқароршавӣ ва инкишофу гулгулшукуфии ҷамъият муаррифӣ намояд. Демократикунонии таълиму тарбия, ташаккули муносибати босалоҳият, салоҳиятнок гардонидани донишҷӯён бо қадамҳои инноватсионӣ ва хароҷотҳои калони молиявӣ ба хотири ояндаи дурахшон мебошад [106, 63-65].

Самтҳои асосии навсозии мазмуни таҳсилот- гузаштан ба гуногуншаклии он мебошад, ки бояд на танҳо ҳамчун анъанаи ояндадор, балки ҳамчун сифати нави таълим баромад намояд. Барои ҳалли мушкилоти навсозии мазмуни таълим, пеш аз ҳама зарур аст, ки он анъанаҳоеро дастгири намоем, ки дар давраи ислоҳоти низом паҳн гардидаанд. Ба анъанаҳои мазмуни таҳсилот инҳоро дохил намудан зарур аст:

- ташаккул додани идеологияи алоқамандии инкишофи ҷамъият, маориф ва шахсият;

- оҳиста- оҳиста гузаштан ба таҳсилоти ба ташаккули шахсият майлдошта;

- гузаштан ба барномаҳои гуногуни таълимӣ, ки заминаро барои интихоби воқеии саводнокии шахсӣ таъмин менамояд;

- баланд бардоштани дараҷаи мустақилияти муассисаҳои таълимӣ, инкишофи озодии академии омӯзгорон, донишҷӯён ва мақомоти худидоракунии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ;

- демократикунонӣ ва башардӯстона гардонидани таълим ва тарбия тавассути фанҳои гуманитарӣ ва таъсири он бо фанҳои табиию риёзӣ;

- таълиму тарбияро ба он равона намудан зарур аст, ки донишҷӯён ба маданияти баланд ноил гашта, дар онҳо малакаи мустақилона кор кардан ва маҳорати эҷодкорона андеша намудан пайдо гардад;

- истифода бурдан аз имкониятҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ барои ташаккул додани шуури шаҳрвандӣ, ҳуқуқӣ, равонӣ, иқтисодӣ, маданияти экологии хонандагон ва донишҷӯён. Чаро чунин баён намудаем? Зеро ки агар ҳамин тадбирҳо дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дуруст ба роҳ монда бошанд, мазмуни таҳсилоти касбиро мукаммал мегардонанд;

Дар мазмуни таҳсилоти касбӣ ҷои асосиро, гузаштан аз омӯзиши технологияи компюторӣ ба аз худ намоии технологияи ахбороти коммуникатсионӣ ташкил медиҳад. Омилҳои ғанигардонандаи мазмуни таҳсилоти миёнаи касбӣ, инкишоф додани майли донишҷӯён ба пуратар истифода бурда тавонистан аз имкониятҳои таълимӣ дар муҳити иҷтимоӣ- маданӣ мебошад [118, 31].

Мазмуни таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар раванди демократикунонии таълиму тарбия он гоҳ беҳ мегардад, ки масоҳати фаъолияти инноватсионӣ торафт васеъ гардад, мақсади он ташаккул додани салоҳияти донишҷӯён ба ҳаёти мустақилона қарор гирад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон диққати махсус ба инкишофи таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ дода мешавад. Дар шароити муосир дар муассисаҳои амалкунандаи таҳсилоти миёнаи касбӣ, ки теъдоди онҳо дар соли 2017 ба 66- то расида буд, бештар аз 73333 нафар донишҷӯро ба

таълим ва тарбия фаро гирифта, аз шумораи умумӣ 43372 нафарашро духтарон ташкил медиҳанд [132, 40-120].

Мазмуни таҳсилотро дар масъалаи таъминоти кадрӣ дар муассисаҳои таҳсолоти миёнаи касбӣ ҳоло ҳам пура ҳалгардида ҳисобидан мумкин нест. Ҳоло, ҳам ин масъала ҳалли хешро наёфтааст ва қисми зиёди омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ бо омодагии пасти омӯзгорӣ фаъолият менамоянд. Дар ин ҷо омилҳои халалрасон, ки мазмуни таҳсилоти касбиро коста мегардонанд инҳоянд:

1. Паст будани музди меҳнат, барои ҷалб намудани омӯзгорони касбияти баланд ба фаъолияти омузгорӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ;

2. Набудани ҷойҳои корӣ, шахсиятҳои омодагии пасти касбӣ доштаро ба ин шакли фаъолият ҷалб менамояд.

Мазмуни таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ, ҳамон замон беҳ мегардад, ки агар ба муассиса кадрҳои арзанда ҷалб карда шаванд ва ҷо ба ҷо гузории кадрҳо дар маркази таваҷуҳи маъмурият қарор гирад. Гузаронидани корҳои таҳқиқоти дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ, бо мақсади ташаккул додани мазмуни таҳсилот, даст кашидан аз монополия кунонидани чопи китоб ва фурӯши он мебошад [63].

Мақсади иҷтимоии навсозии мазмуни таҳсилот аз ташаккул додани иқтидори ҳал намудани мушкилоти муҳимтарини ҷамъият иборат буда, дар соҳаҳои калидӣ ақибмонии иқтисодӣ, андешидани тадбирҳои судмандро пешниҳод менамояд. Он бояд шароитро барои инкишофи маданияти маънавии ҷамъият таъмин намуда, шахсияти аз ҷиҳати иҷтимоӣ ва касбӣ омодаро тарбия намояд. Имрӯз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳама ҳуқуқи баробари имкониятҳои таҳсилотӣ таъмин карда шудааст ва шаҳрвандон метавонанд дар асоси он дар таҳсилоти миёнаи касбӣ аз имкониятҳои хеш озодона истифода баранд.

Мақсади навсозии педагогии мазмуни таҳсилот метавонад натиҷаи иҷтимоӣ- педагогӣ дода, дар шароите, ки ба мазмуни таҳсилот

имкониятҳои шахсиятӣ мувофиқ бошад. Вай бояд заминаеро барои ба даст овардани дараҷаи саводнокӣ пайдо намояд, ки ба имкониятҳои шахсиятӣ ва меҳнатии он мувофиқат намояд.

*Вазифаи асосии навсозии мазмуни таҳсилот инҳо шуда метавонанд:*

1. Мушаххас гардонидани мақсади ҳар як зинаи таҳсилоти мактабӣ; кӯтоҳ кардани сарбории барномаҳои таълимии доничӯёну хонандагон ва ворид намудани тағйирот ба барномаҳои таълимӣ; васеъ гардонидани имкониятҳои таҳсилоти иловагӣ ва худомӯзӣ; ҳавасманд гардонидани ҷустуҷӯҳои эҷодӣ ва коркардҳо дар соҳаи мазмуни таҳсилот; муҳайё намудани шароити мазмунӣ барои оҳиста- оҳиста гузаштан ба дараҷаи нав.

2. Дастгирии барномаҳои таҷрибавии таълимӣ, ки бояд ба имкониятҳои минбаъдаи навсозии маводи таълимӣ равона карда шаванд.

Дар ин замина бояд дарк кард, ки ҷунбиши инноватсиониро яке аз бозигарони калидӣ дар раванди навсозии мундариҷаи таълим ҷой додааст.:

Ин ҳам ба ҳамин монанд натиҷа медиҳад: қабули қоидаҳои таҳия ва тасдиқи қоидаҳо дар бораи муассисаҳои таълимии инноватсионӣ бо истинод ба механизми ҳамкории давлат ва ҷомеа.

Паҳн намудани маблағҳои таълимӣ дар сатҳҳои гуногун яке аз марҳилаҳои муҳимтарини пешбурди ҳаракати навоварона ва эҷоди фондҳои таълими инноватсионӣ мебошад.

Барои дастгирии ҷанбаҳои ҳуқуқӣ ва иқтисодии ин масъала бояд тадбирҳои зерин амалӣ карда шаванд: банақшагирӣ, тарҳрезӣ ва татбиқи барномаи дастгирии давлатӣ оид ба пешбурд ва дастгирии кӯшишҳои омӯзишӣ.

Таъмини дастгирии ҷумҳуриявӣ ва минтақавӣ тавассути татбиқи бомуваффақияти барномаҳои инноватсионии дахлдори рушди маориф дар Тоҷикистон муҳим аст.

Пешниҳод карда мешавад, ки кумита оид ба фаъолияти инноватсионӣ ҳамчун сохтори ташкилӣ, ки бевосита ба муовини директор оид ба таълим ва тарбия итоат мекунад таъсис дода шавад.

Тақсимоти намояндагӣ дар байни субъектҳое, ки мазмуни таълимро инъикос мекунанд, аз нигоҳи мазмуни таълим аз се омил иборат аст: муассисаҳои таълимии ҷумҳуриявӣ, вилоятӣ ва интихобии таълимӣ.

Стандартҳои давлатии таҳсилот ба таъмин намудани фазои ягонаи таҳсилот, имкониятҳои таҳсилоти бетанафуси шахс, тавоноии академӣ, хароҷоти самараноки молиявӣ ва захираҳои моддӣ- техникӣ нигаронида шудааст [38].

Стандарт набояд озодиҳои академии омӯзгорон, донишҷӯён, хонандагон, ва кормандони илмиро маҳдуд намояд. Стандарт бояд кафолат диҳад, ки донишҷӯён минимуми ҳатмии мазмуни таҳсилотро ноил гардандy ба зинаи дигар гузаранд ва талаботҳои онро аз худ намоянд.

Талабот ба дараҷаи омодагии мутахассисони оянда, бояд бо роҳи пеш аз таҷрибавӣ бо ба инобат гирифтани имкониятҳои қисми аксарияти донишҷӯён муайян карда шавад. Дар ин ҷо хусусияти барномаҳои таълимӣ, ки дар муассисаи мушаххас амалӣ мегарданд, дар асоси мазмуни минималии таҳсилот ба инобат гирифта шавад.

Нақшаҳои базавии таълимӣ, вақти таълимиро на ба фанҳои таълимӣ ҷудо менамоянд, балки ба самтҳои таълим. Дар асоси мазмуни минималии таҳсилоти барқароргардида, мақомоти ҷумҳуриявии идоракунии соҳаи маориф нақшаи таълимии тахминӣ ва барномаро омода намуда, дар асоси адабиёт татбиқ намуда талаботи волидонро ба инобат мегирад.

Ҷораҳои аввалини навсозии мазмуни таҳсилот инҳо шуда метавонанд:

1. Сарбории ҳатмии аудитории донишҷӯён дар ҳаҷми 10-20% кӯтоҳ карда мешавад. Ин имкон медиҳад: ки вазнинии бори донишҷӯён сабук карда шавад ва ҳолати солимии онҳо беҳтар гардонида шавад;

имкониятҳои таълим нигоҳ дошта шуда, хафтаи таълим панҷрӯза ё шашрӯза муқаррар карда шавад; татбиқ намудани барномаҳои таълимии бисёрдараҷавӣ, таъмин намудани низоми гуногунранги таълим. Дар ин раванд бояд мазмуни таҳсилот, ҳаҷми барномаҳои таълимӣ бо имкониятҳои донишҷӯён бо талаботҳои шахсии ҷамъият ва давлат ба мувофиқа бояд оварда тавонад.

Мазмуни таҳсилотро бо таври ҷиддӣ аз ҳисоби омилҳои гуманитарӣ навсозӣ намуда, самти академии фанҳои мактабии гуманитариро баланд бардоранд. Дар мазмуни таҳсилот баланд бардоштани мавқеъ ва ҷойи санъат ҳамчун омили мазмуни таҳсилот баланд бардошта шавад. Компютеркунонии воқеии муассисаҳо ва инкишофи технологияи ахборотӣ дар таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ниҳоят муҳим мебошад.

Яке аз талаботҳои асосии мазмуни таҳсилот барқарор намудани аттестатсияи шафофи донишҷӯён ва муоинаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ оид ба зуроварӣ ва ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ мебошад. Дар ҳамин масъала ҳоло ҳам дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ норасоиҳо мушоҳида карда мешаванд. Таҷриба нишон медиҳад, ки баъзан коргарон, омӯзгорони муасисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ объекти асосии зӯроварӣ, таъқиб, аз кор озодкунӣ қарор мегиранд. Стандартҳои таҳсилотӣ бояд ба механизми асосӣ табдил ёбанд, ки тавассути он ин вазифаҳо ҳалли хешро ёбанд [89, 26].

2. Дар ду даҳсолаи наздик, то тасдиқ намудани стандартҳои таҳсилотӣ, татбиқи онҳо дар муассисаҳои таҳсилоти асосӣ ва миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон давом ёфт.

3. Коркарди низоми талабот ба дараҷаи омодагии хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ба раванди демократикунонии таълиму тарбия ва муносибати босалоҳияти касбӣ.

4. Коркарди барномаи ягонаи таълимӣ дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, ки бетанафусии таҳсилоти касбиро таъмин намоянд.

5. Гузаронидани коркарди стандартҳои таҳсилоти олии касбӣ ва додани диққати махсус ба стандартҳои омоданамоии бакалаврҳо ва магистрҳо. 6. Таъмин намудани қабулшавандагии стандартҳои таълимӣ дар тамоми зина ва дараҷаи таълим [89,29].

Ин тадбирҳои андешидашуда танзими давлатӣ- ҷамъиятии мазмуни таҳсилоти мактабӣ ва дараҷаи омодагии хатмкунандагон, нигоҳ доштани ягонагии фазои таҳсилот, назорати сифати таълимро бо хатми таҳсилоти асосӣ ва миёнаи умумӣ таъмин менамояд. Низоми дохилшавӣ ба муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ бояд ба низоми саволномаҳои миллии тести иваз карда шавад. Ин низом дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои охир бо муваффақият амалӣ карда шуд.

Иҷрои муваффақонаи интиқол ба мундариҷаи нав дар таълимоти касбии миёна ба ду омили асосӣ вобаста аст: Сатҳи аввали беҳтарсозии фаъолияти таълимӣ – омодасозӣ ва бозомӯзии кадрҳои таълимӣ, рушди манбаъҳои методологӣ ва интишори маводҳои методии мувофиқ бо барномаҳои таълимӣ [89, 24].

Ғайр аз ин, таҳқиқоти мо ба мундариҷаи навсозии амалҳои тарбиявӣ дар вақти демократиясозӣ диққати махсус медиҳад. Тағйиротҳое, ки дар низоми иҷтимоӣ-сиёсӣ ва муносибати мардум ба вуҷуд омадаанд, зарурати мутобиқ кардани мақсадҳо ва ҳадафҳои тарбия бо вазъи мавҷударо нишон медиҳанд.

Тарбия ҳамчун як ҷузъи таркибии раванди таълим хосиятҳои вежа ва марказӣ дорад.

Мақсад бояд дугона бошад: аввалан, ҳамгироии иҷтимоии шаҳрвандон, ва дуюм, дастгирии шахсиятсозии ҳар як шаҳрванд. Ин ҳадафҳо танҳо бо иҷрои тағйироти лозимии ташкилӣ, эҷоди мундариҷа ва интихоб кардани шаклҳои махсус барои ин, ва бо таъин кардани вақти ҷудо ва захираҳо аз ҷониби омӯзгорон имконпазир мебошад.

Фаъолиятҳои зиёде дар муассисаҳои таълимӣ ҳатмииaнд, ва амалӣ намудани концепсияи педагогӣ ва фаъолиятҳои тарбиявӣ талаб мекунад,

ки ин муассисаҳо дар як нақшаи умумӣ ворид шуда, ба кадрҳои мутахассис ва фонди махсуси маош такя кунанд. Имрӯз дар тамоми муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дар сатҳи баланд мутобиқи талаботи унсурҳои Консепсияи миллии тарбия ба роҳ мондани корҳои тарбиявӣ 34 соат ҷудо ва маблағгузорӣ карда мешавад [52, 24].

Бояд қайд кард, ки дар дарсҳои тарбиявӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ диққати асосӣ ба тарзи демократии ҳаёт ва фаъолият, қонун, меъёрҳо ва қоидаҳои умумии ҳаёт дода мешавад. Зоҳир гардидани нишонаю аломатҳои мавҷудаи демократикунонӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ, пеш аз ҳама, тавассути фаъолияти мақомоти худидоракунии донишҷӯён, риояи меъёрҳои қонун ва амсилаи педагогии ҷомеаи шаҳрвандӣ ошкор гардад.

Шароити муҳимтарини корҳои тарбиявӣ дар мазмуни таҳсилоти муассисаҳои миёнаи касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд муҳаё намудани шароит барои талоши маънавии донишҷӯён, ташаккули мавқеи шаҳрвандӣ, масъулият барои қарори қабулнамуда, оқибати касбӣ ва иҷтимоӣ гардад.

Муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ бояд дар дараҷаи баланди шаҳрвандӣ ва умумимадани вазифаи хешро дар таълиму тарбияи насли наврас, ташаккули муносибатҳои хайрхоҳона ва башардӯстона иҷро намоянд. Яке аз самтҳои асосии навбатии ислоҳоти муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳайё намудани шароит барои пайдоиш ва фаъолияти ташкилотҳои худфаъолиятии ҷавонон мебошад, ки тавассути он мушкилоти табиии, муоширатӣ ва қувваи ҷисмонии хешро баркарор намоянд.

Вазифаҳои муҳимтарин дар шароити муосир дар мазмуни таҳсилоти миёнаи касбӣ барпо намудани низоми худидоракунии донишҷӯён мебошад, ки бояд ба анъанаҳои демократикунонии таълиму тарбия дар муносибати босалоҳият ҷавобгӯ бошад. Дар шароити муосир бояд дар бораи инкишофи мазмуни таҳсилот дар филиалҳои муассисаҳои

таҳсилоти миёнаи касбии омӯзгорӣ, ки дар аксари ноҳияҳои Тоҷикистон ташкил дода шудааст, андеша намоем [58].

Озмоишҳои педагогӣ собит менамоянд, ки шароит ва базаи модди техникӣ, иқтидори кадрӣ ва шароити иҷтимоӣ- иқтисодӣ, таъминот бо китоб, дастурҳои методӣ, технологияи иттилоотӣ дар тамоми минтақаҳои Тоҷикистон барои омодагии касбии хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии омӯзгорӣ як хел буда наметавонад. Дар ин шароити иҷтимӣ- иқтисодии мавҷуда корҳои нақшавӣ барои навсозии мазмуни таҳсилот ва беҳдошти сифати омодагии касбии хатмкунандагон рафта истодааст. Дар ин марҳила кор барои даст кашидан аз методҳои бюрократӣ ва фармонфармоӣ ба анҷом расонида шуда, дар мазмуни таҳсилоти миёнаи касбӣ методи ҳамкорӣ ва боварӣ чуқур реша давонида, раванди таълим ва тарбия демократӣ кунонида шуда, хатмкунандагон ба хаёти мустақилона пухтатар омода карда шуда истодаанд. Таълим ва тарбияи муосир равона гардидааст ба таҳсилоти майгирифта бо инкишофи инсон, пеш аз ҳама ба инкишофи хонандагон, ба солимии ҷисмонӣ ва психологии онҳо, ба ташаккули дониш, маҳорат ва малакаи насли наврас. Ба ҳамагон маълум аст, ки бо методҳои анъанавии таълим ва идоракунии фаъолияти таълимии донишҷӯёни филиалҳо натиҷаи сифатиро интизор гардидан мумкин нест.

Далели асосии ин гуфтаҳо саволномаҳои баргузор намудаи мо мебошанд, ки танҳо 35% донишҷӯён аз уҳдаи ҳал намудани он мебароянду халос. Дар шароити муосир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз сабаби нарасидани омӯзгорон 25 гурӯҳи мақсадноки омӯзгорӣ фаъолият менамояд, ки вазифаи асосии онҳо омода намудани ҷавонон ба фаъолияти омӯзгорӣ дар синфҳои ибтидоӣ мебошад.

Ин моро ба андеша водор менамояд, ки технологияи нави педагогӣ, низоми нави дидактикиро барои филиалҳо коркард намоем, ки сифати таълиму тарбия дар минтақаҳои Тоҷикистон беҳтар гардад.

## 2.2. Нақшаи таълимӣ, барнома, дастурҳои таълимӣ методӣ ва китоби дарсӣ дар мувофиқа ба муносибати босалоҳият

Нақшаи таълимӣ, барномаҳо, дастурҳои таълимӣ методӣ, китоби дарсӣ ва технологияи ахборотӣ дар ташаккули раванди салоҳиятнокии донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ мавқеи асосиро ишғол менамояд.

Барномаҳои таълимӣ – ҳуҷҷатҳои меъёрӣ ҳуқуқие мебошанд, ки дар онҳо ҳаҷми аниқи дониш, маҳорат ва малака, таҷрибаи фаъолияти эҷодӣ, таҷрибаи ҳиссиётӣ-арзишӣ нисбат ба олами атроф, ки хосияти аз худнамоӣ дорад бояд аз ҷониби хонанда ва донишҷӯ аз бар карда шавад.

Барномаҳои таълимӣ фанҳои ҷудогона дар асоси нақшаҳои таълимӣ коркард карда мешаванд. Одатан барномаҳои таълимӣ дар худ чизҳои зеринро дар бар мегирад: навиштаҷоти эзоҳӣ, ки дар худ вазифаҳои омӯзиши фанро фаро мегирад; тавсифи муфасали таркиби он; тавсяҳои методӣ бо омӯзгор оид ба ташкил ва гузаронидани дарс бо донишҷӯён; мазмуни мавзӯии маводи омӯхташаванда; миқдори вақти майлгирӣ, ки омӯзгор метавонад дар омӯзиши қисматҳои ҷудогонаи фанни таълимӣ истифода барад; номгӯи масъалаҳои асосии ҷаҳонбинӣ; татбиқи нишондодҳои робитаҳои байнифаннӣ; номгӯи асбобҳои айёнӣ ва таҷҳизотҳои таълимӣ; адабиёти тавсиявӣ барои донишҷӯён ва омӯзгорон, инчунин дараҷаи тахминии баҳодиҳии дониш ва малакаи донишҷӯён дар низоми кредитӣ [119,60].

Талаботи асосии тартиб додани барномаи таълимӣ талаботи илмиятӣ, ягонагии назария бо амалия, пайдарҳамӣ, робитаи байни фаннӣ, ба инобат гирифтани хусусияти синнусолӣ ва шахсиятии донишҷӯён аз рӯи талаботҳои шахсиятӣ- майлгирӣ мебошад.

Таърихан ду тарзи сохтани барномаҳои таълимӣ вуҷуд дорад: муттамарказ (*концентрический) ва хатӣ (линейный)*. Дар ҳолатҳои зиёд барномаҳо ба талаботи хаттӣ сохта мешаванд. Моҳияти он аз он иборат аст, ки маводи зинаи дигари таҳсилот ҷумлаи мантиқӣ мебошад, ки дар зинаи пешинаи таълим омӯхта шуда буд.

Имрӯз дар назария ва амалияи таълим мафҳумҳои «барномаи таълим» ва «намунаи тахминии барномаи таълимӣ» ворид гардидаанд. «Барномаи таълимӣ – тавсифи умумии маҷмӯии таълим буда, ҳаҷм, мазмун, натиҷаи нақшавиро бо шароитҳои ташкилӣ- педагогӣ ва дар ҳолати мутобиқат бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ мемонад.

Шакли аттестатсия, ки дар нақшаи таълимӣ, ҷадвали календари таълимӣ ифода ёфтааст, мутобиқи барномаи кории фанни таълимӣ, курсҳои фанни таълимӣ (модулҳо), ва маводҳои баҳодиҳӣ гузаронида мешавад. Барномаи асосии таълимии тахминӣ- ҳуҷҷатҳои таълимӣ-методӣ, (нақшаи таълимии тахминӣ, графикаи тахминии календарии таълим, барномаҳои кори тахминӣ, фанҳои таълимӣ, курсҳо, фан (модулҳо), дигар омилҳо) шуда метавонанд [119, 24-39].

Дар онҳо ҳаҷм ва мазмуни муайяни таҳсилот муайян гардида, ба натиҷаи аз бар намудани ҳаҷми маводи таълимӣ ва иҷро гардидани барномаҳои таълимӣ нигаронида мешавад. Ҳама вақт дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ натиҷаи ба нақша гирифта шуда, ҳазми барномаи таълимӣ зери назорат қарор дода мешавад. Имрӯз тамоми муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ вобаста ба соҳаи фаъолият ва касбият ба зерсохтори муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ табдил дода шудаанд, ки барномаҳои таълимиро дар доираи омода намудани зинаи бакалавр аз муассисаҳои олии касбии базавӣ мегиранд, ки бояд бо стандартҳои давлатии таълим мувофиқат намоянд.

Дар мувофиқа бо стандарти нави таҳсилоти миёнаи касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, талабот ба таркиби барномаҳои таълимӣ низоми меъёрҳоеро талаб менамояд, ки мазмун ва ташкили ҷараёни таълим, натиҷаи ноил гардидан ба мақсадҳои нақшавиро таъмин намояд.

Барномаҳои асосии таълимӣ дар ҳар як сатҳи таҳсилот унсурҳои зеринро дар бар мегиранд: еддошти тавзеҳӣ ва ҳадафҳои омӯзиш, ки ба ин сатҳ хосанд. Ғайр аз он, онҳо барномаи таълимии бунедӣ ва принсипҳои асосии таҳсилоти миенаи касбӣ, барномаҳои намунавии фанҳои таълимӣ, барномаҳои рушди салоҳиятҳои ҳамгирошудаи

таълимӣ, низоми баҳодиҳии фаъолияти донишҷӯён ва барномаҳои таълимӣ ва иҷтимоиро барои донишҷӯён дар бар мегиранд [129,44].

Дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ яке аз масъалаҳои асосӣ дуруст ба роҳ мондани корҳои таълиму тарбиявӣ ва масъалаи иҷтимоишавии донишҷӯён мебошад. Мушоҳидаҳо собит менамоянд, ки хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ солиёни дароз бекор мегардаанду, ҷойи фаъолияти меҳнатӣ пайдо карда наметавонанд, ки ин зинаи пасти иҷтимоишавии онҳоро ифода менамояд.

Нақшаҳои таълимии муассисаҳои таҳсилоти касбӣ ба се қисм тақсим мешаванд: нақшаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ, миёнаи касбӣ, таҳсилоти олии касбӣ, ки ҳар яки он аз рӯи хусусият ва характерашон аз ҳамдигар фарқ мекунанд.

Барномаи таълимии асосӣ аз се ҷузъи алоҳида иборат аст: инвариантӣ, вариативӣ ва берунӣазсинфӣ – фаъолияте, ки донишҷӯён дар нимаи дуюми рӯз анҷом медиҳанд. Ҷузъи инвариантӣ ин ташаккули арзишҳои умумифарҳангӣ ва миллӣ мебошад, ки барои ташаккули салоҳиятҳои мавзӯъӣ ва сифатҳои шахсӣ, ки бо стандартҳои қабулшудаи таълимӣ мувофиқат мекунанд, асос мебошад [128, 57].

Қисми вариантӣ баҳисобгирии хусусиятҳои этникӣ, динӣ ва маҳаллии таҳсилот, инчунин талаботи инфиродии хонандагонро дар робита ба талаботи доимо афзояндаи таҳсилот муайян мекунад.

Машғулиятҳои берунӣазсинфӣ ба донишҷӯён дар иҷрои стандарти давлатии рушди таҳсилоти касбӣ кӯмак мерасонанд. Ин машқҳо бояд қисми ҷудонашавандаи раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миенаи касбӣ бошанд ва бояд ташкил карда шаванд. Дар ҳақиқат дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ мушоҳидаҳо ошкор намуданд, ки дарсҳои тарбиявӣ дар ҷадвали дарсҳо ҷой гирифта катъӣ тавассути ҷадвали дарсҳо гузаронида мешавад.

Дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ журналҳои махсус барои маҳфилҳои фаннӣ, сексияҳои варзишӣ фаъолият менамоянд ва нақшаю

чорабиниҳо мунтаззам баргузор карда мешаванд. Соатҳои барои корҳои беруназсинфии донишҷӯён ҷудонамуда, бояд дар шаклҳои гуногун ташкилу гузаронида шаванд. Саёҳат, маҳфил, сексия, мизи мудаввар, конференсия, диспуд ва КВН, олимпиядаҳо, мусобиқаҳо, таҳқиқотҳои илмӣ аз дарс фарқ мекунанд ва онҳо тартиби муайяни гузарониданро ноиланд, ки дар мазмуни таҳсилот дарҷ гардидааст [138,13-19].

Таҳияи барномаҳои намунавӣ доир ба фанҳои таълимӣ ба мундариҷаи асосии таълим асос ёфта, барои ташаккули нақшаҳои таълимӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ аҳамияти муҳим дорад. Барномаҳои намунавии таълимӣ якчанд ҷузъҳои асосиро дар бар мегиранд: дастур (матни асосӣ), ки ҳадафҳои омӯзиши мавзуъро дар марҳилаҳои гуногуни таълим муайян мекунад, тавсифи муфассали мундариҷаи таълим, рӯйхати маводи омӯхташуда, нақшаҳои намунавии таълимӣ бо тавсифи фаъолияти мушаххаси донишҷӯён, тавсифи натиҷаҳои пешбинишудаи таълим, тавсияҳо оид ба ташкили раванди таълим. [28,24].

Мазмуни таҳсилот ба таври фарогир дар китоби дарсӣ ва дастурҳои таълимӣ- методӣ, ки дар асоси нақша ва барномаҳои таълимӣ омода карда шудаанд, ифодаи хешро меёбанд. Китоби дарсӣ- ин пешниҳоднамояндаи асосҳои донишҳои илмӣ, амалиётҳои маҷмӯъии таълимӣ аз рӯи барномаи фанни муайяни талимӣ мебошад, ки дар мувофиқа бо барномаи таълимӣ ва талаботи дидактикӣ мебошанд. Китоби дарсӣ - мақсади асосиаш ба ҳадаф расонидани хонандаю донишҷӯён мебошад, ин вазифаро вақте иҷро карда метавонад, ки дар асоси талаботи педагогӣ, психологӣ, методӣ, илмӣ омода гардида бошад.

Таълим бояд ҳамеша мақсад дошта бошад ва барои расидан бо мақсад равона гардад. Дар китоби дарсии тамоми фанҳои таълимӣ омилҳои асосии мазмуни таҳсилот бояд дар чунин шакл ҷой дода шаванд: донишҳои илмӣ дар бораи табиат, ҷамъият, техника, инсон, тарзи фаъолият, мафҳум, назария, қонун ва маълумотҳои методологӣ ва арзишии қиматҳо маҳфуз бошанд [89, 30-36].

Бинобар ин, китоби дарсӣ дар назарияи дидактикӣ ва таҷрибаи педагогӣ, на ҳамчун паҳнкунандаи ахбор, балки воситаи дидактикӣ шинохта шудааст. Аммо муттаасифона дар шароити муосир дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон нарасидани китоби дарсии ҷавобгӯ ба талаботҳои демократикунонӣ ва муносибати босалоҳият ниҳоят кам мебошанд.

Ба ҳамагон маълум аст, *ки дар зери мафҳуми воситаҳои таълим тамоми объекту ҷараёнҳо фаҳмида мешаванд, ки сарчашмаи ахбор ва дастгоҳ хизмат менамоянд.* Воситаҳои таълим барои аз худ намудани мазмуни маводи таълим, инкишоф ёфтани донишҷӯён ва тарбияи дуруст гирифтани донишҷӯён ниҳоят муҳим мебошад

Агар аз рӯи таҷрибаи омӯзгорӣ дигархелтар карда гӯем, воситаҳои таълим- ин сарчашмаи ахборӣ таълимӣ мебошад, ки омӯзгор меомӯзонад ва донишҷӯ меомӯзад ё аз бар менамояд. Китоби дарсӣ барои хонанда ва донишҷӯ ҳамчун сарчашмаи дониш ва ташкили корҳои мустақилона хизмат менамояд. Донишҷӯ ё хонанда набояд бо китоби дарсӣ қонеъ бошад, донишҷӯ бояд малакае ҳосил намояд, ки дар пайравии гуфтаҳои Ҷомӣ бошад, ки фармудааст:

Қонеъ нашавӣ ба ҳар чӣ ёбӣ,

Аз хуб ба хубтар шитобӣ.

Дар тамоми китоби фани таълимӣ бояд нишондоди ташкили корҳои таълимии донишҷӯён ворид гардонида шавад. Хусусияти хоси давраи муосири инкишофи назарияи дидактика ва таҷрибаи таълимӣ барқарор намудани мазмуни баланди китоби дарсӣ бошад. Насли нави китоб, дастурҳои таълимӣ, методӣ, бояд дар асоси талаботи муосири таълим ва тарбияи касбии насли наврас омода карда шавад, ки ба талаботи демократикунонӣ, башардӯстӣ ва муносибати босалоҳият дар раванди иҷтимоишавӣ мувофиқат намояд.

Мазмуни таҳсилот ғайр аз китоби дарсӣ дар дигар адабиёт: хрестоматияи адабиёти тоҷику рус, физика, химия, маҷмӯъи машқҳо, масъалаю мисол, харитаҳои географӣ, таърихӣ, филмҳо, слайдҳо дар

асоси талаботҳои нави давлати демократӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ бояд ифодаи хешро ёбанд. Аммо муттаасифона дар ин масъала дар таҳсилоти миёнаи касбии норасоиҳои зиёде мавҷуданд, ки ҳалли таҷилиро хоҳонанд [89, 56].

Дар шароити муосир дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки майли воридшавӣ ба фазои ҷаҳонии таҳсилот доранд, чои асосиро истифода аз захираҳои электронӣ ишғол менамояд, ки мазмуни таҳсилотро дар шакли маҷмӯъӣ ифода менамоянд. Захираҳои электронӣ метавонанд ҳамчун воситаҳои дидактикӣ дар раванди гузаронидани дарс ва бо дарс омодагӣ дидани донишҷӯён хизмат намоянд.

Дар бораи нақшаи таълимӣ сухан ронда, онро дар назар доштан зарур аст, ки савяи дониш, маҳорат ва малакаи донишҷӯён дар кадом сатҳ қарор дорад, ва фаъолияти онҳо характери демократӣ ва башардӯстиро ноил ҳаст ё не. Ин паҳлуи кор дар шароити демократикунонии таълим ва тарбия, дар раванди даст кашидан аз матоди фармонфармоӣ мазмуни чуқурро пайдо менамояд.

Дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ду намуди нақшаҳои таълимӣ мавҷуданд:

1.нақшаи таълимии намунавӣ;

2. Нақшаи кори таълимӣ.

Нақшаҳои таълимии намунавиро мақомоти олии идоракунии маорифи мамлакат тасдиқ менамояд ва пас аз он ба татбиқ ҳуқуқ пайдо менамояд. Дар барномаҳои намунавии таълимӣ амалиётҳои зерин ифода мегарданд:

- шаклҳои ҳатмии фаъолияти таълимӣ ва тақсимоти вақт байни онҳо;

- фанхои ҳамгироӣ, тахассусӣ, политехникиро бо нишон додани соатхои дахлдор;

- тавсифи шаклҳои омӯзиши амалӣ ва вазнҳои омӯзиши амалии онҳо;

- вақти ҷудогардида бо фанҳои самти махсус (барои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии ғайрипедагогӣ);

- вақти умумии барои фанҳои ҳаттмӣ ҷудогардида аз рӯи интихоби донишҷӯён ва барои машғулиятҳои факултативӣ;

- вақти татбиқи корҳои мустақилона;

- чорабиниҳои назоратӣ: дар шакли санҷишҳои тахассусӣ, (имтиҳони давлатӣ, корҳои дипломӣ, санҷишҳои тахассусӣ);

- касб, ихтисос ва тахассус дар муассисаҳои таҳсилоти касбӣ;

- фоизи вақти таълимӣ, ки дар муқаддимаи шурои муассиса қарор мегирад [119].

Дар асоси нақшаҳои намунавии таълимӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ, нақшаҳои кории таълимӣ тартиб дода мешаванд. Дар он аз рӯи хусусияти муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ тамоми намудҳои ҷараёни таълиму тарбия таҳлил ва ҷараён чунин муайян карда мешавад:

- соатҳои таълимӣ ва шаклҳои гуногуни таҷрибаомӯзӣ бо солҳо ва нимсолаҳо бо соатҳои ҷудогардида тақсим карда мешаванд;

- интихоби машғулиятҳои ҳатмии пешниҳодгардида бо вақти барои он ҷудонамуда;

- дарсҳои факултативӣ [18].

Дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон нақшаи кори таълим ҳар сол тартиб дода мешавад, ки дар он бояд ҷадвал ё графикаи ҷараёни таълим барои соли таҳсил мавҷуд бошад, ки дар он тамоми фаъолияти таълимӣ, инчунин таҷрибаомӯзӣ ва таътилҳо ҷой дода шаванд. Аз рӯйи моҳияти кор, тартиб додани нақшаи корӣ як чизи рӯякӣ ба ҳисоб рафта, ба аниқ намудани баъзе қисматҳо нигаронида мешавад. Ин ташаббуси муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбиро паст намуда, имконият намедиҳад, ки онҳо бештар ба корҳои ҷустуҷӯи роҳҳои нави таълим, тарбия ва инкишофи ҷавонон банд гарданд [17].

Одатан дар ҳаёт ва фаъолияти педагогӣ нақшаи таълим ҳамчун ҳуҷҷати давлатӣ шинохта шуда, онро вазорати соҳа тасдиқ намуда, дар

муассисаи муайяни таълимӣ татбиқи он ҳатмӣ ва зарурӣ мебошад. Нақшаи таълим интихоби номгӯи фанҳои таълимӣ, таҷрибаомӯзиро бо вақти барои онҳо ҷудогардида ва низоми чорабиниҳои назоратӣ дар бар мегирад. Моҳияти нақшаи таълимӣ дар чӣ зоҳир мегардад:

- номи ин ҳуҷҷат- нақшаи таълим мебошад, ки таърихан ташаккул ёфта, аз он шаҳодат медиҳад, ки дар он танҳо шаклҳои фаъолияти таълимӣ ифода ёфтаанд, ки ба ташаккул додани дониш ва маҳорати донишҷӯён нигаронида шуда бошад.

Ба андозаи фарқияти мавҷуда байни мафҳуми таҳсилот ва таълим, ҳарчи бештар фаҳмиш пайдо мегардад, ки мақсади таълим бо камол расонидани инсони ҳамаҷониба бомаърифатро дар назар дорад. Барномасозӣ намудани фаъолияти таълимгирандагон бояд маҷмӯъӣ: - ин барномасозӣ бояд се паҳлӯи таҳсилот: таълим, тарбия ва инкишофро фаро гирад. Ҷуброн намудани ин норасоиҳои нақшаҳои таълимӣ бо ду самт равона мегардад:

*Якум,* аз ибтидо нақшаи таълимӣ, натавонист танҳо нақшаи таълимӣ монад, зеро дар он дар қатори фанҳои таълимӣ курсҳо ворид карда шуданд, ки самти тарбиявӣ ва инкишофдиҳандагӣ доранд, ба ин мисол шуда метавонад тарбияи ҷисмонӣ.

Дуюм, дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ, дар баробари нақшаи таълимӣ нақшаи тарбиявӣ барои соли хониш сохта мешавад. Бо ҳосил намудани таҷриба муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ тарбия ва инкишофро барномасозӣ намуда, нақшаи таълимиро аз нақшаи таълимӣ ба нақшаи маҷмӯии таълимии шахсиятӣ табдил додаанд.

*Нақшаҳои таълимӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар шароити муосир бояд дорои чунин хусусиятҳо бошанд:*

- *якум* – нақшаи таълимӣ дар фаҳмиши танги он бояд нақшаи таълимӣ бошанд;

- *дуюм*- нақшаи таълимӣ дар фаҳмиши васеъ- ҳамчун ҳуҷҷати фарогирандаи пайдарҳамии тамоми фаъолияти донишҷӯён буда, ба онҳо таъминкунандаи дониши ҳамаҷониба мебошанд;

-*сеюм*- нақшаи таълимӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ҳамчун ҳуҷҷати фарогирандаи ин ё он шакли ҳатмии фаъолияти таълимии донишҷӯён вуҷуд доранд [138,13].

**Таркиби умумии нақшаи таълимиро инҳо ташкил медиҳанд:**

- тақсимоти дарсҳо ба машғулиятҳои назариявӣ ва амалӣ, мустақилона ва зери роҳбарии омӯзгор баргузор карда мешавад;

- тақсимот бо умумитаълимӣ, политехникӣ ва омодагии иҷтимоӣ;

- тақсимоти машғулиятҳо ба ҳаттмӣ ва факултативӣ;

- тақсимоти фанҳои ҳаттмӣ барои ҳама ҳаттмӣ ва аз рӯи интихоб;

- тақсим намудани машғулиятҳои нақшаи эҷодӣ (таълимӣ, лоиҳакашӣ, илмӣ-таҳқиқотӣ ва корҳои илмӣ- таҳқиқотии донишҷӯён);

- тартиб додани ҷараёни таълим- тарбия бо солҳо ва симестрҳои академӣ.

Ғайр аз ин дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ, дар нақшаи таълимӣ сарбории ҳафтаина ва нимсола бояд ифодаи хешро ёбад. Тедоди умумии соатҳои таълимӣ аз рӯи фанҳо ва шакли машғулият, тадбирҳои назоратӣ, давомнокии таҷрибаомӯзӣ, шакл ва корҳои тахассусӣ, давомнокии таътил ба солимнигоҳдорӣ мутобиқат намояд [35].

Нақшаи таълимии анъанавӣ дар шакли ҷадвал пешниҳод мегардад, ки онро айёнӣ ва қулай барои истифодаи ҳаррӯза мегардонад. Аммо шакли ҷадвали он барои одамони бетаҷриба мушкилотҳои зиёдро пеш меорад, зеро дар он гузаронидани таълим ба нимсолаю сол вобастагӣ дорад [112,125].

Дар ин ҷо мо зарур донистем, ки ҷадвали ҷараёни таълимро дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар чунин шакл пешниҳод намоем:

а) графикаи ҷараёни таълим, ки барои ҳар соли таълим бо низоми ифодаҳои шартӣ, машғулиятҳои назариявӣ, таҷрибаомӯзӣ, таътил, инчунин дар он лоиҳаҳои дипломӣ, корҳои курсӣ дар коллеҷи омӯзгории шаҳри Душанбе ифода меёбанд;

**Ҷадвали № 1.**

| | Фанҳои таълимӣ | Шакли тафтиш | | | | | Ҳаҷми кори донишҷӯён | | | | | Тақсимот бо бахшу семестрҳо | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Имтиҳон | Машварат | Корҳои курсӣ | Лоиҳаи дипломӣ | | Бо омӯзгор | | | | | 1-курс | | 2-курс | | 3-курс | | 4-курс | |
| | | | | | | | Ҳамагӣ | Аудит.ор | Лексия | Амалӣ | Семинар. | Мустақилон | 8 | 7 | 8 | 7 | 8 | 2 | 3 |
| | | | | | | | | | | | | | хаф | хаф | хаф | Хаф | хаф | хаф | хаф |

б) таркиби дарсҳои назариявӣ: дар ин қисмати барномаи таълимӣ ҳамаи фанҳои академӣ бо нишондоди ҳаҷми умумии соатҳо барои лексияҳо, машғулиятҳои семинарӣ, кори мустақилонаи донишҷӯён ва кори ҳамҷоя бо омӯзгор оварда мешаванд. Инчунин, бахшҳои арзёбӣ, ки таркиби барномаи ҳар як фанни таълимиро ташкил медиҳанд, аз ҷумла санҷишҳо, имтиҳонҳо/кредитҳо, корҳои курсӣ ва лоиҳаҳои дипломӣ тавсиф дода мешаванд.

Илова бар ин, ҳаҷми соатҳои академӣ дар як ҳафта ва дар як нимсола барои ҳар як фан ба кредитҳои академӣ табдил дода мешавад. Инро мо дар мисоли нақшаҳои таълимии коллеҷи омӯзгории ба номи Хосият Махсумоваи ДДОТ ба номи С.Айнии шаҳри Душанбе мавриди омӯзиш қарор додем. Дар ин ҷадвали номбурда ғайр аз машғулиятҳои назариявӣ, машғулиятҳои амалӣ, аз худ намоии касби коргарӣ, фанҳои имтиҳонҳои давлатӣ ва шакли корҳои тахассусӣ равшан ҷойгир карда шудааст [Аз нақшаҳо].

Таркиби мазмунии нақшаи таълимӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии Тоҷикистон ба таври бояду шояд ҳалли хешро наёфтаанд. Кас агар хоҳиш дошта бошад, ки дар бораи мазмуни таҳсилот таҳлил гузаронад, як қатор тавсияҳо пеш мебароянд, ки ба ҷараёни таълиму тарбия мансубанд:

1. Аз рафти мушоҳида муайян гардид, ки аксар донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ба ин самт кӯр- кӯрона дохил шудаанд;

2. Дониш, маҳорат ва малакаи онҳо ҳоло ҳам қонеъкунанда нест;

3. Базаи моддӣ- техникии аксар муассисаҳои дар минтақаҳо мавқеъбуда, ба талаботи муосир ҷавобгӯ нест;

4. Нарасидани омӯзгорони соҳибкасб ва дорои унвони илмӣ дар минтақаҳо бар аъло ҳис карда мешавад;

5. Китоб, дастурҳои таълимӣ, методӣ ва китобхонаи электронӣ дар минтақаҳо дастрас нест;

6. Муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар низоми кредитӣ ҳама аз акредитатсия қудрати гузаштан надоранд;

7. Фазои ҷаҳонии таҳсилот ба хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ имкон медиҳад, ки дар тамоми давлатҳои ҷаҳон фаъолиятӣ меҳнатӣ намоянд.

Омилҳое мавҷуданд, ки ин равандро халалдор менамояд:

1. Зинаи пасти омодагии касбиро ноил гардидани хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии кишвар;

2. Ҷавобгӯ набудани дониш, маҳорат ва малакаи онҳо ба талаботи бозори ҷаҳонии меҳнат;

3. Надонистани забон ва аз уҳдаи муоширати касбӣ набаромадани онҳо.

Натиҷаи таҳлили фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии шаҳри Душанбе ва минтақаи Раштро ба инобат гирифта, гуфтан мехоҳам, ки дар таҳсилоти миёнаи касбии берун аз марказ дар нақшаҳои таълимӣ ва мазмуни таҳсилот норасоиҳои ҷиддӣ ҷой доранд:

1. Дар тамоми намуди ихтисосҳо омодагии назариявӣ ниҳоят паст мушоҳида мегардад.

2. Хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии минтақаҳо оид ба ихтисоси хеш омодагии пастӣ касбӣ доранд.

3. Лаёқати эҷодии онҳо чандон бедоргардида набуда, фаъолияти навгонӣ ва ихтирокорӣ дар онҳо суст мушоҳида мегардад.

4. Донишҷӯён имкони интихоби дарсро аз рӯи майлу хоҳиши хеш надоранд.

5. Дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии минтақаҳо имконияти ба роҳ мондани дарсҳои факултативӣ ва иловагӣ тамоман номумкин аст.

6. Фанҳои махсус дар ҳаҷми соатҳои зарурӣ омӯхта намешаванд [36].

Агар дар моҳи марти соли 2009 дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ нарасидани 4200 нафар омӯзгорон ҳис карда мешуда бошад, дар соли 2017 танҳо дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ, теъдоди омӯзгорон ба 5091 нафар расид. Аз ин шумораи умумӣ 1741 нафараш ба вилояти Суғд, 1211 нафараш ба вилояти Хатлон, 1232 нафараш ба шаҳри Душанбе, 907 нафараш ба ноҳияҳои тобеъи ҷумҳурӣ рост меомад [132].

Навсозии ҷараёни таълим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯзҳои аввали истиқлолият дар тамоми зинаҳои таҳсилот дар асоси навсозии мазмуни таҳсилот оғоз гардид. Дар давраи тартиб додани нақшаи таълимӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ вазифаҳои зеринро ҳал намудан зарур гардад:

- фардигардонӣ ва тафриқасозии таҳсилот дар тамоми зинаҳои таълим бо тамоилҳои демократикунонӣ ва муносибати босалоҳият;

- баланд бардоштани дараҷаи саводнокии умумӣ ва сифати аз бар намудани фанҳои касбӣ ва базавӣ аз ҷониби донишҷӯён;

- дар он солҳо яке аз вазифаи асосӣ расонидани ёрӣ бо донишҷӯён дар раванди фардиятӣ ва интихоби касб буд.

Вазифаи асосии ҳуҷҷатҳои таълимӣ- барномавӣ- муайян намудани мақсади асосии корҳои таълимӣ- тарбиявӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии Тоҷикистон дар шароити демократикунонӣ, фаъолияти инноватсионӣ ва муносибати босалоҳият дар мазмуни таҳсилот буд. Ин раванд талаб менамуд, ки методҳои таълимро интихоб намуда, таълим самаранок ташкил дода шуда, ктоб, дастурҳое омода карда шаванд, ки самти корро нишон дода тавонанд.

Аммо дар он солҳо мушкилоти асосӣ тарки вазифа намуда, аз ҳудуди Тоҷикистон берун рафтани омӯзгорони ботаҷриба ба ҳисоб

мерафт. Дар омодагии касбӣ- тахассусии донишҷӯён тавсифномаи тахассусӣ, нақшаҳои таълимӣ, барномаҳои таълимӣ, силлабус, китоб ва дастурҳои таълимӣ- методи ҷои хосаро ишғол намуда, мазмуни таҳсилотро муайян намуда, дониш, маҳорат ва малакаи донишҷӯёнро ташаккул медоданд [3, 21].

Дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ тавсифномаи касбӣ- тахасусӣ (квалификационная характеристика) вуҷуд дорад, ки соҳаи фаъолияти касбро дар чунин шакл тавсиф менамояд:

- дар он моҳияти иҷтимоӣ- иқтисодии касб барои хоҷагии халқ баён мегардад;

- дар тавсифтомаи тахассусӣ оид ба зарурияти омоданамоӣ, синни қабулшавандагон, давомнокии таълим, заминаҳои ҷисмонӣ ва психологӣ, барои кор дар муассисаҳои таълимӣ баъди гирифтани ихтисос маълумот мавҷуд аст;

- дар он талабот бо омодагии назариявӣ ва амалӣ хатмкунандагон пешниҳод карда мешавад;

- нишондодҳои асосии ин соҳа дар самти таҳсилот нишон дода мешавад;

- маълумот дар бораи музди меҳнат, имконияти болоравӣ дар мансаб, давом додани таҳсил баъди хатми муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дода мешавад.

Агар нақшаҳои таълимӣ ҳуҷҷати асосии давлатӣ бошанд, ки дар мувофиқа бо онҳо омода намудани донишҷӯён амалӣ гардад, [38] барномаҳои таълимӣ аз нуқтаи назари педагогӣ дар худ маводҳои пайдарҳами таълимиро фаро мегиранд. Барномаҳои таълимӣ ҳуҷҷатии асосии ба нақшагирӣ, роҳбарӣ ва назорати фаъолияти педагогӣ маҳсуб меёбанд.

Китоби дарсӣ сарчашмаи асосии дониш, маҳорат ва малака барои донишҷӯён ва умуман барои инсон мебошад. Дар китоби дарсӣ маъводи таълимӣ васеъ ва ҳамаҷониба баён гардида, хонандаю донишҷӯён бояд онро аз бар намоянд. Дар солҳои 1990-1997 дар муассисаҳои таҳсилоти

миёнаи касбӣ як номуайянӣ ҳукумрон буд, китобу нақша ва барномаҳои таълимӣ на он қадар аниқу дақиқ амал менамуданд.

Аз солҳои 2000- ум навсозии таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ оғоз гардид. Муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ аз омӯзишгоҳ ба литсей ва муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ аз техникум ба Коллеҷ табдил дода шуданд. Мутобиқи ин навсозӣ нақша, барнома, стандартҳои таҳсилоти муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ба олии касбӣ наздикӣ пайдо намуданд. Дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ кафедра ва деканатҳо таъсис дода шуда, тамоми муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбиро аз рӯи характери фаъолияташон ба зерсохтори муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ табдил доданд [71, 32].

Дар ҷадвали мазкур вазифаҳои асосии ҳуҷҷатҳои таълимӣ-барномавии коллеҷи омӯзгории ба номи Хосият Махсумоваи ДДОТ ба номи С.Айнӣ ва коллеҷи техникӣ- омӯзгории ноҳияи Рӯдакӣ оварда шудааст.

**Таблица № 2.**



Нақшаҳои таълимӣ он вақт муттадил мегарданд, ки дар асоси талаботи ҷамъият, иқтисод, анъанаҳои инкишофи иқтисоди бозоргонӣ, илмӣ, истеҳсолӣ тартиб дода шуда бошанд. Нақшаҳои таълимии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ, бояд мутобиқати ратсионалии таълими назариявӣ ва амалиро дар доираи вақти ҷудогардида таъмин намоянд.

Китоби дарсӣ дар шароити муосир бояд ҷавобгӯи талаботи давлати демократӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ бошад, аммо имрӯз ҳам китоби дарсӣ ҷавобгӯи талаботи замон буда наметавонад. Дастурҳои методӣ барои омӯзгорони оянда дар шаклҳои гуногун ба табъ расонида мешаванд. Дар ин раванд аз ҳама муҳим барои омӯзгорони ҷавон мавҷуд будани методикаи таълими фанҳои ҷудогона мебошад, ки тавассути он тарзи кушодани мавзуҳои ҷудогона, одди ва дастраси будани он барои омӯзгорони оянда бошад. Дастурҳои методӣ метавонанд вазифаҳои зеринро иҷро намоянд:

- масъалаҳои педагогӣ, методии дарс гузаштанро аз фанҳои ҷудогонаи таълимӣ кушода диҳанд;

- дар онҳо нишондодҳои методӣ, тавсияҳои мазмуннок оид ба омӯзиши мавзуҳои ҷудогонаи фанни таълимӣ мавҷуд бошад;

- дар онҳо нишондоди истифода бурдани воситаҳои ҷудогонаи методӣ ва дидактики таълим мавҷуд бошад.

Дар коллеҷи омӯзгории ба номи Хосият Махсумоваи ДДОТ ба номи С.Айнӣ Олимова Ф, Ҷураев Ҳ, Сатторов А дастурҳои методии зиёдеро оид ба «Муносибати босалоҳияият дар таълим», «Роҳнамо барои татбиқи таҳсилоти фосилавӣ» омода намуда, раванди татбиқи ин масъалаҳоро амалишаванда гардониданд.

Дастури методии «Инноватсия, демократикунони ва низоми кредитӣ дар таҳсилоти миёнаи касбӣ»-и Д. Маҳкамов, Н. Ҳазратқулова, Педагогикаи «муносибати босалоҳият» дар таълим, ки Д. Маҳкамов, С. Усмонов, «Технологияи инноватсионии татбиқи муносибати босалоҳият

дар таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ»- и Д. Маҳкамов, М Асоев роҳҳои ҳалли ин мушкилотро ниҳоят хуб равшан намудаанд [106, 32].

Тамоми ин дастурҳои методӣ, бояд ба як талаботи умумӣ- яъне расонидани ёрии самараноки педагогӣ дар омода намудани омӯзгорони ҷавон ба фаъолияти педагогӣ ва корҳои тарбиявӣ мебошанд. Оид ба ҳалли ин масъалаҳо, муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии шаҳри Душанбе корҳои зиёдеро анҷом додаанд.

Вазифаи асосии дастурҳои методӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ, омӯзиш ва бой гардонидани таҷрибаи педагогӣ, кушодани қонунияти ҷараёни таълим ва коркарди асосҳои назариявӣ ва тарбияи шаҳрвандии насли наврас дар иҷтимоишавӣ мебошад. Дар раванди омода намудани дастурҳои методӣ бояд талаботҳои зерин ба инобат гирифта шаванд:

- ҳадаф ва вазифаи фанни таълимӣ дар омода намудани мутахассисони оянда;

- робитаи фанни таълимӣ бо дигар фанҳои таълимӣ;

- мавқеи тарбиявии фанни мазкур дар бедор намудани ҷаҳонбинӣ ва инкишофи шахсиятии омӯзгорони оянда;

- моҳияти аломатҳои ҷудогонаи мазмуни таҳсилот дар омодагии донишҷӯён бо фаъолияти ҷамъиятӣ ва самаранокии амалҳои касбӣ;

- нишондиҳандаҳои махсуси робитаи назария бо амалия, хусусияти махсуси педагогӣ ва методии омӯзиши фанни мазкур

- мушкилоти махсуси методикаи аз бар намудани маводи таълимии фаннӣ мазкур;

- масъалаи омоданамоӣ, банақшагирӣ, ташкилӣ, омӯзиш, назорат ва баҳодиҳии дониш, маҳорат ва малакаи хонандагон дар иҷтимоишавӣ;

- истифода бурдани воситаҳои таълим, тахтаи электронӣ, васитаҳои техники таълим, технологияи ахборотӣ коммуникатсионӣ ва ғайра.

Ҳамчун таҳқиқотчии ин масъала гуфтаниям, ки дастурҳои методӣ бояд дар асоси маводҳои иловагӣ ба китоби дарсӣ таълиф карда шаванд ва сарчашмаи барномаи таълимӣ бошанд. Дастурҳои методӣ бояд

консепсияи мазмуни таҳсилотро тавсиф намуда, талаботҳои барномаҳои таълимиро бо инобат гиранд. Интихоби мавзуҳо барои дастурҳои методӣ аз ҷониби ходимони илмии шуъбаи таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ ниҳоят хуб ба роҳ монда шудааст.

Ходимон ва унвонҷӯёни шуъба оид ба масъалаҳои мубрами таълиму тарбия мақолаҳои илмӣ ва дастуру китоб омода менамоянд. Мисоли равшани он дастурҳои: «Низомномаи гузаштани муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ, бо низоми кредитӣ», «Инноватсия, демократикунонӣ ва низоми кредитӣ», Педагогикаи «Муносибати босалоҳият» дар таълим, «Муносибати босалоҳият дар омодагии касбӣ», «Технологияи инноватсионии татбиқи муносибати босалоҳият дар таҳсилоти миёнаи касбӣ», «Роҳнамои таҳсилоти фосилавӣ» ва ғайраҳо мебошанд.

Китоби дарсӣ- ин гузориши пайдарҳами маводи таълими оид ба фанни таълим, дар мувофиқа бо талаботҳои дидактикии барномаи таълимӣ мебошад. Вазифаи асосии китоби дарсӣ – амалӣ намудани мақсад ва вазифаи таълим ва тарбия, расонидани ёрии амалӣ бо донишҷӯён барои аз бар намудани дониш аз доираи маводи таълим дар дараҷаи талабот мебошад. Омӯзгорони ботаҷриба барои васетар намудани дониши донишҷӯён, оид ба мавзуи омӯхташаванда, адабиёти иловагӣ тавсия медиҳанд ва дар дарсҳои амалӣ ва маҳфилҳо дониши донишҷӯёнро боз ҳам васетар мегардонанд [111, 21].

Китоби дарсӣ як қатор вазифаи ахборотиро иҷро менамояд:

1. Китоби дарсӣ, бояд мақсади мушаххас, шакл ва воситаи таълим ва тарбия, муҳимтарин воситаи робитаи байни омӯзгор ва донишҷӯ мебошад.

2. Китоби дарсӣ барои донишҷӯ сарчашмаи асосии ахбор ба ҳисоб рафта, ҳамчун объект ва воситаи фаъолияти таълимӣ- маърифатӣ хизмат менамояд. Китоби дарси бояд хусусияти маърифатӣ, психофизиологӣ, физиологӣ ва дидактикиро доро бошад.

3. Китоби дарсӣ дар ҷараёни корҳои мустақилонаи донишҷӯён вазифаи идоракунандаро иҷро менамояд. Аз ин мавқе гуфтан мехоҳам,

ки китоб бояд иқтидору тавоноии таъсиррасонии ҳайатҷонӣ, зебопарастӣ, психологӣ, маданӣ ва маърифатиро доро бошад, то тавонад ҳар як донишҷӯро ҳавасманд гардонида, барои ӯ тимсоли таълимӣ-маърифатӣ дар таҳқиқоти махсус гардад [115, 26].

Дар раванди иҷрои диссертатсия аз соли 2018 дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ пурсишномаҳои зиёде дар бораи нақшаҳои таълимӣ, барномаҳо, Стандартҳои давлатии таълимӣ, китоб ва дастурҳои методӣ гузаронидем. Саволномаҳо собит намуданд, ки **50-60%** пурсидашудагон аз нарасидани китоби дарсӣ барои донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ изҳори нигаронӣ намуданд. Дар минтақаҳои Тоҷикистон бошад, бештар аз маводҳои куҳнаи даврони Шӯравӣ истифода мебаранд. Масалан, агар коллеҷӣ омӯзгории ба номи Хосият, Махсумоваи ДДОТ ба номи С.Айнӣ ва коллеҷи техникии ДТТ ба номи М.Осимтро гирем ҳар кадомаш бештар аз **20-25 ҳазор** фонди китоб доранд, лекин куҳна буда, ба талаботи муосири таълим ҷавоб дода наметавонад.

Дар раванди корҳои таҳқиқотӣ бо донишҷӯён ва омӯзгорони се муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ саволномаҳо гузаронида шуданд:

1. Коллеҷи техникии ДТТ ба номи академик М.Осимӣ ш.Душанбе.
2. Коллеҷи омӯзгории ба номи Хосият Махсумоваи ДДОТ ба номи С.Айнӣ.
3. Коллеҷи муҳандисӣ- омӯзгории н.Рӯдакӣ.

Рӯзи баргузор намудани саволномаи озмоишӣ 4.02.2018.

## I. Оид ба Стандарти давлатии таҳсилот:

| № | Савол | Ҷавобҳо |
|---|---|---|
| 1. | Шумо худатон бо Стандартҳои давлатии таҳсилот шинос ҳастед? | Бисёрии пурсидашудагон худашон талаботҳои Стандартҳои давлатиро намедонанд |
| 2. | Шумо стандартҳои давлатии таҳсилоти миёнаи касбиро чи тавр дидан мехоҳед? | Мехостем роҳро ба омода намудани мутахассисон мутобиқи талаботи бозори меҳнат кушоянд. Ба курсҳои кӯтоҳмуддат бештар таваҷҷуҳ зоҳир |

| | | |
|---|---|---|
| | | намояд. |
| **3.** | Баҳри татбиқи стандартҳои давлатӣ дар ҳаёт чи татбирҳо андешидан зарур аст? | Бисёр пурсидашудагон проблемаи маскурро бо дастгирии иқтисодии омӯзгорон пайвастанд. |

## II. Нақшаҳои таълим:

| **№** | **Саволҳо** | **Ҷавобҳо** |
|---|---|---|
| **1.** | Шумо бо тақсимоти соатҳои фанҳои таълимӣ розӣ ҳастед? | Тақсимоти соатҳо моро қонеъ намуда наметавонад. Ҳамчун мутахассис бо боварӣ гуфта метавонам, ки фанҳои забони хориҷӣ, педагогика, методика моро конеъ намуда наметавонад. |
| **2.** | Кадом фанҳои таълимиро дар муассиса асосӣ меҳисобед? | Ин албатта аз характери муассиса вобаста мебошад. Масалан барои коллеҷи омӯзгорӣ фанҳои асосӣ педагогика, психология, методикаи таълим, пас забони тоҷикӣ, русӣ, англисӣ ва гайра. |
| **3.** | Кадом фанҳоро шумо дар нақшаи таълимӣ ва барнома ҳамроҳ кардан мехоҳед? | Одобнома дар синфи 5-6, тозанависӣ дар синфҳои 1-4, хуруфи ниёгон дар синфи 4 то 11. Фани педагогика, психология, ва методикаи таълим, таълими технологияи информатсионӣ. |

## 111.Барномаи таълим

| № | **Саволҳо** | **Ҷавобҳо** |
|---|---|---|
| **1.** | Барномаҳои таълимӣ ба талаботи синну солӣ мувофиқанд? | *60%* мувофиқ нестанд гуфта ҷавоб доданд. Мушкилот дар баён, номувофиқат ба китои дарсӣ забони ғайриилмӣ мушоҳида мешавад. |
| **2.** | Барномаҳои таълимӣ бо китоби дарси мутобиқат мекунанд? | Дар муқоиса онҳо ба ҳам мувофиқ намеоянд. Онҳо ҳамеша аз ҳамдигар бо қафо монӣ мебароянд. |
| **3.** | Оид ба беҳдошти барномаҳои таълим чӣ андеша доред? | Дар ин самт кори маркази методии ҷумҳуриявӣ беҳтар ва бо ПРМ ва АТТ робитаманд гардонида шавад. |

## IV. Дар бораи сифати китоби дарсӣ

| № | Саволҳо | Ҷавобҳо |
|---|---|---|
| **1.** | Китоби дарсиро дар таъбу нашри оянда чи тавр дидан мехоҳед? | Дар китоби дарсӣ мехостам дар баробари масъалаҳои илмӣ ба тарбияи миллӣ низ диққати махсус диҳанд. |
| **2.** | Кадом китоби дарсӣ ба талабот наздиктар аст? | Физика, математика, химия, информатика, аммо забонашонро раво гардонидан зарурият дорад |
| **3.** | Кадом китоби дарсӣ ба коркард ниёз дорад? | Аз рӯи озмоиш ба хулосае омадем, ки тамоми китобҳои дарсӣ вобаста ба талаботҳои нав ба коркард ниёз доранд. |

## V. Баҳо ба дониш, маҳорат ва малакаи хонандагон

| № | Савол | Ҷавобҳо |
|---|---|---|
| 1. | Шакли баҳодиҳиро интихоб намоед? | Фикр мекунам, ки низоми анъанавӣ дигар ба талабот ҷавобгӯ нест. |
| 2. | Кадом шакли баҳогузорӣ ба Шумо бештар маъқул аст?<br>**А)** ***5 – бальная;***<br>**Б)** ***10 – бальная;***<br>**В)** ***50 – бальная;***<br>**С)** ***100 – бальная*** | Аз сабаби ба моҳияти баҳогузории бисёрбала сарфаҳм нарафтани пурсидашудагон **- 90 %** ба тарафдории 100 – бала овоз доданд. |

## VI. Методҳои таълим

| № | Саволҳо | Ҷавобҳо |
|---|---|---|
| 1. | Дар коллеҷи шумо бештар аз кадом метод истифода мебаранд? | Дар мо бештар аз методҳои омехтаи таълим истифода мебаранд. |
| 2. | Методҳои фаъоли таълим ба омӯзгор ва донишҷӯён чӣ дода метавонад? | Аз чӣ вобастагӣ дорад сифати таълим. Боварӣ ва ҳамкорӣ дар раванди демократикунонӣ меафзояд. |

## VII. Корҳои тарбиявӣ

| № | Савол | Ҷавобҳо |
|---|---|---|
| **1.** | Унсурҳои асосии консепсияи миллии тарбияро омӯхтед? | Хондем ва шиносем дар шароити муосир диққати бештар ба тарбияи меҳнатӣ ва ахлоқӣ бояд нигаронида шавад. |
| **2.** | Дар муассисаи шумо консепсияи миллии тарбия чӣ тавр татбиқ | Ба масъалаи тарбия диққати чандон зарурӣ дода намешавад. |

| | | |
|---|---|---|
| | карда мешавад? | |
| **3** | Чиро мехостед ба консепсияи миллии тарбия ворид намоед? | Бисёриҳо тире гузоштаанд. Дигарон қайд намуданд, ки консепсия қудрати муҳофизатӣ надорад. |

Китоби дарсӣ, дастурҳои таълимӣ методӣ ва дастурҳои роҳнамо бояд дар ассиси стандарт ва барномаҳои таълимӣ сохта шуда, вазифаҳои зеринро иҷро намоянд:

– ахборро дар ҳаҷм ва сифати мувофиқ бояд таъмин намоянд, ки ба қисматҳои ҷудогонаи барномаи таълимӣ мувофиқ бошад;

- мафҳумҳоро пай дар пай ба таври дидактикӣ тарзе кушоянд, ки вазифаҳои тарбиявӣ ошкор гарданд;

- тавассути низомнокии маводи таълимӣ дарки нишонаю аломатҳои дониш, инкишофи тафаккури донишҷӯён рӯй медиҳад;

– китоб ва дастурҳо метавонанд ҳамчун ибтидои дониш, малака ва маҳорат дар давраи омӯзиши баъзе мавзуҳо хизмат кунанд, таълимро автоматӣ гардонанд;

– сарчашмаи бедор гардидани азхудкунии мустақилонаи маводи таълим гардида, ҳавасро барои аз худ намудани донишҳои нав бедор менамояд [115, 98].

Бо дарназардошти ин, зарур аст, ки омӯзгор аҳамияти таълимӣ, педагогӣ ва методии китоби дарсиро ба донишҷӯён фаҳмонад, то онҳо онро самаранок истифода баранд.

1. Матни китоби дарсӣ бояд ба арзишҳои муосири идеологӣ мутобиқ бошад ва талаботи меъёрҳои методиро риоя кунад.

2. Он бояд бо дарназардошти илм ва технологияҳои пешрафта таҳия шавад ва ба таври мутобиқ бо таҳаввулоти илмӣ-техникӣ ва саноат ҷавобгӯ бошад.

3. Маводи китоби дарсӣ бояд ҳадафҳо ва талаботи барномаи таълимиро мушаххас намояд.

4. Мазмуни китоб бояд ба меъёрҳои калидӣ, аз ҷумла пайдарҳамӣ, алоқамандии назария ва амалия, ҳамгироии байнисоҳавӣ, пайвастагӣ бо истеҳсолот ва ҳосилнокии меҳнат мувофиқ бошад.

5. Сохтори китоби дарсӣ бояд меъёрҳои педагогиро риоя кунад, то дар пешниҳоди сабаб ва натиҷа самаранок бошад.

6. Забони истифодашуда дар таҳияи китоб бояд фаҳмо, шавқовар ва равшан бошад, то хонанда ба маводи хониши худ таваҷҷуҳ кунад.

7. Аз ҷиҳати эстетикӣ, китоби дарсӣ бояд барои чашм писанд бошад ва диққати хонандаро ҷалб намояд.

Китобҳои дарсӣ яке аз мафҳумҳои асосӣ дар адабиёти таълимӣ мебошанд ва воситаи асосии таълим ва интиқоли дониш дар таълимоти муосир ба шумор меравнд. Аз лиҳози анъанавӣ, китобҳо, бахусус китобҳои дарсӣ, воситаҳои бунёдӣ дар раванди омӯзиш, системаи таълимӣ ва дарёфти дониш, ҳам барои шахсият ва ҳам ҷомеа маҳсуб мешаванд [115, 104].

Озмоишҳои баргузорнамудаи мо дар коллеҷҳои шаҳри Душанбе, шаҳри Бохтар ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ собит намуданд, ки холати таъминот бо китоби дарсӣ дар тамоми муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ як хел нест.

Дар маркази ҷумҳурӣ таъминот бехтар ба чашм мерасад, аммо дар минтақаҳо шароити таъминот бо китоби дарсӣ, дастурҳои таълимӣ-методӣ чандон каноатбахш нест, нарасидани китоби фалсафа, назарияи иқтисод, сиёсатшиносӣ, маданиятшиносӣ, забонҳо, ва фанҳои табиию риёзӣ ва фанҳои ёрирасон бараъло ҳис карда мешавад.

Дар шароити муосир китоби дарсиро бо сифати зерин истифода бурдан мумкин аст: - чун сарчашмаи ахбор; - ҳамчун воситаи намоишдиҳии ахбор;

- ташкилотчии фаъолияти маърифатӣ, - воситаи мақомбахшии таълимии донишҷӯён;

- муҳайё намудани ҷараёни устуворӣ маърифатӣ.

Китоби дарсӣ, бо монанди нақша ва барномаи таълимӣ, дар якчанд давра коркард мегардад. Пеш аз ҳама бояд таҳлил намуд, ки соатҳои барномаи таълимӣ, бобҳои ҷудогонаи фанни таълимӣ ба талаботҳои вазифаҳои дидактикӣ ва тарбиявӣ мувофиқанд. Дар баробари омӯзиши барномаҳои таълимӣ бояд бо китоби таълимӣ шинос гардид, ки дар он робитаҳои байни фаннӣ мавҷуданд ё не.

Озмоишу таҳқиқот собит менамояд, ки дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ бештар аз 70% китоб ва дастурҳои таълимӣ бо забони русӣ мебошанд. Ин манзара дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва ибтидоии касбӣ низ ба чашм мерасад. Дар давраи сохтани лаҳзаи таркибии мазмуни китоби дарсӣ, ошкор сохтани аломатҳои дониш (зуҳурот, қонун, назария, мафҳум, қонуният, ҷараён, робитаҳо) ниҳоят муҳим мебошад.

Дар сохтани китоб интихоби дурусти нақшаҳо, расмҳо, ҷадвал, диаграмма ва ғайраҳо ниҳоят муҳим мебошад. Бахри ҷолибу дилкаш гардидани китоби дарсӣ, бояд комиссияи махсус аз ҳисоби мутахассисони ҳамин самт ташкил дода шавад. Китоби дарсӣ ва проблемаҳои онро аз мутахассисони самт дида касе бехтару хубтар намефаҳмад, бинобар ҷалб намудани мутахассисон воситаи беҳтарин мебошад.

## 2.3. Озмоиш ва мушоҳидаҳои педагогӣ оид бо раванди навсозии таълим ва тарбия дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ба иҷтимоишавӣ

Яке аз методҳои таҳқиқоти педагогии муосир - ин озмоиш ва мушоҳидаҳои педагогӣ мебошад, ки тавассути он шахс ба натиҷаҳои дилхоҳ ноил гардида метавонад. Мушкилоти ташкилӣ ва банақшагирии озмоишҳои педагогӣ дар назария ва амалияи педагогика ҳамчун яке аз проблемаҳои умумӣ назариявӣ дар осори олимони шинохта С. И. Архангельск, [12]. Ю. К. Бабанский. [16]. А. Г. Журавлев. В. И. Загвязинск [48]. Т. И. Михеев, [101], А. И. Пискунов ҷои хосаро ишғол менамояд.

Дар асарҳои зиёд оид ба назарияи педагогика мушоҳида ва озмоиш бештар зери мафҳуми дидактика баргузор карда мешуд, зеро ки таҷрибаю озмоиш ба самти мақсаднок бояд равона гардад. Мушоҳидаи педагогӣ аз забони лотинии experimentum – гирифта шуда, «мушкилот», «таҷриба», «санҷиш»- ро дар давраи муайян ба инобатгирифтаро ифода менамоянд.

Қисми муҳими диссертатсияи мо ба муайян намудани равандҳои демократикунонии таълим ва тарбия дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ташаккули салоҳиятнокӣ ва иҷтимоишавӣ донишҷӯён бахшида мешавад. Дар диссертатсияи мазкур диққати бештар ба демократикунонии раванди таълим ва тарбия, идоракунии демократии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар ташаккули солоҳиятнокии касбӣ дар ҳаёти мустақилона бахшида шудааст. Мавқеи мақомоти худидоракунии донишҷӯён, дар татбиқи равандҳои демократӣ, мазмуни таҳсилот, нақша, барнома ва китобу дастурҳои таълимӣ- методӣ дар ташаккули салоҳиятнокии донишҷӯён дар фаъолияти касбӣ ва иҷтимоишавии насли наврас аз мадҳи назар берун намондааст.

Бояд тазакур дод, ки дар солҳои 1990- 1997 дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ мазмуни таҳсилот ба андозае коста гардида буд,

ки ба кори омӯзгор барои баҳо додан ба дониш, маҳорат ва малакаи донишҷӯён дахолати берунӣ ҳис карда мешуд. Демократия ва раванди демократикунониро дар мафҳуми васеъ намефаҳмиданд, танҳо дар зери ин мафҳуми демократия «Демос»- озодиро шиори хеш намуда буданд.

Бояд қайд намуд, ки дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ, дар раванди демократикунонии корҳои таълимӣ- тарбиявӣ, насли наврас, на танҳо вазифаи объект, балки вазифаи субъектро низ иҷро менамояд. Онҳо меросхӯрони маданияти баланди халқи тоҷик ва бо насли оянда чун хотираи иҷтимоӣ ба мерос мегузоштагони ин анъана ба шумор мерафтанд, киояндаи давлат ва ҷомеаро онҳо равшан менамуданд. [43,1-3]

Ин масъалаи мураккабро мо мақсад гузоштем, барои насли наврас осон намоем ва яке аз роҳҳои асосии ҳалли он ташкил додани чорабиниҳои тарбиявӣ-фарҳангӣ ба ҳисоб меравад:

1. Дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ташкил додани омӯзиши васеи «Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон».

2. Ташкил додани дарсҳои тарбиявӣ дар мавзӯи «Асосҳои конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон».

3. Ташкил додани вахӯрӣ бо кормандони ҳифзи ҳуқуқ ва мақомоти қудратӣ дар мавзӯи «Давлати демократӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ».

4. Ташкили вохурӣ бо собиқадорони меҳнат ва иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ оид ба раванди демократикунонии таълим ва тарбия.

5. Тавсияи китоби бадеӣ, нақл аз рӯи кино ва тамошои музеи миллӣ.

Ҳадафи асосии мо, муайян намудани демократикунонии раванди таълим ва тарбия дар ташаккули салоҳиятнокии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ба иҷтимоишавӣ буда метавонад. Тавассути он таъсир доштани демократикунони дар ташаккули шуур ва маданияти насли наврас боиси ташаккули салоҳиятнокӣ мегардад, ки онро озмоишҳо тасдиқ намуданд. Ба озмоиш бештар аз 300 нафар

донишҷӯён ва 40 нафар омӯзгорони коллеҷи омӯзгории ба номи Хосият Махсумоваи ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ ва коллеҷи техникии ДТТ ба номи Академик С.Осимӣ фаро гирифта шуданд. Онҳоро баробар ба ду гурӯҳ ҷудо намудем, ки 150 нафарашон дар гурӯҳи озмоишӣ ва 150 нафар ба гурӯҳи назоратӣ ворид карда шуданд [106, 45-50].

Бо мақсади муайян намудани сатҳи маърифати донишҷӯёну омӯзгорон саволномаро дар чунин шакл оид ба раванди демократикунонии таълим ва тарбия пешниҳод намудем:

Ному Насаб: Дар саволномаҳо, бештар аз 290- 300 нафар донишҷӯён ному насаби хешро сабт намуданд.

Муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ: ҳам Коллеҷи омӯзгорӣ ва ҳам коллеҷи техники шаҳри Душанбе.

Факултет ва ихтисос: Донишҷӯён аз рӯи ихтисос ва касбият кайд гардиданд

Санаи баргузорӣ: Чунин саволномаҳо дар 3 марҳила гузаронида шуданд.

1. Демократия чист ва чиро ифода менамояд?_Ба ин савол аз 300 нафар донишҷӯ 25 нафар ҷавоби дилхоҳ доданд, ки 8%-ро ташкил медиҳад.

2. Демократикунонии таълим ва тарбияро дар чӣ мебинед? Ба ин савол қариб донишҷӯён ҷавоб дода натавонистанд.

3. Дар давлати демократӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ таълиму тарбияро бо методи маъмурӣ фармонфармоӣ ба роҳ мондан мумкин аст? 93 нафар донишҷӯён ба ин савол ҷавоби қонеъкунанда дода тавонистанд, ки 30,01% ташкил медиҳад.

4. Демократикунонии раванди таълиму тарбияро бо фармон роҳандозӣ намудан мумкин аст? қариб 250 нафар донишҷӯён «ҳа» гуфта ҷавоб доданд, ки ин 85% - ро ташкил медиҳад, ки ин мутлақо хато мебошад.

5. Андешаи Шумо дар бораи демократия ва демократикунонӣ дар ҷамъияти ғуломдорӣ ва феодалӣ? Оид ба саволи мазкур бештар аз 90% донишҷӯён маълумот надоштанашон ошкор гардид.

6. Оид ба демократикунонии идораи муассиса чӣ гуфтан мехоҳед? 148 нафар, яъне 49,2% нобоварӣ изҳор намудаанд, ки агар ақалан директорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дарсҳояшонро бо донишҷӯён худашон мегузаштанд, имконият пайдо менамудем, ки фикру андешаамонро гӯем.

7. Ба идоракунонии муассиса донишҷӯёнро ҷалб намудан мумкин аст? Аз сабабе, ки донишҷӯён ба оинномаи муассиса шиносоии наздиқ надоранд, ба ин савол ҷавоби дилхоҳ дода натавонистанд.

8. Дар хобгоҳи донишҷӯён аломату нишонаҳои демократикунониро номбар намоед? Донишҷӯён дар муқоиса ба тарзи зиндагии пешин бисёр чизҳои хубро номбар карда тавонистанд.

9. Дар муқоиса бо солҳои пеш дар муносибати байни ҳамдигарии донишҷӯён чи тағйирот рӯй додаст? Ба ин масъала бештар аз 50% донишҷӯён ошноӣ доштанашон маълум гардид.

10. Муносибати байни ҳамдигарии донишҷӯён ва омӯзгоронро дар шароити муосир чӣ тавр дидан мехоҳед? Мехостем дар байни онҳо аломату нишонаҳои маҳаллачигӣ, зиддият ва бадбиниро не, балки дӯстию ҳамдигарфаҳмиро бинем.

11. Демократия дар фаъолияти маъмурият ва мақомоти худидоракунии донишҷӯён кумак мерасонанд? «Ҳа», албатта.

12. Китобхонаи муассиса шуморо қонеъ мекунад? не, зеро аксар китоби куҳна ва ба талабот ҷавобгӯ нестанд.

13. Касб ё ихтисоси интихобнамудаатон шуморо қонеъ намуда метавонад? Албатта, агар базаи модди техникии муассиса пурзӯр карда шавад [106. 45-50].

Барои ба демократия расидан, шуур, маданият, ахлоқ ва рафтору кирдори одамонро бо он мутобиқ гардонидан зарур аст, то дарк намоянд, ки барои ташаккул додани ҳокимияти халқӣ кадом тадбирҳоро

андешидан зарур аст. Дар зери мафҳуми демократикунонии таълим ва тарбия дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ҳалли як қатор омилҳои робитаманд фаҳмида мешаванд, ки бе мавҷудияти онҳо дар бораи демократикунонӣ умуман суханрони намудан номумкин мебошад.

Фарзияи таҳқиқот оид ба шароитҳои педагогии демократикунонии раванди таълим ва тарбия дар муносибати босалоҳият дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ самаранок мегардад, агаро **вазифаҳои зерини таҳқиқот** дуруст ҳал карда шаванд:

- гузаронидани таҳлили муқоисавии муносибатҳои анъанавӣ ва башардӯстона оид ба проблемаҳои идоракунии дохили муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ;

- таҳқиқи низоми идоракунии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар давраҳои гуногуни инкишофи ҷамъият;

- ошкор намудани мавҷудияти робитаҳои байни сохторҳои дохилимуассисавӣ дар раванди демократикунонӣ ва муносибати босалоҳият;

- ошкор сохтани майли зерсохторҳои дохили муассиса ба идоракунии башардӯстона ва демократӣ дар ташаккули салоҳиятнокии донишҷӯён ба иҷтимоишавӣ;

- барпо намудани шароити зарурии педагогӣ баҳри муттаҳид гардидани тамоми иштирокчиёни идоракунии дохилии муассиса ба арзишҳои башардӯстона.

- муайян намудани таркиби омодагии касбии омӯзгорон ба фаъолияти педагогӣ тавассути дониш, маҳорат ва малакаи зарурӣ дар ҷараёни демократикунонии раванди таълиму- тарбия ба иҷтимоишавӣ;

- коркарди тавсияҳои илмӣ- амалӣ, оид ба такмили омодагии касбии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ба фаъолияти касбӣ.

Ҳамин тавр озмоиш дар худ қисматҳои дигари таҳқиқотро дар чунин шакл ворид намуд:

- омӯзиши асосҳои педагогии татбиқи идоракунии демократии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ба салоҳиятмандӣ ва иҷтимоишавӣ;

- ошкор намудани мавкеи мақомоти худидоракунии донишҷӯён дар ташаккули салоҳияти донишҷӯён ба фаъолияти касбӣ;

- ҷамъбаст ва хулосабарорӣ аз натиҷаи мушоҳидаи педагогӣ ва фаъолияти мақомоти худидоракунӣ дар ташаккули салоҳияти касбии донишҷӯён [107, 50].

Дар ҷараёни корҳои озмоишӣ оид ба демократикунонии раванди таълим ва тарбия дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ, мо аз методҳои зерин васеъ истифода намудем: методи муҳокима, (муоина, ба қисмҳо тақсим намудан, муқобилгузорӣ) ва методи пурсиш (саволнома, сӯҳбат, интервю). Ғайр аз ин, бо мақсади баланд бардоштани самаранокии кори хеш мо аз методҳои муоина, мушоҳида, амсила бо мақсади муайян намудани асосҳои педагогии демократикунонии таълим ва тарбия дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ васеъ истифода намудем.

Корҳои таҷрибавӣ- озмоишии мо дар се марҳила анҷом дода шуданд. Дар марҳилаи аввал дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон мо баргузор намудани семинар, корҳои фаҳмонидадиҳӣ ва тадбирҳои роҳандозии раванди демократикунонии корҳои таълимӣ- тарбиявиро ба роҳ монда, оид ба раванди демократикунонии идораи муассисаҳо ва мақомоти худидораи донишҷӯён корҳои зиёдеро анҷом додем. Соли аввали таҳқиқот ба пайдо намудани мавод дар бораи асосҳои педагогии демократикунонии таълим ва тарбия, ташаккули салоҳият ва иҷтимоишавии донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ таваҷҷуҳ зоҳир намудем.

Дар чорабиниҳо ҳарчӣ бештар донишҷӯён ҷалб карда шуданд, ки ба мафҳуми демократия ва талаботҳои демократикунонӣ бештару хубтар шинос гарданд. Бояд қайд кард, ки давраи аввал давраи омодагӣ ба ҳисоб меравад ва дуруст ташкил намудани он роҳро барои татбиқи давраҳои дигар осону фаҳмо мегардонад.

Дар давраи дуюм андешаҳои арзишӣ, ки муайянкунандаи раванди демократии таълиму тарбия дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ

оид ба идоракунии маъмурӣ ва худидоракунии донишҷӯён мебошанд ва таҳқиқотро самаранок мегардонанд имконоҳо пайдо шуданд. Ин раванди таҳқиқот моро ба хулоса ворид намуд, ки демократикунонии таълиму тарбияро на тавассути қонуну фармон, балки тавассути ташаккул додани маданияту фарҳанги одамон ба даст оварда мешавад.

Дар давраи сеюм талоши бештар ба баланд бардоштани фарҳанг, маданият ва андешаи донишҷӯёну омӯзгорон равона карда шуд. Дар ин давра дар бораи мафҳуми «Демократия» ва «Демократикунонӣ», салоҳият ва салоҳиятмандӣ дар раванди иҷтимоишавии донишҷӯён диққати бештар зоҳир карда шуд. Акнун донишҷӯён фаҳмиш ҳосил намуданд, ки дар давлати демократӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ бояд таълим ва тарбия низ ҷавобгӯ ба талаботҳои демократӣ бошанду, ба иҷтимоишавӣ самт гирад. Таҷриба собит менамояд, ки донишҷӯёни дорои маданияти демократӣ ва салоҳияти баланди касбӣ тезтар иҷтимоӣ гардида ба худ ҷойи арзанда пайдо менамоянд.

Дар ин давра алакай ҷавонон дар дараҷаи зарурӣ дар талаботҳои демократӣ тарбия ёфта, салоҳияти касбиашон ташаккул ёфта, бе ягон мушкилот иҷтимоӣ гардиданашон мушоҳида мегарданд. Онҳо шуурона дарк менамоянд, ки мазмуни ҳаётро чӣ ташкил медиҳад, одамон барои чӣ дар ҷамъият ҳаёт ба сар мебаранд ва барои ҳаёти арзандаро ба сар бурдан ба онҳо чи лозим аст? Ана худи ҳамин саволҳо донишҷӯёнро ба дарки муҳиммияти иҷтимоишавӣ ворид менамоянд.

Ҳамдигарфаҳмӣ, боварӣ, ҳамдардӣ дар шароити муосир чӣ моҳияте дорад. Аз рӯи натиҷаи пурсиши донишҷӯён дар бораи демократикунонии раванди таълим ва тарбия чунин баҳогузорӣ карда мешавад: олӣ, миёна ва паст. Дар зери мафҳуми дараҷаи баланд ё олӣ донишҷӯёне баҳогузорӣ карда мешаванд:

- иқтидори шуурона дарк намудани мафҳуми демократикунонии таълим ва тарбияро дошта бошанд;

- мафҳум ва моҳияти демократикунонии раванди таълим ва тарбияро дар ташаккули муносибати босалоҳият шуурона дарк намоянд;

- фаҳмиши баланд дар бораи татбиқи идоракунии демократӣ, муносибати шууронаю босалоҳият ба таълим дар раванди ичтимоишавиро дошта бошанд;

- асоснок намудани арзишҳои демократӣ дар мақомоти худидоракунии донишҷӯён, бо мақсади ташаккули салоҳияти касбии донишҷӯён баҳри ичтимоишавӣ ошкор карда шавад.

Дар зери мафҳуми дараҷаи миёна мо донишҷӯёнеро ворид менамоем:

- на ҳама вақт ба амалӣ намудани андешаҳои хеш дар бораи демократикунонии таълим ва ташаккули салоҳияти касбӣ пайравӣ менамоянд;

- онҳо муҳимияти демократикунонии таълиму тарбия ва салоҳиятмандиро тавассути дигарон мефаҳманд;

- андешаҳои хешро дар асоси боварӣ ба андешаи дигарон ифроз менамоянд;

- талаботҳои педагогии демократикунонии раванди таълим ва тарбияро на ҳама вақт дар ташаккули салоҳиятнокӣ ва ичтимоишавӣ мефаҳманд;

- дар раванди баргузор намудани чорабиниҳо на ҳамеша майли иштирок кардан доранд.

Дар зери мафҳуми дараҷаи паст он ширкаткунандагоне варид карда мешаванд:

- ба чорабиниҳо чандон майл надоранд, ва агар дошта бошанд аз рӯи кунҷкобӣ мебошад;

- мафҳуми демократия, демократикунонӣ, идоракунии демократӣ, худидораи демократиро шуурона дарк наменамоянд;

- иқтидори муайян намудани қимату арзишҳои демократия, демократикунонӣ, шуури шаҳрвандиро надоранд;

- шаклҳои нодурусти рафтор ва амалҳоро интихоб менамоянд ва рафторашонро асоснок карда наметавонанд;

- муошираташон бо атрофиён суст ва андешаашон чандон мантиқӣ буда наметавонад.

Саволномае мо ба гурӯҳи назоратӣ ва гурӯҳи озмоишӣ пешниҳод намудем чунин буд: Оё Шумо медонед, ки демократия чист, ва дар раванди демократикунонии таълиму тарбия дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ кадом тадбирҳо бояд анҷом дода шаванд?

Диаграммаи № 3




Аз диграммаи № 3 бар меояд, ки донишҷӯёни гурӯҳи назоратӣ ва озмоишӣ ба саволҳои додашуда ҷавобҳои гуногун доданд, аммо таҷриба собит менамуд, ки ҷавобҳо дар бораи демократия ва раванди демократикунонӣ чандон шуурона набуданд. Иштирокчиёни гурӯҳи озмоишӣ, ки аз 150 нафар донишҷӯ иборат буданд, ба саволи пешниҳоднамудаи мо «Агар демократияро шумо танҳо дар мафҳуми озодӣ фаҳмед, гӯед, ки оё озодӣ мутлақ шуда метавонад». Иштирокчиёни гурӯҳи назоратӣ 60 нафар ҷавоби «ҳа»-ро интихоб намуданд, ки 46,6%-ро ташкил медиҳад, аммо 70 нафар 53,4% ҷавоби «не»- ро интихоб намуданд.

Ин аз дуруст аз ҷониби мо ташкил додани фаъолияти педагогӣ шаҳодат медиҳад. Саволи дигаре, ки мо ба гурӯҳҳои назоратӣ ва озмоишӣ пешниҳод менамудем саволҳои Ҷадвали зерин мебошанд:

**Ҷадвали № 4**

| Саволҳо | Гурӯҳи озмоишӣ | | Гурӯҳи назоратӣ | |
|---|---|---|---|---|
| | Теъдод | Фоиз % | Теъдод | Фоиз % |
| Демократия чист ва кай пайдо гардидааст | 45 | 30, % | 40 | 20, 6% |
| Оид ба муносибати демократӣ дар таълиму тарбия чӣ андеша доред? | 15 | 10,7 % | 16 | 10,01 |
| Оё раванди идоракунии муассисаро демократӣ кунонидан мумкин аст? | 13 | 10,00 | 12 | 10,9 |
| Демократикунонии таълиму тарбия дар ташаккули шуури шаҳрвандӣ? | 16 | 10,01 | 14 | 10 |
| Мавқеи мақомоти худидоракунӣ дар дамократикунонии таълим ва тарбия | 30 | 20,0 | 23 | 1 0.8 |
| Шурои сардорони гурӯҳҳои академӣ ва иттифоқи касаба дар раванди дем- нӣ. | 11 | 10,1 | 10 | 9,6 |
| Идораи демократии муассисаи донишҷӯён | 33 | 20, 03 | 30 | 20,0 |
| Всего | 150 | 100,0 | 131 | 89,8 % |

Агар ба ин ҷадвал нигарем, мо метавонем мушоҳида намоем, ки қисми зиёди иштирокчиёни озмоиш дар раванди демократикунонии раванди таълим ва тарбия майл ба донистани мафҳуми демократия ва раванди демократикунонӣ доранд. Оид ба ин масъала аз гурӯҳи озмоишӣ 45 нафар (30%) фаъолона ширкат варзиданд. Аммо дар гурӯҳи назоратӣ 40 нафар (20,6%) ширкат варзиданд, ки ҷавобҳояшон ба савол чандон боварибахш набуданд. Дар ҷои дуюм савол дар бораи муносибати байни донишҷӯён ва устодон дар раванди демократикунонии таълим ва тарбия меравад. Оид ба ин масъала аз гурӯҳи озмоишӣ 15 нафар донишҷӯён ширкат варзиданд (10,7%) ташкил медиҳад. Ҷавобашон ба саволҳои

гузошташуда сифатнок ва қавӣ буданд. Аз гурӯҳи назоратӣ 16 нафар донишҷӯён (10,1%)ширкат варзиданд, ки ҷавобу андешаи онҳо оид ба муносибати демократӣ дар таълим ва тарбия бештар ба идоракунии бюрократӣ шабоҳат дошт.

Ба саволи демократикунонии таълиму тарбия дар ташаккули шуури шаҳрвандӣ аз гурӯҳи озмоиши 16 нафар (10,1%) ширкат варзида ба саволҳои пешниҳодгардида ҷавобҳои қонеъкунанда гардониданд. Аз гурӯҳи назоратӣ 10 нафар донишҷӯён (0,8 %) ширкат варзиданд, аммо ҷавобҳояшон чандон асоснок ва боварибахш набуданд.

**Диаграмма № 5**




Агар ба ин диаграмма нигарем, муайян намудан мумкин аст, ки дар озмоиш дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ баргузорнамудаи мо чи қадар духтарону писарон ширкат варзиданд. Дар гурӯҳи озмоишӣ ҷавонон 111 нафар, (74,7%), духтарон бошад 39 нафар ё (25,3%)-ро ташкил медиҳанд. Дар гурӯҳи назоратӣ бошад 102 нафар донишҷӯён (69,9 %) ва 48 нафар духтарон (30,1%) –ро ташкил медиҳанд.

Саволи дигар барои донишҷӯён дар бораи мавқеи мақомоти худидоракунии донишҷӯён дар баланд гардидани сифати таълим ва

тарбия дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ қарор гирифт. Донишҷӯён дуруст қайд намуданд, ки дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ, ҳар як гурӯҳи академӣ сардори хешро дорад, ки дар асоси талаботҳои демократӣ дар маҷлиси умумии гурӯҳ интихоб карда мешавад. Сардор бо тамоми масъалаҳои таълим ва тарбия дар гурӯҳи академӣ роҳбарӣ менамояд.

Дар муассиса бошад шӯрои сардорони гурӯҳҳои академӣ амал менамояд, ки ба саволҳои муҳимтаринӣ таълимӣ-тарбиявӣ ҳамчун ёрдамчии куратор хизмат менамоянд. Ҳатто масъалаи бо идрор таъмин намудан, дар хобгоҳ ҷой додани донишҷӯёнро бо камендант дар якҷоягӣ ҳал менамояд. Сардори гурӯҳ метавонад бо раванди хориҷкунӣ ё барқарор намудани донишҷӯён таъсир расонад. **[105. 30-35].**

Мақомоти дигари худидоракунии донишҷӯён созмони ҷавонон ва иттифоқи касаба мебошад, ки мувофиқи низомнома дар асоси талаботҳои демократӣ корро ба роҳ мемонанд. Ин созмонҳо аз давраи донишҷӯӣ, донишҷӯёнро ба риояи талаботҳои демократӣ одат намуда, шууру маданияти онҳоро баланд бардошта, ба талаботҳои демократӣ одат менамояд.

**Ҷадвали № 6**

| **Намунаи саволҳо** | **Гурӯҳи озмоишӣ** | | **Гуоӯҳи назоратӣ** | |
|---|---|---|---|---|
| | **теъдод** | **Фоиз %** | **Теъдод** | **Фоиз %** |
| Оид ба фаъолияти созмони ҷавонон дар муассиса дар раванди демок-нӣ | 14 | 9,1 | 12 | 6,2 |
| Фаъолияти Шурои сардорони гурӯҳҳои академӣ дар демократикуно | 52 | 38,3 | 50 | 30,05 |
| Мавқеи иттифокӣ касабаи гурӯҳ дар демократикунонии таълиму тарбия | 33 | 26,9 | 36 | 20,7 |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| Мавқеи газетаи деворӣ ва мақолаҳои донишҷӯён оид ба раванди демокра-нӣ | 7 | 4,5 | 6 | 2,7 |
| Ошкорбаёнӣ, танқид ва худтанқид дар раванди демократикунонӣ | 44 | 30,01 | 40 | 23,3 |
| Всего | 150 | 100,0 | 150 | 100,0 |

Агар мо ба ҷадвали номбурда назар афканем, мебинем, ки аз панҷ варианти пешниҳодгардида, оид ба раванди демократикунонии раванди таълим ва тарбия дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ, донишҷӯён ба ҳамаи он диққати якхела зоҳир намуданд. Аз ҳама бештар ба варианти дуюм ва панҷум таваҷӯҳ зоҳир намуданд. Дар варианти дуюм сухан дар бораи фаъолияти шурои сардорони гурӯҳ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ меравад, ки донишҷӯёни гурӯҳи озмоишӣ 52 нафар (38,3%) ва гурӯҳҳои назоратӣ 50 нафар (30,5%) фаъолона ширкат варзиданд.

Дар ҳалли саволи панҷуми озмоиш, оид ба ошкорбаёнӣ, танқид ва худтанқидкунӣ донишҷӯён таваҷҷуҳи бештар зоҳир намуданд. Аммо дар ҳалли ин масъала, аз донишҷӯёни гурӯҳи озмоишӣ 44 нафар (30,1%) ва аз гурӯҳи назоратӣ 40 нафар (23,3%) фаъолона ширкат варзиданд. Дар ҳалли масъала донишҷӯёни гурӯҳи озмоишӣ фаъолтар буданд ва хешро озодтар ҳис мекарданд. Ба ҳамаи ин нигоҳ накарда, оид ба озодбаёнӣ, ошкор намудани камбудиҳои мавҷуда, ҳоло ҳам дар дили донишҷӯён тарсу ҳаросро мушоҳида намудан мумкин буд.

Ба сиёсати пешгирифтаи давлат дар самти демократикунонии таълиму тарбия нигоҳ накарда, ҳоло ҳам дар рафтору кирдори донишҷӯён тобеъгии меросии гузашта ҳис карда мешуд.

Саволҳои оянда, ки ба донишҷӯён пешниҳод намудем оид ба мазмуни таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, нақшаҳои таълимӣ, барнома, дастурҳои таълимӣ- методӣ ва

китобҳои дарсӣ буданд. Натиҷаи саволномаҳоро дар ҷадвали № 7 ҷой дода чунин хулосабарорӣ намудем:

**Ҷадвали №7**

| Саволҳо | Гурӯҳи озмоишӣ | | Гурӯҳи назоратӣ | |
|---|---|---|---|---|
| | **Теъ додо** | **Фоиз %** | **Теъдод** | **Фоиз %** |
| Мазмуни асосии таҳсилоти миёнаи касбиро чӣ ташкил медиҳад? | 45 | 30 % | 40 | 28,09% |
| Шумо метавонед дар шароити муосир аз як муассиса ба муассисаи дигар гузаред? | 60 | 40,00% | 58 | 35,2% |
| Метавонед дар низоми кредитии таълим аз як омӯзгор ба омӯзгори дигар гузаред? | 20 | 10,5% | 18 | 10,03 % |
| Ташаккули салоҳияти касбии донишҷӯён аз кадом омилҳо вобастагӣ дорад? | 15 | 10,00 | 14 | 0,9 % |
| Нақшаҳои таълимӣ, барнома ва дастурҳои таълимӣ- методӣ ва китоби дарсӣ дар ташаккули салоҳиятнокӣ | 5 | 0,3% | 4 | 0,1 |
| **Всего** | **150** | **100,0** | **134** | **84, 2%** |

Ба иштирокчиёни озмоиш мо 5 намуди саволҳоро дар чунин шакл пешниҳод намудем:

Ба ҷадвали № 7 нигаред, саволи аввалро чунин гузоштем: «Мазмуни асосии таҳсилоти миёнаи касбиро чӣ ташкил медиҳад?» Барои ҷавоб додан ба ин савол аз гурӯҳи озмоиши 45 нафар донишҷӯён (30%) ва аз гурӯҳи назоратӣ 40 нафар донишҷӯён (28,9%) донишҷӯён шаркат варзиданд. Ба саволи «Шумо метавонед дар шароити муосир аз як муассиса ба муассисаи дигар гузаред ва таҳсилро давом диҳед?». Аз гурӯҳи озмоишӣ 60 нафар донишҷӯён (40%) ва аз гурӯҳи назоратӣ 58 нафар донишҷӯён (35,2%) ширкат варзида, донишҷӯёни гурӯҳи озмоишӣ маҳорати баланд нишон доданд.

Ба саволи «Метавонед дар низоми кредитии таълим аз як омӯзгор бо омӯзгори дигар гузаред?» Худи ҳамин савол ифодакунандаи мафҳуми демократикунонии таълим мебошад. Аз гӯрӯҳи озмоишӣ 20 нафар донишҷӯён (10,05%) ва аз гурӯҳи назорати 18 нафар донишҷӯён (10,02%) ҷавобҳои дилхоҳ доданд. Худи ҳамин савол ифодакунандаи сифати таълим мебошад. Омӯзгоронро водор менамояд, ки барои бе ҷойи кор намондан сифати фаъолияти педагогии хешро беҳтар гардонанд, ки бо онҳо хатари бекормонӣ таҳдид менамояд.

Ба саволи «Ташаккули салоҳияти касбии донишҷӯён аз кадом омилҳо вобастагӣ дорад?» донишҷӯёни гурӯҳи озмоишӣ 15 нафар (10%) ва аз гурӯҳи назоратӣ 14 нафар (0,9%) иштирок намуда, фаъолияти шахсӣ нишон доданд. Аз рафти пурсиш ва саволномаҳо маълум гардид, ки донишҷӯён ва омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ аз омилҳои ташаккулдиҳандаи салоҳияти касбӣ огаҳанд.

Ба савол, оид ба «Нақшаҳои таълимӣ, барнома ва дастурҳои таълимӣ- методӣ ва китоби дарсӣ, дар ташаккули салоҳиятнокии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ», аз гурӯҳи озмоишӣ 5 нафар донишҷӯён (0,3%) ва аз гурӯҳи назоратӣ 4 нафар донишҷӯён (0,1%) ҷавоби дилхоҳ доданд. Ҳамин тавр, аз гурӯҳи озмоишӣ 150 нафар донишҷӯён (100%) ва аз гурӯҳи назоратӣ 134 нафар донишҷӯён (84,2%) дар озмоиш фаъолона ширкат варзиданд. Рафти озмоиш собит намуд, ки донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ, нарасидани китоб ва дастурҳои таълимӣ- методиро дарк намудаанд.

Аз рӯи гуфтаи донишҷӯён маълум мегардад, ки ба хондан ва мутолиаи китоб барояшон ниҳоят муҳим мебошад, аммо дастрас карда наметавонанд. Дар Аврупо ҳар як фард ба таври миёна, дар як сол бештар аз 35 китобро мутолиа менамоянд. Лекин дар Шарқ бошад 80 нафар одам дар як сол як китобро мехонанд. Ҳоло бо ташаббуси Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ- Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ин анъана шикаста шуд,

чорабиниҳои фарҳангие роҳандозӣ карда шуданд, ки миллатро ба мутолиаи китоб, худшиносӣ ва ифтихори миллӣ водор менамояд.

Барои муайян намудани ташаккули рафтор ва муносибати бошууронаи донишҷӯён, ба раванди демократикунонии таълиму тарбия чунин саволро «Оё аз дарсҳо самаранок истифода набурдан, мустақилона наомӯхтан, технологияи ахборотӣ- коммуникативиро аз бар нанамудан демократикунонии таълиму тарбияро таъмин намуда метавонад?». Барои ҷавоб гирифтан ба ин ва дигар саволҳо, мо корро бо гурӯҳи озмоишӣ ва гурӯҳи назоратӣ оғоз намудем. Пурсидашудагони мо, бо саволҳои дар ҷадвали № 8 мавҷудбуда ҷавоб дода, муносибати хешро ба ин масъала ошкор намуданд.

**Ҷадвали № 8**

| **Саволҳо** | **Гурӯҳи озмоишӣ** | | **Гурӯҳи назоратӣ** | |
|---|---|---|---|---|
| | **Теъдод** | **Фоиз%** | **Теъдод** | **Фоиз %** |
| Демократия чист ва дар зери мафҳуми демократикунонӣ чиро мефаҳмед? | 27 | 10,7% | 25 | 10,5 |
| Асоси сохтори конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистонро гӯед | 42 | 30% | 40 | 20,8 |
| Робитаи 30-солагии Истиқлолияти Ҷ.Т бо демократикунонии таълиму тарбия | 39 | 27,3 | 38 | 26,0 |
| Дар умум дар зери мафҳуми демократия ва демократикунонии таълиму тарбия чиро мефаҳмед? | 42 | 30 | 40 | 28,8 |
| Всего | 150 | 100,0 | 143 | 100,0 |

Мо бо ҳар саволи пешниҳод гардида, 4 шакли ҷавоб пешниҳод намудем. Агар ба ҷавобҳои додаи донишҷӯён диққат диҳем, онҳо ба саволи демократия чист ва дар зери мафҳуми демократикунонии таълим ва тарбия онҳо чиро мефаҳманд? Ҷавобҳо гуногун ва ба ҳақиқат ниҳоят наздик пешниҳод гардиданд. Масалан, Шабнами Пирмуҳаммад фаҳмонида дод, ки демократия аз калимаи Юнонӣ гирифта шуда ҳокимияти халқро ифода менамояд ва ғайраю ғайра. Дар ҳақиқат мушоҳида карда мешавад, ки донишҷӯён дар ин бора дониши хуб доранд, лекин вақте саволро каме дигар намуда мепурсед, ки оё донишҷӯ

дар давлати демократӣ метавонад, ба дарс дер ояд, ё бе тайёрӣ вариди синфхона гардад, донишҷӯ ба андеша меравад.

Дар муҳокимаи ин савол аз гурӯҳи озмоишӣ 27 нафар донишҷӯ (10,7%) ва аз гурӯҳи назоратӣ 25 нафар донишҷӯён (10,5 %) ширкат варзиданд. Лекин донишҷӯёни гурӯҳи озмоишӣ аз гарӯҳи назоратӣ фаъолтар буданд. Ҷавобҳояшон низ асоснок ва мафҳуми демократия ва демократикунониро беҳтар мефаҳманд.

Оид ба саволи дуюм «Асоси сохтори конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистонро гӯед» донишҷӯёни гурӯҳи озмоишӣ 42 нафар (30%) ва аз гурӯҳи назоратӣ 40 нафар (20,8%) ширкат намуданд. Дар боби якуми Конститутсия дар бораи асоси сохтори конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон чӣ гуфта мешавад? Гуфта мешавад, ки Тоҷикистон давлати демократӣ, дунявӣ, ҳуқуқбунёд, ягона ва иҷтимоие мебошад, ки манфиати тамоми аъзоёни ҷамъиятро якхел ҳимоя менамояд.

Дар саволи сеюм ба гӯрӯҳи озмоишӣ ва гурӯҳи назоратӣ пешниҳод карда шуд, ки робитаи 30-солагии Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо демократикунонии таълиму тарбия фаҳмонанд. Дар ҳалли ин масъала аз гурӯҳи озмоишӣ 39 нафар донишҷӯён (27,3) ва аз гурӯҳи назоратӣ 38 нафар донишҷӯ ё (26,1%) ширкат варзиданд. Донишҷӯён изҳор намуданд, ки Давлати демократии Тоҷикистон маҳсули Истиқлолияти миллӣ мебошад, ки дар муддати 30 сол ба дастовардҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва маданию фарҳангии бузурге ноил гардидааст.

Дар умум дар зери мафҳуми демократия ва демократикунонии таълиму тарбия чиро мефаҳмед? Аз 150 нафар донишҷӯёни гурӯҳи озмоишӣ 42 нафар (30%) ҷавобҳои дуруст ва бо демократикунонӣ муносиб доданд. Аммо аз гурӯҳи назоратӣ 40 нафар донишҷӯён ҷавоб доданд, ки ин (28,8%)- ро ташкил медиҳад, аммо ҷавобҳои онҳо чандон асоснок набуданд.

Оё муносибати оқилона бо таълиму тарбия, риоя намудани тартиботи дохилии муассиса, иштирок дар корҳои ҷамъиятӣ, намоиш

додани ахлоқ, рафтори баланд, фаъолона ширкат варзидан дар чорабиниҳо, ширкат дар озмуни «Фурӯғи субҳи доноӣ» яке аз талаботҳои демократӣ нест? Оё он салоҳиятнокиро ташаккул ва иҷтимоишавиро амалӣ намегардонад?

Дар ин ҷадвал мо зарур донистем, саволҳоеро гузорем, ки сатҳи дониш ва маҳорату малакаи донишҷӯёнро, оид ба фаъолияти мақомоти худидоракунии донишҷӯён ошкор созанд ва онҳоро ба роҳбарии ҷараёни таълим ва тарбия дар ҳаёти воқеӣ омода намоем.

**Ҷадвали 9.**

Мутобиқи низомномаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ мавқеъ, вазифа ва уҳдадориҳои куратори гурӯҳи академӣ дар таълим ва тарбияи насли наврас ва ҳамкории он бо мақомоти худидораи донишҷӯёни гурӯҳ равшан баён ёфтааст. Дар ҳалли ин масъали аз гурӯҳи озмоишӣ 36 нафар (23%) ва аз гурӯҳи назоратӣ 30 нафар донишҷӯён (20%) иштирок намуда мавқеашонро оид ба фаъолияти якҷояи куратор бо фаъолони гурӯҳ баён доштанд.

Оид бо ҳамкории сардорони гурӯҳҳои академӣ бо кураторон дар демократикунонии таълим ва тарбия аз гурӯҳи озмоишӣ 57 нафар донишҷӯ, ё (37%) ва аз гурӯҳи назоратӣ 33 нафар (20,2%) ширкат

| **Саволҳо** | **Гурӯҳи озмоишӣ** | | **Гурӯҳи назоратӣ** | |
|---|---|---|---|---|
| | **Теъдод** | **Фоиз %** | **Теъдод** | **Фоиз %** |
| Фаъолияти куратори гурӯҳи академӣ дар таълим ва тарбияи донишҷӯён | 36 | 23% | 30 | 20% |
| Ҳамкории сардори гурӯҳ бо куратор дар демократикунонии таълим ва тарбия | 57 | 37,0 | 33 | 22,6 |
| Мавқеи Шурои сардорони гурӯҳҳои академӣ дар тарбияи донишҷӯён | 30 | 20 | 28 | 18% |
| Иттифоқи касабаи донишҷӯён дар беҳдошти шароитҳои моддӣ маишии донишҷӯён | 30 | 20 | 27 | 17% |
| Всего | 150 | 100,0 | 118 | 77,0 |

варзиданд. Онҳо тавонистанд тавассути ширкат дониш, маҳорат ва малакаи хешро оид ба демократикунонии ҳамкорӣ баланд бардоранд.

Оид ба мавқеи Шурои сардорони гурӯҳҳои академӣ дар ҳаёти фарҳангӣ- маънавии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ, аз донишҷӯёни гурӯҳи озмоишӣ 30 нафар (20%) ва аз гурӯҳи назоратӣ 28 нафар (18%) донишҷӯён ширкат варзида, донишу малакаи хешро оид ба фаъолият дар муассиса ва ҳимоя намудани ҳуқуқу озодиҳои хеш афзун намуданд. Онҳо тавассути ин озмоиш фаҳмиш пайдо намуданд, ки ба кадом масъалаҳо бевосита дахолат карда метавонанд. Роҳ, тарз ва усулҳои демократикунонии ҳаёти дохилии муассисаро аз худ намуданд.

Аҷиб он буд, ки донишҷӯи яке аз муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ба мо озмоишгарон савол пешниҳод намуд. Савол чунин буд: Директорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ғайр аз иҷрои вазифа, ба донишҷӯён дарс низ медиҳанд? Мо гуфтем бале. Онҳо тасдиқ карданд, ки директорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбиро ягон вақт мо дар дарс бо донишҷӯён надидаем ва дарсҳояшонро дигарон иваз менамоянд. Ин савол ва чунин рафтор кардани директорони муассисаҳо моро дар як ҳолати ногувор қарор дод.

Ба фаъолияти иттифоқи касабаи донишҷӯён, дар беҳдошти шароитҳои моддӣ маишии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ хостем аз наздик шинос гардем. Бо ин мақсад дар раванди демократикунонии таълиму тарбия дар гурӯҳи озмоишӣ 30 нафар донишҷӯ, (20%) ва дар гурӯҳи назоратӣ 27 нафар донишҷӯ, (17%) ширкат варзида, бо мавқеи ин мақомоти худидоракунии донишҷӯён шиносоии ҳаматарафа ҳосил намуданд.

Бо мақсади ошкор намудани фикру андешаи донишҷӯён мо саволи зеринро ба миён гузоштем: «Муассисае, ки шумо дар он таҳсил менамоед, муассисаи демократӣ ба ҳисоб меравад?»

**Диаграмма №10**




Агар мо диаграммаи 10-ро тавсиф намоем, маълум мешавад, ки донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ воридшавии муносибатҳои демократиро оҳиста-оҳиста дар таълиму тарбия дарк менамоянд. Мисоли равшани он муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ мебошанд, ки аз омӯзишгоҳ ба литсей ва муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ аз техникум ба Коллеҷ табдил дода шуданд. Дар натиҷаи ин навсозӣ мазмуни таҳсилот низ тағйир ёфта, аз рӯи сохтор муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ба олии касбӣ наздик карда шуданд. Дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ кафедраю деканатҳо пайдо гардида, бо зерсохтори муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ табдил дода шуданд, ки ин то як андоза ба беҳдошти таъминоти кадрӣ низ мусоидат менамояд.

Аз 150 нафар донишҷӯёни гурӯҳи озмоишӣ 70 нафар (45,5%) дар бораи нишонаю аломатҳои демократия фаҳмиши хело хуб намоиш доданд, лекин 80 нафар (54,5) дар ин масъала огоҳии пухта надоранд. Аз 150 нафар донишҷӯёни гурӯҳи назоратӣ 90 нафар (59,6%) тарафдори демократикунонии раванди таълим ва тарбия мебошанд, аммо 60 нафар (40,4%) онро дар таълиму тарбия ҳатмӣ ва зарурӣ намешуморанд, ки ин нодуруст мебошад.

**Ҷадвали№ 11**

| Вариантҳо | Гурӯҳи озмоишӣ | | | |
|---|---|---|---|---|
| | То озмоиш | % | Пас аз озмоиш | % |
| Ҳа | 80 | 55,2 | 110 | 73,4 |
| Не | 70 | 44,8 | 40 | 26,6 |
| Ҳамагӣ | 150 | 100,0 | 150 | 100,0 |

Дар ҷадвали № 11 мақсад гузоштем, ки бо гурӯҳи озмоиши ду марҳиларо муқоиса ва натиҷабардорӣ намоем. Дар марҳилаи аввал донишҷӯёни гурӯҳи озмоишӣ агар 80 нафар (55,2%) фаъолона ширкат варзида бошанд, пас аз озмоиш теъдоди онҳо ба 110 нафар (73,4%) расид.

Дар ин ҷадвал бараъло дида мешавад, ки теъдоди донишҷӯёне, ки ба раванди демократикунонии таълиму тарбия мухолиф буданд, коҳиш ёфта, дар шароити муосир тарафдорони он афзоиш ёфтанд.

**Ҷадвали 12.**

Агар, мо ба ҷадвали № 12 бо диққат назар андозем, мебинем, ки донишҷӯёни гурӯҳи назоратӣ ба саволӣ «Оё муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ бе маҷбуркунӣ метавонад демократӣ кунонида шавад?» Ба ин савол 78 нафар (53,4%) донишҷӯён «Ҳа» гуфта ҷавоб доданд, пас аз озмоиш теъдоди онҳо ба 93 нафар (56,8%) афзоиш ёфта расид. Дар раванди корҳои озмоишӣ аз гурӯҳи назоратӣ 72 нафар (46,6%), ки не гуфта буданд, пас корҳои озмоишӣ теъдоди онҳо коҳиш ёфта, ба 57 (43,2%) расид.

| Вариантҳо | Гурӯҳи назоратӣ | | | |
|---|---|---|---|---|
| | То озмоиш. | % | Пас аз озмоиш | % |
| Ха | 78 | 53,4 | 93 | 56,8 |
| Не | 72 | 46,6 | 57 | 43,2 |

Аз рӯи ҷамъбасти корҳои озмоишӣ- таҷрибавӣ мо ба **хулосае** омадем:

1. Тадбирҳои маданӣ- маърифатиеро бояд андешид, ки донишҷӯён бо мубрамияти масъалаи демократикунонии таълим ва тарбия сарфаҳм раванд.

2. Аз методҳои маъмурӣ фармонфармоӣ даст кашида бештар корро дар асоси боварӣ ва ҳамкорию ҳамдигарфаҳмӣ бо роҳ монанд.

3. Пурзӯр намудани назорати иҷроиши супоришҳо ва ба таврӣ демократӣ ҳал намудани масъала.

4. Дар муносибати устоду шогирдон ва муносибати байниҳамдигарии донишҷӯён ворид намудани талаботҳои демократӣ.

5. Ба тартиботи дохилии муассиса дар раванди демократикунонии таълиму тарбия одат кунонидани донишҷӯён.

Педагогикаи муосир дар зери мафҳуми *озмоишҳои педагогӣ* методҳои таҳқиқотро мефаҳмад, ки бо мақсади самаранок гардонидани корҳои таълиму тарбия истифода бурда мешаванд. Озмоиш- ин фаъолияти таҳқиқотие мебошад, ки барои тафтиши фарзияи пешниҳод гардида, барои ҳосил гардидани донишҳои нави таъсиррасон ба фаъолияти педагогӣ гузаронида мешаванд.

Тавре В. В. Краевский қайд менамояд, озмоиш – яке аз соҳаҳои таҷрибаи инсонӣ буда, дар он ҳақонӣ будани фарзияи таҳқиқот ошкор мегардад [28]. Вай мавқеи озмоишро дар ошкор намудани робитаҳои педагогии зуҳуротҳо, дар анъанаҳои инкишоф мебинад.

Ю. К. Бабанский [5], Н. О. Яковлева [56], озмоишҳои педагогиро ҳамчун методҳои маҷмӯии таҳқиқот муаррифӣ менамоянд, ки қодиранд таъминкунандаи илмӣ- воқеӣ гарданд. Мутобиқи андешаи Н.О. Яковлева, озмоишҳои педагогӣ- ин методҳои маҷмӯии таҳқиқотӣ мебошанд, ки барои тафтиши воқеӣ ва ҷавобгӯ будани фарзия хизмат мекунанд. М. Н. Скаткин озмоишҳои педагогиро ҳамчун методи маърифат муаррифӣ менамояд, ки тавассути он зуҳуротҳои педагогӣ, далелҳо, таҷрибаҳо таҳқиқ карда мешаванд.[46]

Оид ба озмоишҳои педагогӣ олимон И. Ф. Харламов, И. П. Подласый, Ю. З. Кушнер андешаҳои қолиби хешро пешниҳод

намудаанд. Дар педагогика озмоиш дар робитаи канданашаванда бо дигар методҳои таҳқиқот гузаронида мешавад. Озмоишҳои педагогӣ хусусияти маҷмӯи доранд, зеро дар он методи мушоҳида, суҳбат, интервю, саволнома, корҳои муоинавӣ барои ба вуҷуд овардани вазъиятҳои гуногун мавҷуданд, ки андешаро устувор мегардонанд.

## Хулосаи боби дуюм

Таҳқиқоти ҷараёни идоракунии дохилии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ибтидо мақсади хешро ҳамчун башардӯстона ва демократӣ гардонидани ҷараёни таълим ва тарбия доштанд, ки дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» ва «Консепсияи рушди таҳсилоти касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ифодаи хешро ёфтаанд.

Башардӯстона ва демократӣ гардонидани идоракунии дохилии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ- ин васеъгардонии ботадриҷ дар раванди идоракунии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ, ширкат варзидани тамоми аъзоёни коллектив мебошад, ки салоҳияти касбиро ташаккул медиҳад. Ин ширкати васеъ- на ҳадаф, балки шароити зарурии ҳалли муттадил гардонидани манфиати иҷтимоӣ, кормандони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ, донишҷӯён ва волидон мебошад.

Демократикунонии идораи муассисаҳо ва раванди таълиму тарбия муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбиро аз тафтишҳои беохир раҳо бахшида, ҳамкории тамоми иштирокчиёни раванди таълим ва тарбияро башардӯстона гардонида, барои ташаккул додани дониш, маҳорат ва малакаи донишҷӯён роҳ мекушояд. Барқарор намудани идоракунии демократии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор мушкилотро пеш меорад:

1. Таъсири низоми маъмурӣ фармонфармоӣ бо раванди демократикунонии ҷараёни таълим ва тарбия халал ворид менамуд.
2. Таъсири он дар низоми идора ва муносибати байни ҳамдигарии донишҷӯёну омӯзгорон дароз мушоҳида карда мешуд.
3. Мушкилотро дар фазои гузаштан ба таҳсилоти ҷаҳонӣ ва иқтисоди бозоргонӣ эҷод менамуд.
4. Ба ин раванд инчунин бӯҳрони сиёсӣ, иқтисодӣ, базаи моддӣ-техникии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ мушкилотро зам менамуд.

5. Аз ҷониби дигар, омодагии нокифояи маориф ва кормандони он дар шароити нави иқтисоди бозоргонӣ бараъло ҳис карда мешуд.

Ба ҷои низоми куҳнаи маъмурӣ- фармонфармоӣ низоми башардӯстӣ, демократикунонии таълиму тарбия ворид гардида, таълиму тарбияро хусусияти навӣ давлатӣ- ҷамъиятӣ бахшида, муассисаҳо бештар мустақилияти фазои таълимиро ноил гардида, «ҳифзи маданияти миллӣ ва анъанаҳои минтақавиро дар шароити давлати сермиллат» шиори худ қарор доданд [125, с.50].

Характери башардӯстона ва демократии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар он мебошад, ки манфиати тамоми миллату халқиятҳоро як хел ҳимоя менамояд ва аз ин рӯ дар байни Конститутсияҳои ҷаҳон аз рӯи характери демократӣ доштанаш ҷойи панҷумро ишғол менамояд. Башардӯстона ва демократӣ гардонидани таълиму тарбия дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ, дар маънои васеи таълиму тарбияи сифатҳои беҳтарини инсониро дар назар дорад.

